**ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 636. 39. 033.**

**ҶАМШЕДЗОДА ХУСРАВ ҶАМШЕД**

# МУКАММАЛГАРДОНИИ СИФАТҲОИ МАҲСУЛНОКИИ ГӮСФАНДОНИ ЗОТИ ТОҶИКӢ БО УСУЛИ СЕЛЕКСИЯИ ДОХИЛИЗОТӢ

Ихтисос: 06.02.07- Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ

Роҳбари илмӣ, д.и.к. Раҳимов Ш.Т.

**ДУШАНБЕ-2024**

## МУНДАРИЧА

**АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ ВА КАЛИМАҲОИ КӮТОҲ КАРДА ШУДА** ....................4
**МУҚАДДИМА**....................5
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**....................9
**БОБИ 1. Шарҳи адабиёт** ....................13
1.1. Система ва технологияи гӯсфандпарварӣ дар Тоҷикистон....................13
1.2. Тавсифи кӯтоҳи таърихи пайдоиши гӯсфандони сергӯшту серравғану думбадор....................14
1.3 Зотҳои маҳаллии гӯсфандони сергӯшту серравған....................20
1.3.1. Зоти гӯсфандони ҳисорӣ....................20
1.3.2.Зоти гӯсфандони ҷойдорӣ....................34
1.3.3. Зоти гӯсфандони сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикӣ....................38
**БОБИ 2. Шароити парвариш, мавод ва усулҳои таҳқиқот**....................51
2.1. Шароити табиӣ ва иқлимии минтақаи гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ....................51
2.2. Мавод ва усулҳои таҳқиқот....................55
**БОБИ 3. Муҳтавои рисола**....................59
3.1. Ҳолати муосири зоти гӯсфандони сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикӣ....................59
3.2. Натиҷаҳои интихоб ва хостагирии гӯсфандон аз рӯйи авлодҳои мавҷудаи дохилизотӣ....................66
3.3. Вазни зинда ва маҳсулнокии пашмии наслҳои аз ҷуфтикунонии байниавлодӣ гирифташуда....................82
3. 4. Баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо роҳи интихоби қӯчқорҳои наслдиҳанда....................93

3.5. Таъсири нигоҳубин ва хӯронидан ба маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва дурагаҳои он........................................98
3.6. Маҳсулнокии гӯштии қӯшқорчаҳои пайдоишашон гуногун.......................................................................................103
3.7. Нишондоди миқдори умумии сафедаҳо дар зардоби хуни гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар синну соли гуногун.....................111
3.8. Нигохдорӣ ва ҳифз намудани захираҳои ирсии гӯфандони зоти тоҷикӣ....................................................................113
3.9. Самаранокии иқтисодии корҳои гузаронидашуда..............................116
ХУЛОСАҲО.......................................................................................118
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАТҚИҚОТ.........................................................................................120
**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**.....................................121

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ ВА КАЛИМАҲОИ КУТОҲ КАРДА ШУДА

Дар рисолаи мазкур аломатҳои шарти ва калимаҳои кутоҳ карда шудаи зерин истифода бурда шудаанд:

АИКТ – Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ВХ - воҳиди хӯрока;

ДАТ - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон;

КОА - Комиссияи олии атестатсионӣ;

МҶБЧ - Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорво;

МДТ - Муассисаи давлатии таълимӣ;

РҚД - рақами қайди давлатӣ;

ИУЧ - Институти умумироссиягии чорводорӣ;

ХКИ - ходими калони илмӣ;

АСТ-аспартат аминотрансфераз;

ФИ - фосфотазаи ишқорӣ;

ФТ - фосфотазаи турш;

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Гӯсфандпарварӣ аз ҷиҳати аҳамияташ дар соҳаҳои чорводории Тоҷикистон мавқеи дуюмро ишғол намуда, дар таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти ғизоӣ (гӯшт ва равған) нақши калонро мебозад.

Бояд қайд намуд, ки низоми қабулгардидаи парвариш - нигоҳубини гӯсфандон тамоми сол дар чарогоҳ бо назардошти мавҷуд будани чарогоҳҳои ҳосилнокиашон баланд имкон медиҳад, ки маҳсулоти нисбатан арзон истеҳсол карда шавад. Ҳамзамон гӯсфандон чарогоҳҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳиро самаранок истифода мебаранд, ин ба даст овардани гӯшти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва равғани думбаро, ки мардуми Осиёи Марказӣ дар тибби халқӣ ҳамчун маводи табобатӣ истифода мебаранд, имконият медиҳад.

Айни замон дар дунё шумораи зоти гӯсфандони ба қайд гирифташудаи маҳаллӣ 995, зотҳои минтақавию сарҳадгузар 134 ва зотҳои байналхалқӣ бошад ба-100 мерасад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қадимулайём ду зоти маҳалии гӯсфандони думбадор - ҳисорӣ ва ҷойдорӣ, як зоти пӯстӣ қароқулӣ дошта, қароқулӣ ва як зоте, ки солҳои 60-уми асри гузашта бароварда шудааст – зоти гӯсфандони гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикӣ, инчунин зоти тоҷикии гӯсфандони маҳинпашм парвариш карда мешаванд.

30 %-и гӯшти исеҳсолшаванда аз ҳаҷми умумии истеҳсоли он дар мамлакат аз ин зотҳои гӯсфандон истеҳсол карда мешавад. Тараққиёти гӯсфандпарварӣ дар Тоҷикистон ба релеф, хусусиятҳои табиию иқлимӣ ва экологию ҷуғрофии он вобастагӣ дорад, зеро зиёда аз 93% ҳудуди онро кӯҳҳои дорои мавзеъҳои калони табиии чарогоҳҳои алпӣ ва субалпии дар минтақаҳои гунонуни амудӣ ҷойгиршуда ташкил медиҳанд. Ин чарогоҳҳо метавонанд ба таври мақсаднок ва самаранок барои парвариши гӯсфандон мавриди истифода қарор гиранд, беҳтар кардани сифатҳои

гӯсфандпарварӣ бошад, дар навбати худ, барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва самаранокии соҳа аҳамияти калон дорад.

Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, имкониятҳои воқеии зотҳои маҳаллӣ ва мадании гӯсфандон барои истеҳсоли маҳсулоти арзон пурра амалӣ карда намешавад. Дар натиҷа дар бисёр хоҷагиҳо парвариши гӯсфандон фоидаи кам оварда, дар баъзе мавридҳо ҳамчун соҳаи камдаромад арзёбӣ карда мешавад. Чунин ҳолати гӯсфандпарварӣ махсусан дар шароити ҳозираи гузариши иқтисодиёт ба муносибатҳои бозоргонӣ ҷустуҷӯ ва дарёфти тарзу усулҳои нави пешқадамро, ки ҳифзи саршумори мавҷуда ва ба таври назаррас зиёд намудани он, ташаккул додани сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии онҳо, инчунин зиёд намудани истеҳсоли гӯшти арзони гӯсфандро имкон медиҳад, тақозо менамояд. Дар ҳалли масъалаи мазкур истифодаи оқилонаи захираҳои зотии гӯсфандон, мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокӣ ва зотии онҳо, ба вуҷуд овардани зоту типҳои нав, аҳамияти калон дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакати аграрӣ мебошад. Тақрибан 75 % аҳолии мамлакат дар деҳот умр ба сар бурда, аз 70 то 95 % -и онҳо дар ихтиёрашон чорво доранд ё ба шуғли соҳаи чорводорӣ ҳавасмандии муйян доранд. Соҳаи мазкур барои гирифтани даромадҳо ва беҳтар шудани некуаҳволӣ дар тамоми сектори кишоварзӣ нақш ва аҳамияти муҳим дорад. Тибқи омори расмии миллӣ ба ҳолати 1-уми январи соли 2024 саршумори бузу гӯсфандони дар ҷумҳурӣ парваришёбанда 6786024 сарро ташкил медаҳад. Ба парвариши чорво асосан чор категорияҳои хоҷагиҳо, ки таи солҳои охир дар мамлакат арзи ҳастӣ намуданд, машғуланд, ки ин хоҷагиҳои шахсии наздиҳавлигӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои давлатии зотпарварӣ ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба ҳисоб мераванд. Қисмати зиёди саршумор дар ихтиёри ду категогияҳои аввали хоҷагиҳо наздик ба 94 % қарор дорад.

Талаботи мавҷудаи аҳолӣ нисбат ба маҳсулоти гӯсфандпарварӣ муносибати фермеронро нисбат ба парвариши ин ё он зот ба куллӣ тағйир дод. Ин дар он инъикос мегардад, ки бештари онҳо бо сабаби доштани

вазни зиёд ва мутаносибан баромади баланди маҳсулоти гӯшту-чарбу ба парвариши гӯсфандони зоти ҳисорӣ машғул мешаванд. Дар мамлакат мавҷуд набудани саноати коркарди пашм сабаби ба мақоми дуюмдараҷа фаромадани парвариши зотҳои серпашми гӯсфандон мегардад. Ин махсусан ба гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикӣ, ки саршуморашон хеле кам шудааст ва дар айни замон наздикии 3000 сарро ташкил медиҳад, таалуқ дорад. Ҳамин гуна камшавии саршумор, аммо ба қадри камтар дар байни гӯсфандони зоти маҳинпашми тоҷикӣ низ ба мушоҳида мерасад.

Ҳолати баамаломада тарҳрезии низоми оқилонаи ҳифз ва истифодаи захираҳои ирсии зотҳои гӯсфандони дар ҷумҳурӣ парваришёбандаро бо назардошти он, ки эҳтимол ин зотҳо дар оянда барои фермерҳо ва чорводорон, ки дар наздашон вазифаи парвариши зотҳои гӯсфандони думаҳсулота ва серпашмро, мутобиқшавии чорворо ба шароитҳои доимо ивазшавандаи иқтисодӣ ва экологӣ, аз ҷумла эҳтимолияти тағйирёбии иқлим мегузорад, нақши муҳимро мебозад.

Маълум аст, ки иҷрои корҳои селексионию зотпарварӣ бо зотҳои саршуморашон кам боз ҳам мураккабтар мегардад, вақте ки саршумори чорво то он сатҳе, ки интихоб ва хостагирии мувофиқ мушкил мегардад. Дар ин ҳолатҳо ба селексионер лозим меояд, ки ҷуфтикунонии хешӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ҷуфтикунонии боз ҳам хешии наздики ҷуфтҳои волидайни чорворо истифода барад.

Дар алоқамандӣ бо ин, мо чунин мешуморем, ки мукаммалгардонии минбаъдаи сифатҳои маҳсулнокии зоти гӯсфандони гӯшту пашму равағандеҳи тоҷикӣ, нигоҳдорӣ ва зиёд намудани саршумори онҳо ба амалӣ гардидани корҳо дар ҳудуди ҷуфтикунонии дохилизотӣ бо истифода бурдани гуногунии таркиби ирсии ин зот алоқамандии зич дорад. Масъалаи мазкур муҳиммияти бурдани корҳои таҳқиқотиро дар ин самт муайян намуд.

**Дарачаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикӣ бо усули зотбарории мураккаби ҷуфтикунонии мешҳои зоти ҳисорӣ бо қӯчқорҳои зоти сароҷинӣ ва мешҳои линколну ҳисорӣ бо қӯчқорҳои сароҷинӣ ва ҳисорӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Таҳқиқотҳои илмӣ доир ба офаридани ин зот таҳти роҳбари шодравон академик Алиев Ғ.А. гузаронида шудаанд. Ин зот соли 1963 бо чунин ном - зоти тоҷикии гӯшту равғану пашмдеҳ тасдиқ шудааст. Муаллифи зот шодравон академик Алиев Ғ.А. мебошад. Гӯсфандони зоти тоҷикӣ дорои сифатҳои баланди гӯшту равғани буда, пашми нимдағал доранд. Пашми яклухт тарошидашуда якхелаи қолинбоф буда, ҷилодор ва рангаш сафеду зардчатоб мебошад. Таркиби пашми гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз тибити маҳиниаш миёна, миқдори зиёди мӯйҳои дарози гузаранда ва миқдори ками қил иборат мебошад. Мӯйҳои хушк ва мурда қариб, ки дида намешавад. Саршумори гӯсфандони ин зот соли 1980 то ба 127000 сар расонида шуда буд.

Бояд қайд кард, ки яке аз хусусиятҳои хоси гӯсфандони ин зот серталабии онҳо ба шароити хӯронидан ва нигоҳубин дар фасли зимистон ва аввали баҳор ба шумор меравад. Ҳамин омил дар солҳои охир, яке аз сабабҳои кам шудани саршумори гӯсфандони ин зот дар шароити давоми сол нигоҳубин намудани онҳо дар чарогоҳҳои куҳӣ гаштааст.

Бо назардошти кам будани саршумори гӯсфандони зоти тоҷикӣ, ташаккул додани сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии онҳо аз тарафи муаллифони зиёд бо истифодабарии ташаккулдиҳии дохилизотӣ бо истифодаи авлодҳо (Алиев Г.А., Макшанов С.Я., 1979; Алиев Г.А., Тен В., Скляр А.Д., 1979; Эргашев Д.Э., 1989 ва диг.), ба роҳ монда шудаанд. Новобаста аз он ки гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз рӯйи нишондодҳои гӯшту равған аз гӯсфандони зоти ҳисорӣ қариб, ки монданӣ надоранд, аммо бо сабабҳои номаълум саршумори онҳо кам шуда истодааст ва ин ҳолат

андешидани чораҳои таъхирнопазирро оид ба нигоҳ доштани зот тақозо мекунад.

Айни замон мавзеи паҳншавӣ ва афзоишёбии онҳо хусусиятҳои минтақавӣ дошта, танҳо якчанд ноҳияҳои ҷумҳуриро дар бар мегирад. Бо назардошти ин чунин мешуморем, ки гузаронидани корҳои илми - таҳқиқотӣ, ки ба зиёд намудани саршумори гӯсфандони ин зот ва беҳтар гардонидани нишондодҳои маҳсулнокии онҳо равона карда шудаанд, омили муҳим мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар асоси барномаи комплексии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба чорводорӣ (РКД 0116TJ00549) дар давраи солҳои 2010-2016 гузаронида шудаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** - баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо истифодаи селексияи дохилизотӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- муайян намудани ҳолати муосири сохтори генеологии зот;
- интихоб ва хостагирии ҷуфтҳои волидайнӣ аз рӯйи авлодҳо;
- омӯзиши расиш ва инкишофи ҷавонаҳои аз усулҳои гуногуни интихоб ва ҷуфтикунонӣ ба даст овардашуда;
- муайян намудани маҳсулнокии гӯштӣ ва пашмии наслҳо;
- усулҳои зиёд гардонидани саршумори зот бо истифодаи усули ҷуфтикунонии байнизотӣ;
- муайян намудани самаранокии иқтисодии усулҳои гуногуни таҳқиқот.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот гӯсфандони зоти тоҷикии гӯшту равғану пашмдеҳи сохтори пайдоишашон гуногуни хоҷагиҳои зотпарварӣ.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мукаммалгардонӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ.

**Навгонии илмӣ.** Мукаммалгардонидани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва баланд бардоштани сифатҳои зотии онҳо, тарҳрезӣ намудани усулҳои селексияи дохилизотӣ ва дар асоси он гузаронидани корҳои селексионии мақсаднокро талаб менамояд. Бинобар ин сабаб, навгонии илмии таҳқиқоти мазкур ба гузаронидани омӯзишҳо оид ба муайян намудани афзоиши рушд ва инкишофи гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикӣ дар давраи онтогенез вобаста ба интихоб ва хостагирии онҳо аз рӯйи авлодҳои мавҷуда дар дохили зот, омӯхтани самаранокии ҷуфтикунонии меш ва қӯчқорҳо аз рӯйи мансубияти онҳо ба авлод ва таъсири он ба сифати насл, маҳсулнокии гӯштию пашмӣ ва дар ин асос кор карда баромадани самаранокии селексияи дохилизотӣ аз рӯйи авлодҳо, иборат мебошад.

**Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти гузаронидашуда аз ҷиҳати амалӣ нисбати баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва ҳифзнамоии гуногуннамудии генеологии зоти гӯсфандони дар минтақаҳои гуногун парваришёбандаро таъмин менамояд. Натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ дар корҳои селексионӣ оид ба мукаммалгардонидани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикии хоҷагии зотпарварии С. Шерназаров ва Парваришгоҳи давлатии ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон, ҷорӣ карда шудааст.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Гуногуннамудии сохтори генеологии гӯсфандони зоти тоҷикӣ;
2. Баланд бардоштани маҳсулнокии онҳо бо усули интихоб ва хостагирии дохилизотӣ;
3. Омӯзиши маҳсулнокии гӯштии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва дурагаҳои он;
4. Муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши гӯсфадони зоти тоҷикӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натичаҳои таҳқиқотҳои иҷрогардида, асоснокунии илмии онҳо, натиҷагириҳо ва тавсияҳо, ки дар кор оварда шудаанд, интихоби дурусти равандҳои таҳқиқот ва методикаи иҷроиши он, мувофиқати натиҷаҳои бадастоварда бо шарҳи адабиётҳои дигар, тасвиби натиҷаҳои бадастомада ва коркарди биометрии маводи аввалия бо истифода аз барномаи компютерии "Microsoft Excel" тасдиқ мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Аз ҷиҳати илмӣ парвариш, мукаммалгардонии сифатҳои зотӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ мутобиқи шиносномаи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи чорвои кишоварзӣ асоснок карда шудааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия самт ва усулҳои таҳқиқоти интихобкардаи худро аз ҷиҳати назариявӣ мустақилона асоснок карда, усулҳои мукаммалгардонии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикиро муайян намуд. Муаллиф усулҳои интихобгардидаи таҳқиқот, ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ-хоҷагидориро оид ба омӯзиши самаранокии мукаммалгардонии дохилизотии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикиро муайян намуда, маълумоти бадастовардашудаи таҷрибавиро ба таври оморӣ коркард карда, натиҷаҳои таҳқиқотро дар нашрияҳо инъикос намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар:

- ҷаласаҳои ҳарсолаи кормандони кафедраи зотпарварӣ ва генетикаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур (солҳои 2010-2016);
- дар конференсияи байналмилалии илмию-амалии Инстиути чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ "Ҳолат ва дурнамои

мукаммалгардонии хусусиятҳои ирсию маҳсулнокии гӯсфандони зотҳои думбадор”, с. 2021;

- дар ҷаласаи васеи кафедраи зотпарварӣ ва генетикаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур бо фаро гирифтани олимони дигар кафедраҳо ( соли 2021) ба таври маъруза гузориш дода шудаанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқот дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров ва Парваришгоҳи давлатии гӯсфандони зоти тоҷикии ноҳияи Хуросони Вилояти Хатлон татбиқ гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи диссертатсия 7 мақолаҳои илмӣ нашр шудааст, аз ҷумла 3 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 139 саҳифаи матни чопи компютерӣ омода карда шуда, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, мавод ва усулҳои таҳқиқот, муҳокимаи натиҷаҳо ва тавсияҳои амалӣ, ҳамчунин феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 147 номгӯйро дарбар мегирад. Диссертатсия 26 ҷадвал ва 11 расм дорад.

# I. ШАРҲИ АДАБИЁТ

Гӯсфандпарварӣ дар Тоҷикистон яке аз соҳаҳои қадимтарин ва дӯстдоштаи халқ буда, нигоҳубин ва парвариши он дар байни аҳолӣ анъана шудааст.

## 1.1. Система ва технологияи гӯсфандпарварӣ дар Тоҷикистон

Дар интихоби системаи пешбурди гӯсфандпарварии ҷумҳурӣ бо истифодаи бештари чарогоҳҳои табии дар мавсимҳои сол, пурра истифода бурдани истеҳсоли хӯрока аз чарогоҳҳо ва марғзорҳо бояд меъёри асосӣ ба ҳисоб равад. Дар Тоҷикистон чарогоҳҳои дар водӣ ҷойгирбудаи зимистонаю баҳорӣ назар ба кӯҳии тобистонаю тирамоҳӣ зиёдтар аст. Гӯсфандон 7-8 моҳ дар чарогоҳҳои зимистонаю баҳорӣ ва 4-5 моҳ дар чарогоҳҳои тобистона нигоҳубин карда мешаванд. Чунин ҳолат боиси нобаробар таъмин гаштани чорво бо хӯрока дар мавсимҳои сол ва норасоии хӯрока дар фасли зимистон мегардад.

Ин ҳолатро ба назар гирифта, дар ноҳияҳои мавзеи водигӣ ва назди кӯҳии ҷумҳурӣ системаи нигоҳубини чарогоҳию нимоғилӣ пешниҳод карда мешавад: дар давраи тобистону тирамоҳ гӯсфандон дар чарогоҳҳои кӯҳӣ, дар зимистону баҳор дар чарогоҳҳои водӣ ва наздикӯҳӣ нигоҳдошта мешаванд. Дар ин маврид чорво тахминан 75 %-и хӯрокаро аз чарогоҳҳои табиӣ ва 25 %-ро дар шакли ғизоии иловагӣ дар давраи зимистону баҳор мегиранд.

Стратегияи ба роҳмондани парвариши даромадноки гӯсфандпарварӣ дар мамлакат аз зиёд намудани саршумори чорвои модаи наслдиҳанда ва беҳтар намудани сифати маҳсулот иборат аст. Вазни қиёсии мешҳои наслдиҳанда дар сохтори рамаи гӯсфандони қароқӯлӣ бояд ба 75 – 78 %, ҳисорӣ 67 – 70 %, тоҷикӣ ва ҷойдорӣ 65 -68 %, маҳинпашм 60 – 65% расонида шавад.

Маълум аст, ки дар шароити ҷумҳурии мо гӯсфандон дар айни замон то 90 %-и хӯрокаро аз чарогоҳҳо гирифта, амалан бо хӯрокаҳои серғизои емворӣ (консентратӣ) таъмин карда намешаванд.

То андозае зиёд шудани саршумори гӯсфанд ва беҳтар гаштани нишондодҳои сифатии онҳо ба ҳатман ҷудо намудани мавзеъҳои чарогоҳӣ ва алафдаравҷойҳо бо мақсади нигоҳ доштани гӯсфандон, риояи технологияи парвариши онҳо дар хоҷагиҳои фардӣ, деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ мусоидат мекунад.

Барои зиёд намудани истеҳсоли гӯшти гӯсфанд (зиёда аз 30 % аз ҳаҷми умумии истеҳсоли гӯшт дар ҷумҳурӣ) ва беҳтар намудани сифати он (аз ҷиҳати экологӣ тоза) истифодаи тарзи қитъа ба қитъа чаронидани чорво дар чарогоҳҳои тобистона ва парвоии (бӯрдоқикунӣ) саршумори барои гӯшт ҷудошуда аҳамияти калон дорад.

Дар шароити ҷумҳурӣ қариб ҳамаи зотҳои гӯсфандони раванди маҳсулнокташон гуногун парвариш карла мешаванд, ки ҷунин зотҳоро дар бар мегиранд: гӯшту-равғандиҳанда; гӯшту-равғану-пашмдимҳанда; пашмдиҳанда; пӯсти қароқулидиҳанда ва дурагаҳои гуногуни онҳо.

## 1.2. Тавсифи кӯтоҳи таърихи пайдоиши гӯсфандони сергӯшту серравғану думбадор

Ҳанӯз дар ибтидои асри XX дар худуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ намудҳои зиёд ва гуногуни зотҳои гӯсфандони думбадор, ки ареали васеи паҳншавӣ доштанд, парвариш меёфтанд. Дар Қрим ва ноҳияҳои ҷанубии Украина гӯсфандони зоти чунтукӣ, дар паҳноии талу теппаҳои Дон – нугайӣ, дар заминҳои назди баҳри Каспий – қалмиқӣ, дар Қафқози Шимолӣ - маничей, дар Сибир - ординӣ, дар Қазоқистон - эдилбойӣ ва як қатор шаҷараҳои гӯсфандони думбадор, ки бо номҳои маҳалли, дар Қирғизистон - қараколӣ, наришӣ, чуйӣ ва олойӣ, дар Туркманистон -

гӯсфандони думбадори тахҷоӣ ва сароҷинӣ, дар Ӯзбекистон - ҳисорӣ ва ҷойдорӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳисорӣ, ҷойдорӣ, тоҷикӣ парвариш карда мешаванд.

Ба ҳамаи ин зотҳо ва гуногуннамудии гӯсфандони думбадор ба қадри муайяне хосиятҳои умумии шаклҳои беруна, тану туши бақувват, дараҷаҳои гуногуни зоҳиршавии аломатҳои сергӯштию серравғанӣ ва серпашмӣ, мутобиқшавии хуб нисбат ба гузариши тӯлонии нигоҳубини солонаи ронда бурдану чарогоҳӣ, хос мебошад.

Ранги ҳамаи зотҳои тахҷойӣ ва авлодҳои гӯсфандони думбадор сиёҳ, бӯр ё зардчатоб мебошад. Гӯсфандони зоти ҳисорӣ аз шох маҳруманд, фақат дар қӯчқорҳо гоҳе таҳкурсии шоххо вомехӯранд, мешҳои зоти ҷойдорӣ, эдилбойӣ ва сароҷинӣ низ шох надоранд.

Қонеъ гардонидани талаботи саноат бо ашёи пашмӣ ҳамчун асоси таҳқиқоти олимон оид ба табдилдиҳии васеи гӯсфандони думбадор ба гӯсфандони зоти серпашм сабаб шуд. Дар асоси ин, дар солҳои минбаъда саршумори зиёди зотҳои нави гӯсфандни нимдуруштпашм, маҳинпашм ва ниммаҳинпашм ба вуҷуд оварда шудаанд.

Бо туфайли сохти бадани (конститутсия) қавӣ ва тобоварӣ, маҳсулнокии зиёди гӯштӣ ва зудрасӣ, гӯсфандони думбадорро ба таври васеъ ҳангоми офаридани зотҳои нав истифода бурдаанд. Бо роҳи ҷуфтикунонӣ онҳо бо қӯчқорҳои зотҳои гӯсфандони маҳинпашм, ниммаҳинпашм ва нимдуруштпашм дар Қазоқистон зотҳои мериноси қазоқистонии ҷанубӣ, мериноси шимолии қазоқистонӣ, зоти маҳинпашми қазоқӣ ва як қатор дигар зотҳо, дар Қирғизистон зоти гӯсфандони қирғизии маҳинпашм ва ниммаҳини тиёншонӣ, дар Тоҷикистон бошад, зоти нимдуруштпашми тоҷикиро ба вуҷуд овардаанд.

Гӯсфандони думбадор дар пурра намудани захираҳои гӯштии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон аҳамияти калон доштанд ва ҳоло ҳам доранд. Талаботи зиёд нисбат ба гӯшти гӯсфанд бояд ба

мукаммалгардонии зотҳои думбадор дар самти баланд бардоштани зудрасӣ, сернаслӣ, зоҳиршавии мустаҳкамии қаду баст ва маҳсулнокии сергӯштию серравғании онҳо, қобилияти паст намудани арзиши хӯрока ва додани маҳсулоти зиёд дар шароити чарогоҳӣ, мусоидат намояд. Аз байни зотҳои гӯсфандони думбадор ба ин талабот аз ҳама беҳтар гӯсфандони зоти ҳисорӣ ҷавобгӯ мебошанд. Ин гӯсфандон аз рӯйи ҳама нишондодҳои маҳсулнокии гӯштию равғанӣ ҷойи аввалро ишғол менамоянд.

Ба гуфтаҳои дар боло зикргардида метавон боз илова намуд, ки тамоми зотҳои қадимӣ ва таҳҷоии гӯсфандони думбадор (авлодҳои таҳҷоии гӯсфандони думбадори қазоқӣ, гусфандони эдилбойӣ, гӯсфандони думбадори қирғизӣ ва қалмиқӣ, ҷойдорӣ, ҳисорӣ) дар бештар ҳолат дорои пашми гуногунҷинси дағал мебошанд ё ин, ки ба зотҳои нимдуруштпашм (гӯсфандони сироҷинӣ) мансубанд. Ба зоти гӯсфандони нимдуруштпашм, ҳамчунин қисмати зиёди зотҳои нави гӯсфандони думбадор (тоҷикӣ, олойӣ, каргалинӣ) мансуб дониста шудаанд. Ҳамчунин дар Қазоқистон зоти ниммаҳинпашми думбадори гӯсфандон - зоти дегерессӣ ба вуҷуд оварда шудааст (Садиқулов Т.С., 1986).

Масъалаи пайдоиши гӯсфандони сергӯшту серравғани думбадор, то ҳоло гуфтан мумкин аст, ки баҳсталаб мемонад. Нисбати ин масъала фикру ақидаҳои мухталиф баён гардидаанд. Тибқи гуфтаҳои академик Носонов Н.В. (1923) пешавлодони ин гӯсфандон қӯҷқори ёбоии арғалӣ (ovis ammon), ки дорои шохҳои на он қадар инкишофёфта ва миқдори зиёд тибит ва пашм буданд, ба шумор меравад. Муаллиф тахмин мекард, ки ареали аввали паҳншавии ин зоти гӯсфандон Муғулистони Ғарбӣ мебошад. Ин нуқтаи назарро Лус Я.Я. ва Медведев Н.Н. низ (1928) тарафдорӣ намудаанд.

Лушихин М.Н. (1964) чунин меҳисобид, ки гӯсфандони думбадор дар натиҷаи таҳаввулоти давомнок дар байни мардумони кучманчии

Муғулистони Шарқӣ ба вуҷуд омадаанд ва аз он ҷо ҳамроҳ бо қабилаҳои муғул ҳангоми тохтутози тотору муғулҳо паҳн гардидаанд.

Академик Ғафуров Б.Ғ. дар китоби худ “Тоҷикон” (1989 ) қайд менамояд, ки яке аз намояндаи гӯсфандони думбадор гӯсфанди зоти ҳисорӣ дар асри VI дар шароити кӯҳии сарзамини Ҳисори бостонӣ бо усули селексияи халқӣ офарида шуда, ҳамчун рамзи ифтихори баланди миллии тоҷикон дар инкишофи соҳаи чорводорӣ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Номи худро зоти гӯсфанди ҳисорӣ аз рӯйи минтақаи парвариши онҳо, яъне водии “Ҳисор” –и Тоҷикистон гирифтааст.

Ҳанӯз дар соли 1298 сайёҳи машҳур Марко Поло зоти гӯсфандони ҳисориро дар қаламрави ҳамин мавзеъ вохӯрда, таасуроти худро оид ба ин гӯсфандон дар китоби худ чунин қайд намудааст: «Гӯсфанд аз рӯйи ҷусса ба монанди маркаб, дорои думбаи ғафсу калон бо вазни 30 фунт. Гӯсфандони фарбеҳи рағанӣ, дорои гӯшти болаззат».

Ба ақидаи Б. Н. Васин (1943), дар шаклгирии гӯсфандони дунбадори ҳисорӣ таъсири архари Помирӣ вуҷуд дорад.

Паҳн гаштани зоти гӯсфандони думбадор дар ҳудудҳое, ки онҳо дар замони ҳозира парвариш меёбанд, асосан аз асри XIII ибтидо мегирад. Тибқи ақидаҳои пештараи Кияткин П.Ф., ки ҳанӯз соли 1952 ифода намуда буд омадааст, ки ҳамаи зотҳои гӯсфандони думбадор аз як зоти пешгузаштааш – аргалии ёбоӣ пайдо шудаанд. Ба Туркистон ин гӯсфандони думбадор аз Муғулистон аз ҷониби турку муғулҳо дар асри XIII оварда шудаанд. Минбаъд онҳо дар натиҷаи таъсири шароитҳои гуногуни хӯрокдиҳӣ ва иқлимии ноҳияҳои маскунбуда ба якчанд шохаи зот тақсим гаштаанд. Баъдтар Кияткин П.Ф. нуқтаи назари худро доир ба зоти гӯсфандони думбадор дигар намуда, дар монографияаш, ки соли 1968 ба табъ расидааст, қайд менамояд, ки ватани гӯсфандони думбадор Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар ин асараш ба нишондодҳои археологӣ ва таърихӣ такя намуда, ба чунин хулоса меояд, зеро қабилаҳои дар Осиёи Миёна сукунат дошта зоти гӯсфандони думбадорро ҳанӯз 2000 сол пеш аз эраи нав парвариш мекарданд.

Ӯ соли 1976 менависад, ки гӯсфандони думбадор дар ҳудудҳои Ӯзбекистони ҳозира аз давраҳои қадим парвариш карда мешуданд. Онҳо тавассути селексияи халқӣ ва интихоби табиӣ офарида шудаанд, аммо худи онҳо аз гӯсфанди ёбоии зоти аргалӣ, ки ҳоло ҳам дар минтақаҳои кӯҳӣ скунат дорад, пайдо шудаанд.

Москоленко А.Н. (1979) ба таҳқиқоти навтарин шуруъ намуда, қайд менамояд, ки ҳамаи зотҳои омӯхташудаи гӯсфандони хонагии дар Аврупо ва Осиёи Миёна парваришёбанда дорои ҳамон кариотипе мебошанд, ки дар гӯсфанди ёбоии муфлон вомехӯрад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки муфлонро ягона пешгузашта ё авлоди гӯсфандони хонагӣ, маркази пайдоиши онҳоро бошад - Осиёи Пеш ва мамлакатҳои Баҳри Миёназамин, дар ҷое, ки муфлонҳо ҳоло сукунат доранд, ҳисобид. Баъдтар гӯсфандони хонагӣ кардашуда ба ҳудудҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон аз Осиёи Пеш ворид карда шудаанд.

Дар минтақаҳои талу теппагӣ ва биёбонии Осиёи Миёна, ҷое, ки шароити парвариши гӯсфандон хеле бад буд ва он асосан ҷойивазкуниҳои тӯлонӣ ва ғизогирии нобаробарро дар мавсимҳои сол дарбар мегирифт, инсон барои қабилаҳои худ ҳайвоноти нисбатан бақувват ва захираи беҳтари чарбдоштаро интихоб намуда мегирифтанд, зеро онҳо дар давраи норасоии хӯроки зимистона, ки барои шароитҳои кӯчманчигии экстенсивии хоҷагиҳо хос мебошад, беҳтар мутобиқ мешуданд ва зинда мемонданд. Ҳамин тавр, намудҳои гуногуни гӯсфандони думбадори сергӯшту серравған, ки ба бунёди чунин зотҳои номӣ аз қабили зоти ҳисорӣ дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, сароҷинӣ дар Туркманистон ва эдилбойӣ дар Қазоқистон асос гузоштанд, офарида шудаанд.

Дар раванди таҳаввулоти тӯлонӣ дар гӯсфандони думбадори сергӯшту серравған тағйироти муайяни доместикатсионӣ (тағйироте, ки ҳангоми ром ва хонагишавии ҳайвоноти ваҳшӣ ба амал меоянд) аз қабили: афзудани сернаслӣ, тағйирёбии сохтори пӯст ва рӯйпӯши пашмӣ, беҳ шудани сифат ва зиёд шудани миқдори гӯшт ва ғайраҳо ба миён

омадаанд. Аммо нишонаи аз ҳама хос барои гӯсфандони думбадори сергӯшту серравған тағйироти доместикатсионии дум, ки дар натиҷаи он ҷамъшавии маҳдуд (локалӣ)-ии фаровони чарб дар мавзеи устухони думғоза ва ронҳо дар намуди думба ба миён омадааст, маҳсуб меёбад.

Табдилёбии зоти гӯсфандоне, ки чарбуяшон дар қисмати болоӣ ва зери пӯст ҷойгирифта ба зоти гӯсфандони думбадор мунтазам ба амал омад ва нақши асосиро дар ин раванд,аз руйи натичахои мушоҳидахо интихоби табиӣ бозидааст. Ҳайвоноте, ки дорои ҷамъшавии баръало маълуми чарб мебошанд, норасоии шадиди мавсимии хӯрокиро хуб аз сар гузарониданд, нисбат ба табодулоти тӯлонӣ бештар мутобиқ шуданд ва махз одамон ба ҳамин хотир онҳоро барои парвариши минбаъда дар қабила боқӣ гузоштанд. Дар натиҷаи садсолаҳои бешумори тӯлонӣ, мумкин, ки ҳазорсолаҳо тавассути интихоби самтнок зоти нави гӯсфандони думбадор пайдо шудаанд.

Чӣ тавре, ки маълум аст, гӯсфандони зотҳои гуногунро аз рӯйи шакли дум ба зоти гӯсфандони пашмдарозу думдароз, кӯтоҳ ва дароздуми серравған ва думбадор тақсим мекунанд. Гӯсфандони думбадор ҳамагӣ 5-8 мухраҳои дум доранд. Ҷамъшавии фаровони чарб дар ронҳо ва атрофи мухраҳои дум номи думбаро гирифтааст. Ин ҷамъшавиҳои чарб пурра думро паноҳ мекунанд, аз ин рӯ гӯсфандони думбадор ба назар бедум менамоянд.

Дар бештар маврид чунин шаклҳои думба: «кашол», «осиёбмонанд» ва «чарха» вомехӯранд. Дар солҳои охир самти таҳқиқот барои бавуҷудории думбаи бардошташуда равона карда шудааст.

Аз замонҳои пеш ба хосиятҳои сергӯштӣ ва серравғании гӯсфандони думбадор баҳои баланд дода мешавад. Ҳанӯз профессор Кулешов П.Н. (1952) навишта буд: «Зотҳои думбадор, ба чунин вазни калон расида, ба монанди зотҳои сергӯшти англисӣ, аз рӯйи баъзе ченакҳо мебошанд, ки назар ба зотҳои англисӣ ба ғайр аз сергӯштиашон, гарчанде, ки на он қадар маҳин ҳам бошад, чарби аълосифати думбагӣ

медиҳанд, ки он тезобшаванда ва маҳин буда, метавонад шири говро иваз намояд».

## 1.3. Зотҳои маҳаллии гӯсфандони сергӯшту серравған

Дар Тоҷикистон қисми асосии гӯсфандони думбадор ба зотҳои равандашон сергӯшту серравған мансуб мебошанд. Онҳо зудрас ва ба шароити чарогоҳ хуб мутобиқ мебошанд. Гӯсфандони думбадор ба шароитҳои дар давоми сол нигоҳдоштан дар куҳистону биёбон хеле хуб мутобиқанд. Ба онҳо қобилияти баланди нигоҳдорӣ ва тобоварӣ нисбат ба шароитҳои сукунати экстремалӣ хос мебошад.

### 1.3.1. Зоти гӯсфандони ҳисорӣ

Гӯсфандони зоти ҳисорӣ таърихи пайдоиши қадимӣ дошта, аз рӯйи самти маҳсулнокӣ ба зотҳои мадании муосир мансуб аст, дорои нишондодҳои баланди вазни зинда ва мувофиқа ба ин маҳсулнокии гӯшту равғанӣ мебошанд.

Бо ақидаи олимон ва таърихшиносон гӯсфанди зоти ҳисорӣ дар давраи асрҳои VI –VIII бо усули селексияи халқӣ дар Тоҷикистон ба вуҷуд оварда шудааст. Номи худро зоти гӯсфанди ҳисорӣ аз рӯйи минтақаи парвариши онҳо, яъне водии “Ҳисор” –и Тоҷикистон гирифтааст.

Ба ақидаи Васин Б. Н.(1943), дар шаклгирии гӯсфандони дунбадори ҳисорӣ таъсири архари Помирӣ вуҷуд дорад.

Қармишева Б.Х. (1953) дар асосӣ маводҳои этнографӣ қайд менамояд, ки офаридани гӯсфанди зоти ҳисорӣ таърихи дуран дароз дошта авлодҳои зиёди мардуми форсу турк забонҳо, қарлуқҳо ва барлосҳо саҳми зиёд доранд.

Ҷолиби даққат мебошад, ки соли 1912 гӯсфандони зоти ҳисорӣ дар намоишгоҳи дастовардҳои хоҷагии халқи давлати Россияи подшоҳӣ дар шаҳри Москва аз ҷониби бекигарии ҳамондавраи Ҳисор пешниҳод ва ба намоиш гузошта шуда, ба онҳо барои ҷуссаи калон ва вазни зиндаашон баҳои баланд дода шудааст.

Мавриди қайд аст, ки бори аввал гӯсфандони зоти ҳисорӣ солҳои 1916 – 1928 аз ҷониби олимон Червинский Н.П. ва Елагин В.Б. шарҳу тавсифи илмӣ дода шудаанд, вале ба таври муфассал онҳо солҳои 1927-1928 дар Тоҷикистон аз ҷониби экспедитсияи Институти зоотехникии ш. Москва омӯхта шуда буданд. Натиҷаҳои корҳои экспедитсия аз ҷониби Азаров С.Г. соли 1928 дар монографияи «Гӯсфандони ҳисорӣ» ва соли 1930 дар китоби «Гӯсфандпарварӣ дар Тоҷикистон», дар қисми «Гӯсфандони ҳисорӣ» (муаллифон Азаров С.Г. ва Бригис О.И.) оварда шудаанд. Дар оғози монографияи «Гӯсфандони ҳисорӣ», ки аз ҷониби С.Г. Азаров соли 1928 аз рӯйи маълумотҳои экспедитсияи Институти зоотехникии шаҳри Москав, таҳти роҳбарии олимони машҳур, профессорон М.Ф. Иванов ва П. Н. Кулешов амалӣ гардидабуд, аллакай ба ин зоти нодири гӯсфандон баҳои баланд дода шудааст. Дар давоми фаъолияти экспедитсияи мазкур 30 ҳазор сар гӯсфандони ҳисорӣ мавриди омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шуда, аз онҳо 616 сар ба таври индивидуалӣ омӯхта шуданд. Вазни зиндаи қӯшқорҳои калонсол 115-130 кг – ро ташкил медод. Лекин дар давоми фаъолияти экпедитсия олимони институт 3 сар қӯшқорро вохӯрданд, ки вазни зиндаи онҳо 196 кг-ро ташкил медод.

 

Расми 1.- Қӯчқорҳои зоти ҳисорӣ (Азаров С.Г. – 1928 с. )

Баъдан оид ба гӯсфандони зоти ҳисорӣ М. А. Ермеков., С.Г. Давидов., П.Ф. Кияткин, (1935,1952,1968), Л.П. Бутиков (1975), Форсихонов С.И. (1981) ва дигарон фикру ақидаҳои худро муффасал баён намудаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар самти такмил додани хусусиятҳои ирсию маҳсулнокии зоти гӯсфандони ҳисорӣ олимони шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпарварии Институти илмию таҳқиқотии чорводории Тоҷикистон (дар айни замон Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ), ки соли 1931 ҳамчун аввалин стансияи илмию таҷрибавии ҷумҳурӣ оид ба соҳаи чорводорӣ таъсис ёфта буд, корҳои илмию селексионӣ оғоз гардида, то имрӯз бомаром идома ёфта истодаанд.

Дар ҷадвали 1 маълумот оид ба вазни зиндаи гӯсфандони зоти ҳисорӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1** - Вазни зиндаи гӯсфандони зоти ҳисорӣ
(тибқи маълумоти Раҳимов Ш.Т., 2000)

| Синну сол | Миқдори саршумор | Вазни зинда ба ҳисоби миёна, кг | |
|---|---|---|---|
| | | қӯчқорҳо | модинаҳо |
| Вақти таввалуд | 180 | 5,2 | 4,8 |
| 4,5-5,0 моҳа | 150 | 44,3 | 40,5 |
| 1,0 сола | 50 | 55,5 | 48,0 |
| 1,5 сола | 40 | 95,5 | 65,5 |
| 2,0-3,0 сола | 35 | 135-140 | 88-92 |
| 3,0-4,0 сола | 25 | 135-165 | 75-108 |

Чи тавре, ки аз нишондодҳои ҷадвали 1 бар меояд вазни зиндаи мешҳои миёнасол ба ҳисоби миёна 88-92 кг ва дар давраи калонсолӣ 75 - 108 кг-ро ташкил додааст.

Вазни зиндаи қӯчқорҳои калонсол бештар аз 135 то192 кг калавиш мехӯрад. Дар синни яксолагӣ вазни миёнаи зиндаи қӯчқорбарраҳо 55,5 кг, дар синни 1,5 солагӣ 95,5 кг-ро, модинаҳо бошад мутаносибан, 48,0 ва 65,5 кг ташкил намудааст.

Вазни калони зинда, сифати беҳамтои сергӯштию серравғанӣ, зудрасӣ, устухонбандии мустаҳкам ва қаду басти бақувват, мутобиқшавӣ нисбат ба шароитҳои номусоиди иқлимӣ гӯсфандони ҳисориро ба куллӣ аз дигар зотҳои гӯсфандон фарқ мекунонад.

Баландӣ то кӯҳони қӯчқорҳо ба ҳисоби миёна 87 см, дар мешҳо -79 см, дарозии каҷи бадан, мутаносибан 87 ва 85 см, паҳнии қафаси сина - 22 , чуқурии қафаси сина 35,5 см-ро ташкил менамояд. Тароши пашми миёнаи солона дар қӯчқорҳои калонсол 1,4 кг, дар мешҳо бошад, 1,2 кг ташкил намуда, дағалии пашм ба тароши он таъсири манфӣ мерасонад.

Гӯсфандони ҳисорӣ хусусияти баланди зудрасӣ дошта, махсусан барраҳои модина тез вазн гирифта, дар синни 1,5 солагӣ вазни зиндаи онҳо аз вазни зиндаи гӯсфандони болиғ 95 %-ро ташкил намуда, дар

синни соли 2,5 солагӣ вазнашон ба вазни гӯсфандони калон баробар мешавад.

Гӯсфанди зоти ҳисорӣ дар байни гӯсфандони думбадор калонҷуссатарин гӯсфанд дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, ин гӯсфандон ҳоло ҳам дорои ин имконият ҳастанд. Ҳамин тавр, аз таърихи гӯсфандпарварии зотӣ ҳисорӣ маълум гардид, ки ҳангоми дарозии бадани қариб якметра, вазни зиндаи баъзе қӯчқорҳо то 216 кг, қӯчқорбарраҳои 5-6 моҳа бошад то 60-65 кг мерасад. Дар қӯчқорҳои алоҳидаи бӯрдоқишуда вазни қассобишавандаашон ба 105-110 кг ва аз он ҷумла вазни думбаашон 40 - 45 кг мерасад.

Дар марҳилаи муосир гӯсфандони зоти ҳисорӣ ба ҳмсоби миёна дорои чунин нишондодҳои маҳсулнокӣ мебошанд: вазни зиндаашон ҳангоми таваллуд дар баррачаҳои модина-5-6 кг, дар қӯчқорбарраҳо-5,5-6,5, баррачаҳои 6-моҳа мутаносибан 40-45, ва 45-48, 18 моҳа, мутаносибан, 60-65 ва 80-90 кг, мешҳои калонсол 70-80 ва қӯчқорҳо-120-165 , дар гӯсфандони беҳтарин бошад, мутаносибан 135-185 кг.

Дар айни замон корҳои хушзоткунӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти ҳисорӣ асосан дар самти зиёд намудани вазни зинда, зудрасӣ ва сернаслии онҳо дар дохили зот гузаронида мешавад.

Дар байни гӯсфандони ҳисорӣ се типҳои конститутсиалии - маҳсулнокӣ – типи «А», «Б» ва «В»-ро фарқ мекунанд.

Типи «А» - гӯсфандоне, ки дорои устухонбандии мустаҳаками муътадил, тану тӯши боқувват, шаклҳои баръало намоёни намуди зоҳирӣ ва сифатҳои хуби сергӯштию серравғанӣ ва пашмӣ дар дохили зот ба талабот ҷавобгӯ буда, мебошанд.

Типи «Б» - гӯсфандони ин тип устухонбандии ниҳоят боқувват, сари калони вазнин, конститутсияи дағал ва сифатҳои баръало маълуми сергӯштию серравғанӣ, аммо пашми ниҳоят бесифат, ки дорои бисёр мӯйҳои хушк ва мурда мебошад, фарқ мекунанд.

Типи «В» - ба ин гӯсфандон устухонбандии нозуки на он қадар хуб инкишофёфта, сохти бадани нозук, сари сабук, бадани нисбатан борику сабук, сандуқи синаи на он қадар инкишофёфта, думбаи андозааш хурд, аммо пашми нисбатан дароз ва мулоим, хос мебошад.

Тибқи маълумоти Осипова В.А. (1970) таносуби миқдори ин типҳо дар рама бо чунин тарз: «А» - 58, Б» - 22,9 ва «В»-18,6% зоҳир мегардад. Тибқи таҳқиқотҳои ин олим муқаррар карда шудааст, ки дар вақти таваллуд вазни зиндаи баррачаҳои типи “Б” нисбат ба типи “А” то 23,1% ва дар баробари ин типи “А” нисбат ба типи “В” то 18,2% зиёд мебошад. Дар синни 3,5 солагӣ аз рӯйи ин нишондод мешҳои типи “Б” ҳамсолони типҳои “А” ва “В” мутаносибан ба миқлори 5,12 ва 12, 44 кг бартарӣ доранд.

Омӯзиши хусусиятҳои зудрасии гӯштии гӯсфандони дохилизотии типи «А» ва «Б» (Лючипи Л.В., 1974) аз он шаҳодат медиҳад, ки типи «А» нисбат ба типи “Б” бо доштани бофтаи инкишофёфтаи мушакӣ, зудрасӣ ва бо баъзе нишондодҳои диққатҷалбкунандааш, фарқ мекунад. Аз ҷумла, аз рӯйи баромади гӯштӣ қӯчқорбарраҳои типи «А» аз ҳамсолони типи «Б» то 1,5 %, аз рӯйи коэффитсенти гӯштнокӣ бошад, то 2,9 % бартарӣ доранд. Вазни зиндаи қӯчқорбарраҳои типи «Б» дар синни чормоҳагиашон то 1 кг, дар синни 8-моҳагӣ то 2 кг нисбат ба ҳамсолони худи типи «А» зиёд мебошад.

Ошкор карда шудааст, ки коэффитсиенти баланди ба меросгузарии вазни зинда дар гӯсфандони типи «Б»- +0,502 мебошад, дар ҳамсолони типи «А» ин нишондод нисбатан паст буда, ба +0,343 баробар аст. Коэффитсиенти бамеросгузарии тароши пашм бошад, дар гӯсфандони типи «А» дар синни 5 моҳагӣ ба 0,126 ва дар синни 30 моҳагӣ ба андозаи 0,146 назар ба чорвои типи «Б» паст мебошад (Саломатин В.П.,1974).

Тибқи маълумоти Гусейнов А.М. (1970) , аз рӯйи сохтори гистологӣ ва нишондодҳои физикию-механикии пӯсти типҳои дохилизотии дар боло зикргардида ягон фарқияти чашмрас на дар ашё ва дар намуди ашёи коркардшуда, дида намешавад. Танҳо аз рӯйи кандашавӣ дар

қисмати поёнӣ, инчунин ғафсии нисбии начандони зиёди қабати турмонанди пӯсти аслӣ ва ғафсии бандчаҳои коллагенӣ пӯсти гӯсфандони типи «А» нисбат ба типи «Б» андаке камӣ дорад.

Яке аз омилҳои муҳим, ки фоиданокии парвариши гӯсфандони зоти ҳисориро муайян менамояд, ин наслнокии онҳо ба шумор меравад. Ин нишондод дар мешҳои гӯсфандони зоти ҳисорӣ ба ҳисоби миёна ба 100 сар меш 100-105 барраро ташкил медиҳад. Аммо ин нишондодро бо роҳи селексионӣ, яъне интихоб ва ҷуфткунонии падар ва модар аз рӯйи нишондодҳои сернаслӣ, фарбегии хуб ва нигоҳдории мувофиқ, ҷуфткунонӣ бо гӯсфандони сернасл баланд бадоштан мумкин аст.

Раҳимов Ш.Т. (1984) хосияти бамеросгузарии типи барраҳоро, ки ҳангоми хостагирии якҷинса ва гуногунҷинсаи волидайни онҳо аз рӯйи типи дохилизотиӣ ба даст оварда шуда буданд, омӯхта, муқаррар намуд, ки ҳангоми хостагирии якҷинсаи ҳайвоноти типи «А» ва «Б» дар наслҳои худ мутаносибан то 70,76 ва 65,00 % типи волидайни худ ба мерос мегузаранд. Бояд қайд намуд, ки вазни зинда ва нишондодҳои нисбатан зиёди рушду инкишофи бадан ба наслҳои хостагирифташудаи якхелаи волидайни типи «А» ва «Б» , камтаринаш бошад, аз интихобу хостагирии ниҳоят гуногун зоти модинаҳои типи «В» зоҳир мегардад.

Яке аз хосиятҳои фарққунандаи гӯсфандони зоти ҳисорӣ, қобилияти баланди тобоварӣ ва мутобиқшавии онҳо ба шароити нигоҳубини солонаи чарогоҳӣ маҳсуб меёбад. Бо туфайли ин аломати ирсии меросгузор, давомнокии истифодаи хоҷагидории мешҳо 7-8 солро ташкил менамояд (Сафаралиев Г., 1988).

Дар беҳтар гардонидани хусусиятҳои зотию маҳсулнокии гӯсфандони зоти ҳисорӣ нақши муҳимро пайдарҳамии таҳқиқотҳо, ки аз ҷониби як қатор муаллифон таҳти роҳбарии профессор Форсихонов С.И. амалӣ гаштанд, бозидаанд (Хайитов А., 1979, 2000; Осичкин Г.Н., 1986;

Турдиқулов Т.,1990; Бобоев С.Т., 1983; Отаева М., 1990; Бобокалонов И.И.,1998; Раҳимов Ш.Т., 2000; Раҷабов Н.А, 2000 ва диг.)

Дар натиҷаи ин таҳқиқотҳо сохтори зоте ба вуҷуд оварда шуд, ки он ба гӯсфандони зоти ҳисорӣ мансуб буда, қисми дохили зотӣ (фархорӣ, шаҳринавӣ, сурхондарёӣ), типҳо (заводӣ, минтақавӣ, конститутсионалӣ), авлодҳо, оилаҳо ва ғайраро дар бар мегиранд.

Саршумори беҳтарини гӯсфандони зоти ҳисорӣ дар заводи зотпарварии «Ҳисор»-и ноҳияи Фархори вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст. Ба ин завод нақши пешбарандаи парвариши гӯсфандони ин зоти маҳсулнокиашон баланд мансуб мебошад. Маҳз барои ҳамин, дар ин хоҷагӣ, дар натиҷаи таҳқиққоти бисёрсолаи илмӣ бо ҳамкории зич бо мутахасиссони хоҷагӣ ҷинси нави дохилизотии заводи ба номи «Фархорӣ» ба вуҷуд оварда шуд.

Типи заводии «Фархорӣ»-и зоти гӯсфандони ҳисорӣ дар Реестри давлатии дастовардҳои селексиони Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои ихтироот ва кашфиёти собиқ ИҶШС дар соли 1989 тасдиқ ва ба қайд гирифта шудааст. Дар фармони Кумитаи давлатии агросаноатии ИҶШС аз 02-08-1989, таҳти №58-ПК-2 «Дар бораи типи нави дохилизотии заводии зоти гӯсфандони ҳисорӣ» қайд гардидааст, ки гӯсфандони типи нави заводӣ дорои ҳаҷми бузург буда, вазни зиндаи қӯчқорҳо 135-140 кг, мешҳо 85-90 кг, барраҳои нарина ва барраҳои модина ҳангоми ҷудокунӣ аз модарҳояшон дар синни 3- 4-моҳагӣ мутаносибан 40-43 ва 35-39 кг, дар синни 1,5 солагӣ 85-95 ва 67–72 кг-ро ташкилил медиҳад. Ба ҳар як меш ба ҳисоби миёна дар рама то 50 кг гӯшт бо вазни зинда истеҳсол карда мешавад.Вазнафзункунии шабонарӯзии ҷавонаҳо ҳангоми бӯрдоқикунӣ то 227 г мерасад (Раҷабов Н.А., 2004; Раҳимов Ш.Т, Раҷабов Н.А., 2017; Ҳайитов А.Ҳ., Ҷураева У.Ш., Қурбонов К. М., 2017).

Дар расми 2 яке аз саравлоди типи дохилизотии “Фархорӣ”-и гӯсфандони зоти ҳисорӣ оварда шудааст.



Расми 2.- Қӯчқори наслии типи дохилизотии “Фархорӣ”-и гӯсфандони зоти ҳисорӣ

Бо туфайли парвариши тӯлонии «худ дар худ» дар шароити маҳдуд, гӯсфандони ҳисории типи нави заводӣ ба таври устувор аломатҳои арзишноки хоҷагидорию фоиданоки худро ба наслҳо мерос мегузоранд ва барои беҳсозӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти ҳисорӣ ва дигар зотҳои сергӯшту серравған дар Тоҷикистон ва мамлакатҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. То лаҳзаи тасдиққунӣ шумораи умумии типи нави заводии фархорӣ 9,1 ҳазор, аз он ҷумла мешҳо 7,5 ҳазор сарро ташкил менамуд.

Дар муқоиса бо гӯсфандони дигар рамаҳо, гӯсфандони типи нави заводӣ қобилияти баланди мутобиқат ба роҳравӣ дар чарогоҳҳои кӯҳӣ (300-350 км), қафаси синаи беҳтар инкишофёфта, вазни зинда ва наслнокии нисбатан зиёд доранд.

Чӣ тавре, ки таҳқиқотҳои махсус нишон доданд, гӯсфандони типи заводӣ дорои сифатҳои хуби фарбеҳшавӣ доранд. Ҳангоми хӯрокдиҳии назоратӣ қӯчқорбарраҳои 7,5 моҳа дар давоми 45 рӯз ҳангоми фарбеҳкунӣ вазни зиндаашонро ба 10,22 кг ё 22,5% афзун намуданд, вазнафзункунии шабонарӯзии миёнаи онҳо ба 227 гташкил намуд. Ба 1 кг вазнафзункунӣ ба ҳисоби миёна 5,53 воҳиди хӯрока ва 622 г протеини ҳазмшаванда хароҷот карда шудааст.

Микдори тароши пашми солонаи қӯчқорҳои наслдеҳ - 2,16 кг, мешҳо - 1,12, барраҳои наринаи 1,5 сола - 1,26 ва модина 1,1 кг, барраҳои модина ва наринаи то синни яксола мутаносибан - 0,58 ва 0,61 кг-ро ташкил менамояд. Пашми гӯсфандони ҳисории типи нав аз рӯйи сифатҳои худ ба навъи аз ҳама пасти дағал мансуб буда, танҳо дар барраҳои тароши аввалин, ки сифати беҳтарро дороанд, метавонанд ҳамчун ашёи хом барои тайёр намудани маснуоти қолинӣ коршоям бошад.

Тибқи маълумоти Иттиҳодияи ҷумҳуриявии зотпарварии Тоҷикистон солҳои 1985-1986 аз заводи зотпарварии «Ҳисор» ба хоҷагиҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёда аз ду ҳазор сар қӯчқорбарраҳои зотӣ фурӯхта шудаанд.

Дар айни замон дар ду хоҷагии зотпарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва мутахассисони хоҷагиҳои зотпарварӣ корҳои илмию селекционӣ оид ба офаридани типи нави дохилизотӣ, бо номи «Шаҳринавӣ» ба анҷом расонида шуд. Соли 2022 аз тарафи Комиссияи давлатии апробатсионӣ ин типи гӯсфандони зоти ҳисорӣ мусбат баҳогузорӣ карда шуда, аз тарафи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунон дастоварди нави селекционӣ тасдиқ карда шудааст.

Саршумори селекционии типи офаридашуда бо нишондиҳандаҳои зерини маҳсулнокӣ шарҳ дода мешаванд: вазни зиндаи қӯшқорҳои наслдеҳ 135-145 кг, дар беҳтаринҳо то 175 кг, мешҳо-85-90 кг, дар беҳтаринҳо то 135

кг. Гӯсфандони типи мазкур дар баробари вазни зиндаи баланд, инчунин дорои маҳсулнокии пашм ва сернаслӣ низ мебошанд.




Расми 3.- Қӯчқори наслии типи дохилизотии “Шаҳринави”-и гӯсфандони зоти ҳисорӣ

Дар мукаммалгардонии нишондодҳои хушзоткунӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти ҳисории Ӯбекистон нақши махсусро фаъолияти нуктаи давлатии хушзоткунии ноҳияи Деҳнав ва таҳқиқотҳои институти илмӣ-таҳқиқотии чорводории Ҷумҳурии Ӯзбекистон бозиданд.

Беҳтарин қисми саршумори зоти гӯсфандони ҳисорӣ дар хоҷагии «Коммуна»-и ноҳияи Сариосиё ва 6-хоҷагии ноҳияҳои Бойсун ва Деҳнав ҷойгир шудаанд. Онҳо дорои чунин нишондодҳои маҳсулнокӣ мебошанд: вазни зиндаи мешҳои калонсол 65-69 кг, қӯчқорҳо 81-112 кг, дар синни 2,5 солагӣ бошад, мутаносибан 54-60 ва 67-72 кг-ро ташкил менамоянд. Дар мешҳо баландии кӯҳон ба ҳисоби миёна 76,2 (69-82), устухони думғоза-76,7 (72-84) ва дарозии каҷии бадан 77,3 (70-83) см-ро

ташкил менамояд. Ин нишондодҳо аз он далолат медиҳад, ки гӯсфандони зоти ҳисории Ӯзбекистон назар ба зоти гӯсфандони ҳисории Тоҷикистон дорои нишондодҳои нисбатан пасттари маҳсулнокӣ мебошанд.

Дар зиёд намудани саршумори гӯсфандони зоти ҳисори мавқеи муайянро гузаронидани таҳқиқотҳои пайдар пай, бо мақсади беҳтар кардани қобилияти такрор истеҳсолкуни гусфандони ин зот ишғол мекунад. Масалан наслнокии гӯсфандони зоти ҳисорӣ дар шароитҳои истеҳсолӣ ё хоҷагӣ 89,2 - 94,00 барраро ба 100-сар меш ташкил дода, ин нишондод аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад.Нишондоди баландтарини сернаслӣ дар мешҳои вазни зиндаашон 65-70 кг, 108,55-114,28 % ва дар синни 4-солагӣ 110,96-111,84 % мушоҳида карда мешавад.

Нишондоди баландтарини бордоршавӣ ва дугониказойии мешҳои зоти ҳисорӣ дар мешҳои типи “А”, миёна - дар типи “Б” ва камтарин дар типи “В” дида мешавад (Раҳимов Ш.Т., 1988).

Муофиқи маълумотҳои Раҳимов Ш.Т. Бобокалонов И.И. (2019) татбиқ намудани интихоб ва хостагирии мақсадноки волидайн аз рӯйи аломат ё хусусияти дугониказоӣ дар заводи зотпарварии “Ҳисор”-ноҳияи Фархор ва хоҷагии зотпарварии “Ҳамид”-и ноҳияи Варзоб мутаносибан аз ҳар 100-сар меш ба гирифтани 116,33 ва 118,18 барра мусоидат намудаанд. Ҳамин тавр дар заводи зотпарварии “Ҳисор”-ноҳияи Фархор нисбат ба тарзи ҷуфтикунонии мешҳои дугониказо бо қӯчқорҳои аз мешҳои якто тавалуд мекардагӣ гирифта шуд, мешҳои яктотавалуд мекардагӣ бо қӯчқорҳои аз мешҳои дугоникгирифта шуда, мешҳои якто тавалуд мекардагӣ ва кӯчқорҳои аз чунин мешҳо гирифташуда аз 5,22; 7,03; 10,33 % барра зиёд гирифта шудааст, дар хоҷагии зотпарварии ба номи Ҳамид бошад аз 4,29; 4,06 ва 12,37% зиёд барра гирифта шудааст.

Муайяан карда шудааст, ки сурати баланди мубодилаи моддаҳо дар организм ба сернаслӣ мусоидат мерасонад. Масъалаи наслнокии

мешҳои дараҷаи фаъоляти ферменИ АСТ баланд буда, ба 100-сар меши таваллудкарда 110 барра рост меояд, ФИ бошад- 114,7 ва ФТ - 114,28 %. Муқаррар карда шудааст, ки ҷуфтикунонии наслҳои якуми дурагаи зоти ҳисорию-романовӣ бо қӯчқорҳои зоти ҳисорӣ имконият медиҳад, ки аз 100 - сар меш 150 - сар барра гирифта шавад. Интихоби мешҳои дар давоми сол якчанд маротиба ба хоҳиш меомадагӣ ва истифодаи дурусти онҳо дар такрористеҳсолкунӣ имконият медиҳад, ки аз ҳар 100 - сар меш дар давоми 2 - сол 269 - сар барра гирем. Истифодаи препаратҳои синтетикии простогландин F-2 алфа дар ҳамин давра имкон медиҳад, ки 245,25 барра гирифта шавад ( Раҳимов Ш.Т., 2000).

Мувофиқи таҳқиқоти Қодиров А.С. (1997), ки бо гӯсфандони зоти ҳисорӣ гузаронида шудааст муайян гардид, ки 87 % барраҳои модина дар синни 8-9-моҳа ба хоҳиш меоянд. Дар мешҳои 18-20-моҳа бошад ин нишондод ба 93 % мерасад, дараҷаи бордоршавии огҳо бошад ба ҳисоби миёна мутаносибан 79,31 ва 86,02 %-ро ташкил медиҳанд. Истифодабарии барвақтии барраҳои модина дар раванди такрористеҳсолкунӣ ва гузаронидани онҳо ба подаи асосӣ имконият медиҳад, ки бо таври иловагӣ аз 100-сар меш мутаносибан 79,31 барра ба даст орад. Давом додани таҳқиқотҳо дар соли оянда имконият доданд, ки чунин натиҷа ба даст оварда шуд. Бордоршавии мешҳо мутаносибан дар гуруҳои таҷрибавӣ 85,33 ва назоратӣ - 87,01% ва гирифтани барра бошад аз 100-сар меш 92 ва 94,01-сарро ташкил дод.

Дар айни замон саршумори умумии зоти гӯсфандони ҳисорӣ дар Тоҷикистон беш аз 2,0 млн. сарро ташкил мекунад. Барои парвариши он дар Тоҷикистон 7 заводу хоҷагиҳои зотпарварӣ машғуланд. Бо шарофати вазни зиндаи баланд дар арсаи ҷаҳон минтақаи парваришу афзоишдиҳии гӯсфандони зоти ҳисорӣ танҳо дар Тоҷикистон маҳдуд нест. Тайи солҳои гуногун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон гӯсфандони зоти ҳисорӣ ба Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, инчунин

ба Федератсияи Россия, Украина ва Белоруссия интиқол дода шуда, парвариш карда мешаванд.

Нақши гӯсфандони зоти ҳисорӣ дар такмилдиҳии маҳсулнокии гӯсфандони зоти думбадор ва офаридан зотҳои нав дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон хеле калон мебошад. Масалан, дар натиҷаи истифодабарии гӯсфандони зоти ҳисорӣ дар Тоҷикиситон зоти гӯсфандони тоҷикии сергӯшту равған ва серпашми тоҷикӣ, дар Қазоқистон зотҳои думбадори «ордабасинӣ», ниммаҳинпашми «актюбинӣ», дар Қирғизистон зоти думбадори "Айкулӣ", дар Ӯзбекистон типи сергӯшту равған ва серпашми «устюртӣ», инчунин типҳо думбадори «келесӣ» ва «андиҷонӣ» офарида шудаанд. Дар ин ҷода корҳои илмию таҳқиқоти оид ба офаридани зотҳо ва типу ҷинсҳо идома доранд.

Саршумори беҳтарини гӯсфандони зоти ҳисорӣ дар заводҳои зотпарварии «Ҳисор»-и ноҳияи Фархор, КВД «Зотпарвар»-и (ш. Ҳисор) Агентии захираҳои таъйиноташ махсуси дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кооперативи истеҳсолии «Сомонҷон»-и ноҳияи Данғара, кооперативи истеҳсолии «Дилшод-Б»-и ноҳияи Варзоб ва як қатор дигар хоҷагиҳо парвариш меёбанд. Ин хоҷагиҳо дар парваришу афзоишдиҳии гӯсфандони хушзоту баландмаҳсул нақши асосӣ доранд.

Ҳамин тариқ таҳқиқотҳои гузаронидаи дар боло зикр шуда имконият доданд, ки қобилияти ирсии гӯсфандони зоти ҳисорӣ, маҳсулнокии баланди онҳо ва мутобиқ будан ба шароити нигоҳдорӣ дар давоми сол дар чарогоҳҳо муайян карда шавад. Бо назардошти муайян кардани чунин қобилиятҳо саршумори гӯсфандони зоти ҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол меафзояд ва қисми зиёди саршумори гӯсфандонро дар хоҷагиҳои шаклашон гуногуни ҷумҳурӣ ташкил медиҳад.

### 1.3.2. Зоти гӯсфандони ҷойдорӣ

Ин зоти гӯсфандон ба гурӯҳи гӯсфандони думбадори гӯшту-равғандеҳ дохил мешаванд. Онҳо аз ҷиҳати сохти бадан ва намуди зоҳирӣ ба гӯсфандони зоти ҳисорӣ наздик буда, аз рӯйи маҳсулнокии гӯшту равғанӣ паст ва пашм бошад баландтар аст. Пашмашон дурушт мебошад. Гӯсфанди зоти ҷойдорӣ ба шароити душвори гарму-хунук тобовар мебошанд ва дар шароити чарогоҳӣ парвариш карда мешаванд.

Зоти гӯсфандони таҳҷоии дағалпашми думбадор дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Ӯзбекистон ҳамчун гӯсфандони ҷойдорӣ ба ҳисоб меравад, ки маънои гӯсфанди маҳалиро дорад. Ин зот асосан дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва водии Фарғона ва баъзе ноҳияҳои вилоятҳои Тошканд, Сирдарё, Самарқанд, Қашқадарё, инчунин дар Ҷумҳурии худмухтори Қароқалпоқистони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ноҳияҳои ҷануби Ҷумҳурии Қирғизистон паҳн гардидааст.

Гӯсфандони ин зот нисбатан ҷуссаи хурд дошта, вазни зиндаи мешҳо 50-65 кг, қӯчқорҳо - 70 - 85 кг-ро ташкил медиҳад ( Ҳайитов А.Ҳ., Раҷабов Н.А., Ҷураева У.Ш., 2012).

Мутобиқшавии ин зот нисбат ба шароитҳои иқлими таҳҷоӣ, тобоварӣ дошта, мустаҳкамии тана, зудрасии хуб ва қобилияти баланди дар чарогоҳ парваришёбӣ фарқ мекунад.

Яке аз хусусиятҳои биологии ин зот аз он иборат аст, ки дар қатори маҳсулнокии сергӯштию серравғанӣ, дорои пашми на он қадар паст мебошад. Ҳамоҳангии ин сифатҳо гӯсфандони ҷойдориро ҳамчун як зоти ниҳоят арзишнок арзёбӣ менамоянд.

Дар расми 3 қӯчқори наслдеҳи зоти ҷойдорӣ оварда шудааст.



Расми 4.- Қӯчқори наслии гӯсфандони зоти ҷойдорӣ

Гӯсфандони думбадори ҷойдорӣ аз рӯйи ҳаҷмашон танҳо аз зотҳои гӯсфандони ҳисорӣ (Кияткин П.Ф., 1952) ва эдилбойӣ паст мебошад. Асосан ранги гӯсфандони зоти ҷойдорӣ сиёҳ буда, дар шумораи ками онҳо ранги зардчатоб ва хокистарӣ низ вомехӯрад.

Рамаҳои аз ҳама маҳсулнокиашон баланди гӯсфандони ҷойдорӣ дар ноҳияҳои Б. Ғафуров, Спитамен, Деваштич, Конибодоми вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ноҳияҳои Қароқалпоқ, Галяралӣ, Зомини вилояти Самарқанд ва ноҳияи Ховасти вилояти Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон парвариш меёбанд. Вазни зиндаи миёнаи мешҳо дар ин ноҳияҳо то 68-73 кг расида, тароши солонаи пашми онҳо ба ҳисоби миёна 1,9-2,2 кг-ро ташкил менамояд.

Пашми гӯсфандони ҷойдорӣ дағал, гугогунҷинс буда, ба гурӯҳи ордовиҳо мансуб دониста мешавад. Дар гӯсфандони калонсол пашм рост ё мавҷдори дароз буда, аз кокулон иборат мебошад. Дар байни печҳои пашм дар барраҳо ҳангоми таваллуд ва миқдори пашм дар чорвои калонсол вобастагие ошкор карда шудааст. Чӣ қадаре ки печҳо хурд бошанд, ҳамон қадар тибит ва пашм зиёд шуда, сифати он хеле беҳтар мешавад (Стакан Т.А., 1945).

Пашми яклухт дар гӯсфандони ҷойдорӣ дар тамоми бадан, гардан, сар (ба истиснои фук), дар пойҳои пеш то буғуми банди даст ва дар пойҳои қафо то буғуми зону мерӯяд (Киятин П.Ф., 1968). Дар пашми гӯсфандони тароши якум тибит ба ҳисоби миёна 43 %, пашми гузаришӣ – 6 %, қил ва мӯи мурда – 51 %, дар пашми баҳории мешҳои калонсол бошад, мутаносибан 55, 20 ва 25 %; қӯчқорҳои калонсол 68,7 ва 24 %-ро ташкил менамояд. Дар пашми модинаҳои тароши якум борикии тибит ба ҳисоби миёна 18 мкм, пашми гузаришӣ - 37 мкм, қил ва мӯйҳои мурда - 66 мкм; дар пашми баҳории мешҳои калонсол мутаносибан 21, 48 ва 108 мкм-ро ташкил менамояд. Дар пашми барраҳои модинаи тароши якум дарозии тибит ба ҳисоби миёна 8,1 см, пашми гузаришӣ - 9,6 см, қил ва мӯи мурда - 10,4 см; мешҳои калонсол мутаносибан 12,4; 17,2 ва 16 см-ро ташкил менамояд.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон саъю кӯшиш намудаанд, ки вазни зиндаи гӯсфандони ҷойдориро зиёд ва сифати сергӯштию серравғании онро бо роҳи ҷуфтикунонӣ бо гӯсфандони зоти ҳисорӣ беҳтар намоянд. Ин таҷрибаҳо дар вилоятҳои Фарғона, Самарқанд ва Тошканд гузаронида шудаанд. Аммо натиҷаҳо ба муваффақият ноил нагардиданд - дар гӯсфандони дурага вазни зинда ҳамагӣ ба 1,1 % зиёд шуд ва дар синни 2,5 солагӣ дар қӯчқорҳо нисбат ба вазни гӯсфандони зоти ҳисорӣ 77 %, дар мешҳо бошад -79 %-ро ташкил намудаанд (Курганов И.А.,1940; Кияткин П.Ф., 1952; Раҳимов А. А., 1953). Ғайр аз ин, чунин

ҷуфтикунонӣ ба пастравии тароши пашм, кӯтоҳшави ва паст шудани сифати он оварда расонид.

Дар рамаҳои беҳтарин вазни зиндаи барраҳои модина ҳангоми таваллуд 3,5 -4,0 кг ва бараҳои нарина бошад 3,8 -4,3 кг, дар синни 4 -5 моҳагӣ мутаносибан 27-29 ва 30 - 33, дар сини 18-моҳагӣ 40 -45 ва 50 -55 кг, мешҳои калон 50 -55 кг, қӯчқорҳо 65 - 75 кг-ро ташкил дода, вазни зиндаи беҳтаринашон бошад, 70 ва 90 кг-ро ташкил намуданд.

Вазни равғани дунба ба ҳисоби миёна дар мешҳо ба 5,0 - 6,0 кг, дар қӯчқорҳо 8,0 - 10 кг ва беҳтаринҳояш бошад ба 10 -15 кг баробар аст. Баромади гӯшти тоза ба ҳисоби миёна 55- 51 % -ро ташкил дода, дар гӯсфандони бӯдоқикардашуда бошад, то ба 57 % мерасад, наслнокӣ ба 100 сар меш 100 - 105 баррарo ташкил медиҳад. Тароши пашм дар мешҳо 1,8 - 2,0 кг, дар қӯчқорҳо бошад 2,5 - 3,0 кг, аз он ҷумла баромади пашми тоза 72 - 75 %-ро ташкил медиҳад (Раҳимов Ш.Т., Раҷабов Н.А., 2017).

Дар Тоҷикистони Шимолӣ аз қадим гӯсфандони думбадори ҷойдориро парвариш менамоянд. Як қатор ноҳияҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон (Айнӣ, Панҷакент, Истаравшан, Деваштич, Спитамен, Конибодом ва ғайраҳо) ҳамчун минтақаи парвариши зоти тозаи гӯсфандони ҷойдорӣ муайян карда шудаанд. Дар 56 хоҷагии ин минтақа қӯчқорҳои наслдеҳи зоти ҷойдорӣ омӯхта шуда буданд, ки аз онҳо ба гуруҳи гӯсфандони зотӣ 1542 қӯчқор (31,3% аз ҳисоби тамоми қӯчқорҳои наслдеҳ), мансуб дониста шуда буд. Вазни зиндаи миёнаи қӯчқорҳои калонсол 75 кг, беҳтаринаш – 90 -100 кг-ро ташкил медод. Вазни зиндаи миёнаи мешҳо дар тирамоҳ 58 - 62 кг, беҳтаринаш - 80 кг, модинаҳои то 18 моҳа – 42 - 48 кг-ро ташкил доданд (Маргулис И., 1980).

Саршумори гӯсфандони ҷойдорӣ дар вилояти Суғд ба қадри кофӣ минтақабоб шуда, аз рӯйи инкишоф аз саршумори ин зот дар Ӯзбекистон монданӣ надоранд.

Дар натиҷаи корҳои селексионӣ таркиби пашми гӯсфандони ҷойдории вилояти Суғд нисбатан якхела буда таркиби сифатии он беҳтар мегардад. Сифати пашм гӯсфандони ҷойдорӣ қариб ду маротиба афзуда, таркибаш нисбатан мулоим, миқдори қил кам ва миқдори наххҳои гузаришии пашми класси 1-ум баланд гардид (35,5 % дар соли 1977, дар муқоиса 19,8 % дар соли 1966), миқдори пашми арзишаш нисбатан пасти класси 3-юм бошад, то ду маротиба ( аз 38,4 то 13,5 %) кам шудааст.

### 1.3.3. Зоти гӯсфандони сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикӣ

Гӯсфандони зоти тоҷикӣ таҳти роҳбарии академик Алиев Ғулом Алиевич дар давраи солҳои 1947-1963 ба вуҷуд оварда шуда, дар соҳаи чорводории Тоҷикистон дастоварди бузурги селексионӣ ба ҳисоб меравад.

Соли 1947 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба офаридани зоти гӯсфандони сергӯшту серравған ва серпашм дар асоси ҷуфтикунонии мешҳои гӯсфандони зоти ҳисорӣ бо қӯчқорҳои зоти сароҷинӣ, оғоз гардида буд. Гӯсфандони сароҷинии думбадор зоти сергӯшту серравған ба ҳисоб рафта, дорои пашми нимдурушт ва тароши пашми баланд мебошанд. Пашми онҳо мӯи мурда ва қил надорад. Муйҳои мобайнӣ ва тибит аз рӯйи борикиашон ба ҳам наздиканд. Асосан мӯйи онҳо ранги сафед дошта, ҳангоми дастмолкунӣ маҳин буда, ҷилои хуб дорад. Тароши пашми миёнаи солонаи қӯчқорҳо ба 4,5 кг баробар аст.

Дар он солҳо дар совхози гӯсфандпарварии ба номи Куйбишев якчанд рамаи гӯсфандони модинаи дурагаи линколнию ҳисорӣ (лингисҳо), ки баъди корҳои Васин Б.Н. боқӣ монда буданд, парвариш меёфтанд. Ҳангоми ҷуфтикунонии баръакси гӯсфандони модинаи

лингисӣ бо қӯчқорҳои ҳисорӣ, пашми насли онҳо аз лингисӣ дида бадтар гашт. Муаллифи зоти оянда ҳамчун чораи мубориза бар зидди бадшавии пашмӣ дар наслҳои минбаъдаи лингисӣ пешниҳод намуд, ки онҳо бо қӯчқорҳои зоти сароҷинию-ҳисории (саргисӣ) насли 1-ум ҷуфти карда шаванд.

Алиев Ғ.А. (1967) чунин нақшаи ба вуҷуд овардани зоти нави сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикиро пешниҳод гамудааст:

-бадастории гӯсфандони типи дилхоҳ бо роҳи ҷуфтикунонии мешҳои гӯсфандони зоти ҳисорӣ бо қӯчқорҳои зоти сароҷинӣ ва мешҳои лингисӣ бо қӯчқорҳои саргисӣ;

-интихоб ва парвариши типи дилхоҳи бадастомада бо роҳи хостагирии мақсаднок ва ҷуфтикунони « худ ба худ»;

-ҷуфтикунонии минбаъда ва мукаммалгардонии типи бавуҷудовардашудаи гӯсфандони думбадору серпашм.

Ба гӯсфандони типи дилхоҳ гӯсфандоне мансуб дониста шудаанд, ки танаи бақувват дошта, вазни зиёди кофӣ, қаду басти дуруст инкишофёфта, дорои гардани нисбатан сермушаки дароз. Кӯҳон, тахтапушт ва думғозаи онҳо васеъ, қвфаси сина чуқур ва васеъ, шакли бадани гирд, пойҳои дуруст гузошташуда, дорои рӯйпӯши хуби шохини сум мебошанд. Ҳаҷми думба калон ё миёна, васеъ, бардошташуда ё каме овезон мебошад. Ранги пашми яклухти сафед дошта, мӯи рӯйпӯш зардчатоб, бур ё бури сиёҳтоб мебошад.

Бо ақидаи Алиев Ғ.А. дар давоми зотбарорӣ гӯсфандонро тамоми сол дар чарогоҳ нигоҳ дошта ва тобистон дар мавзеҳои баландкӯҳ чаронанд. Мақсади таъмин намудани пойгоҳи мустаҳками хӯрока, барои хӯронидани иловагӣ дар фасли зимистон ва баҳорони барвақтӣ равона карда шуда буд. Дар ин давра ҳар як гӯсфанд то 100 кг беда ё коҳ, 2-2,5 сентнер силос ва 40-50 кг хӯрокиҳои консентратӣ истеъмол намуданд. Гӯсфандон дар чарогоҳҳои куҳӣ дар моҳҳои август-

сентябр (2,0-2,5 моҳ пештар аз муҳлати муқарраршуда) бордор карда шудаанд.

Ҳангоми ҷудо намудани барраҳо аз модаронашон вазни зинда ва тароши пашми якум ба ҳисоб гирифта шуданд.. То лаҳзаи қабули зот дар соли 1963 рамаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ зиёда аз 9 ҳазор сар, аз ҷумла 2/3 фисати онҳо аз мешҳо иборат буд. Нисфи мешҳо ба классҳои элита ва 1-ум мансуб дониста шуданд. Модинаҳои таваллуди соли ҷорӣ 20 %-и саршумор ва аз нисф зиёди онҳо (57,5%) класси элита ва 1-умро ташкил намуданд.

Қӯчқорҳои асосии наслдеҳ 77 сарро ташкил намуданд, ки онҳо ба класси элита мансубдониста шуданд.

Вазни зиндаи қӯчқорҳои наслдеҳ ба 131±0,3 кг, қӯчқорбарраҳои элитаи синнашон 1 сола 72,64±0,94 кг; қӯчқорбарраҳои 6-9 моҳаи синфи элита - 64,4 кг, модинаҳои навтавлидшуда-5,0±0,02 кг, элитаҳои 6-9 моҳаи модина - 50,5 кг, мешҳо калонсол (аз элита то синфи 3-юм) - 70,0 ±0,5 кг, мешҳои намоишии элита - 87,2±1,43 кг баробар шуд. Ҳамин тариқ, тибқи рақамҳои оварда шуда маълум гардид, ки зоти нав аз пешгузаштагони худ андозаҳои калон ва зудрасӣ, сифате, ки ба зоти гӯсфандони ҳисорӣ хос аст, ба мерос гирифтаанд.

Наслнокии мешҳои гӯсфандони зоти тоҷикӣ ба ҳар 100 сар меш 100-105 барраро рост меояд (Саъдуллоев Г., 1991; Раҳимов Ш.Т., Раҷабов Н.А., 2017).

Пашми гӯсфандони ин зот аз рӯйи таркиби морфологӣ, ҷило ва сифати нах ба талабот ҷавобгӯй буда, барои истеҳсоли қолин, драп ва дигар номгӯи маҳсулотҳои пашмӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад (Алиев Ғ.А.,1967; Юдин А.Ю., 2015).

Чӣ тавре, ки забҳи бисёркарати махсуси гӯсфандонӣ синну сол ва ҷинсҳои гуногундошта нишон доданд, ки зоти тоҷикии бавуҷудовардашуда, аз рӯйи баромади гӯшт ва равғани думба аз гӯсфандони зоти ҳисорӣ монданӣ надоранд (Алиев Ғ.А., 1974).

Ҳангоми офаридани ин зот мешҳои зоти ҳисорӣ, қӯчқорҳои сароҷинӣ ва дурагаҳои зотҳои ҳисорӣ ва линколнӣ истифода карда шудаанд. Мақсади бавуҷудории ин зот, аз таъмин намудани саноати қолинбофии ҷумҳурӣ (талаботи комбинати қолинбофии Қайроқум) бо пашми нимдурушти навъи қолинбоб, қандилмонанди рангаш сафед ва аҳолии ҷумҳуриро ба маҳсулоти анъанавии ғизоӣ - гӯшт ва равғани думбаи сифаташ баланд, иборат буд.

Гӯсфандони зоти тоҷикӣ то соли 1990 ба сифати беҳукнрнии сифатҳои маҳсулнокии зотҳои таҳҷоии сергӯшту серравған дар Қазоқистон, Ӯзбекистон ва минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон истифода бурда шудааст ( Алиев Г.А., 1968; Эргашев Д. 1972; Гулов Н, 1973; Скляр А.Д. 1977 ва дигарон).

Гӯсфандони зоти тоҷикӣ ба монанди гӯсфандони зоти ҳисорӣ ҷуссаи калон дошта, дунбашон хуб инкишоф ёфтааст.

Гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз рӯйи аломатҳои тану тӯш ва зудрасии худ шабеҳи гӯсфандони ҳисориро доро мебошанд. Дар рамаҳои зотӣ вазни зиндаи барраҳои модина ҳангоми таваллуд, ба ҳисоби миёна ба 4,5-5,0 кг, барраҳои нарина - 5,0-5,5 кг, дар синни 4,0-5,0 моҳагӣ бошад, мутаносибан, 35-37 ва 37-40 кг, дар синни 18 моҳаги - 50-55 ва 65-70 кг баробар мебошад. Вазни зиндаи қӯчқорҳо ба 100-110 кг ва беҳтаринҳо бошад, то 130-140 кг мерасад. Вазни зиндаи мешҳо аз 60-70 то 80 кг мерасад. Вазни нисбатан баланди мешҳои зоти тоҷикӣ 143,0 кг ва қӯчқорҳои наслдеҳ 177,0 кг-ро ташкил медиҳанд.

Вазни дунбаи қӯчқорҳо ба ҳисоби миёна 10,0-12,0 кг, дар саршумори бӯрдоққикардашуда бошад, то 30,0 кг ва аз ин ҳам зиёдро ташкил медиҳад. Ҳангоми аз модар ҷудо кардани барраҳо дар синни 4-5 моҳагӣ вазни зиндаи қӯчқорбарраҳо 42-45 кг мебошад.. Қӯчқорҳои ахта кардашуда дар синни 6-7 моҳагӣ чунин нишондодҳои қассобишударо доранд: вазни зиндаи пеш аз қассобӣ шудан - 51,2 кг, баромади гӯшт - 19,8 кг, равғани даруни - 1,13 кг ва дунба - 3,21 кг-ро ташкил дод. Вазни

қассобишуда бошад 24,14 кг ва баромади гӯшт 47,2 %-ро ташкил намуд. Дар чорвои бӯрдоқикардашуда бошад, ин нишондод то ба 60 % мерасад (Юдин А.Ю., 2015; Раҳимов Ш.Т., Раҷабов Н.А., 2017).

Аз рӯйи аломатҳои вазни зинда ва баромади гӯшт қӯчқорбарраҳои гӯсфандони зоти тоҷикӣ нисбат ба гӯсфандони зоти ҳисорӣ нишондодҳои нисбатан пасттар доранд (Ҳайитов А.Ҳ, Ҷураева У.Ш., 2016). Мувофиқи маълумоти олимон нишондоди вазни мутлақи мушакҳо аз давраи таваллуд то ба синни калонсоли расидан, нисбат ба гӯсфандони зоти ҳисорӣ пасттар мебошад. Фарқияти аз ҳама зиёд дар гӯсфандони калонсол 10,7 кг муайян карда шудааст. Лекин аз рӯйи таносуби вазни мушакҳо нисбат ба вазни зинда ва тану туш байни ин зотҳо фақият дида намешавад.

Дар соҳаи гӯсфандпарварӣ яке аз намудҳои дастрас ва аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатовар ин фарбеҳкунии гӯсфандон дар чарогоҳ ба шумор меравад. Ин намуди фарбеҳкунӣ имконият медиҳад, ки гӯшти бо сифати арзиши аслиаш паст ва сифати баланд гирифта шавад. Сарфи хӯрока ба 1- кг вазнафзуншавӣ ҳангоми фарбеҳкунии чарогоҳӣ дар гӯсфандони синну солашон калон 9-10 воҳиди хӯрока, ҷавонаҳои 7-9 моҳа - 6-7 ва то 6 - моҳа 4-5 воҳиди хӯрокаро ташкил медиҳад (Ҳайитов А.Ҳ, Раҷабов Н.А., Ҷураева У.Ш., 2012).

Гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо маҳсулнокии баланди сергӯштию серравғанӣ фарқ мекунанд. Баромади забҳии онҳо аз 55 то 62 % ташкил медиҳад. Вазни думбаи қӯчқорҳои калонсол 10-12 кг ва бӯрдоқишуда - 30-40 кг-ро ташкил медиҳад.

Пашми барраҳо ҳангоми таваллуд тобиши гуногун - аз хокистарии равшан то маллаи сиёҳтобро доранд. Баъди якчанд рӯзи таваллуд фаъолияти пигмент ҳосилшавӣ суст гардида, баъдтар пурра қатъ мегардад. Пашми барраҳои тароши якум дар синни 4,5- 5,0 моҳагӣ ба пашми сафед ва хокистарии равшан табдил меёбад. Баррачаҳои таваллудшудаи ин зот метавонанд бо рангҳои гуногун, яъне бо рангҳои

сиёҳ, бӯр, сурх ва бӯри хира таваллуд шаванд. Хусусияти фарққунандаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз он иборат аст, ки дар синни 8-9 моҳагӣ дар (қариб 96%) пиёзакҳои пашми онҳо раванди синтези пигменти меланин қатъ мегардад ва пашми сафеди якранг ба сабзидан оғоз менамояд. Индекси пашм дар гӯсфандони зоти тоҷикӣ хело баланд мебошад. Пӯсти гӯсфандони зоти тоҷикӣ вобаста аз фасли сол тағйир меёбад [Каракулов А.Б., Алиев Ғ.А., 2005].

Хусусияти хоси барраҳои ин зот аз он иборат аст, ки ҳангоми таваллуд онҳо ба барраҳои зоти қароқулӣ бо доштани печҳои навъи тобхӯрдаи кӯтоҳ, лӯбиёгиҳо ва нахӯду ҳалқаҳо монанд мебошанд.Печҳо одатан то синни 10-12 рӯзагӣ ҳифз ёфта, баъд мунтазам сохташонро гум мекунанд.

Зоти ин гӯсфандон ба таври бомуваффақият маҳсулнокии баланди сергӯштию серравғаниро бо маҳсулнокии пашмӣ тавъам месозанд. Тароши пашми барраҳо дар синни 4,5 - 5,0 моҳагӣ 1,2-1,5 кг-ро ташкил менамояд. Тароши пашми солонаи мешҳо -2,9 - 3,5 кг, қӯчқорҳои наслдеҳ - 4,0 - 5,0 кг, баромади нахи соф бошад 68-76%-ро ташкил менамояд. Пашми ин гӯсфандон аз 75-81 %, тибити ғафсиаш 20,5-25,0 мкм; 17-21% пашми мобайнӣ (гузаришӣ)-и ғафсиаш 27,3- 40,6 мкм ва 2,0-3,7 % аз қил иборат аст. Дар расми 6 мешҳо пеш аз тарош оварда шудааст.

Чи тавре, ки Юдин А.Ю (2015) қайд менамояд гӯсфандони зоти тоҷикӣ сифатҳои баланди гӯшту равғаниро доро мебошанд ва ин нишондодҳоро аз гӯсфандони зоти ҳисорӣ, инчунин нишондиҳандаҳои хуби пашмиро, аз ҷумла пашми нимдағалро аз қӯчқорҳои зоти сароҷинӣ, ки дар ба вуҷуд овардани зоти гӯсфандони тоҷикӣ иштирок кардаанд, ба худ гирифтаанд.

Ранги пашми барраҳои навтаваллуди ин зот вобаста ба синни сол тағйир меёбад, аммо баъд аз гузаронидани тарош дар синни 5-6 моҳагӣ асосан ранги хокистарранги баландро мегиранд. Тароши пашми бараҳои

5-6 моҳа аз 1,2 то 1,5 кг-ро ташкил медиҳад. Гӯсфандони синну солашон калонро дар 1- сол ду маротиба, моҳи апрел ва август метарошанд. Пашми ин гӯсфандон аз 75-81 % тибити ғафсиаш 20,5-25,0 мкм; 17-21% пашми мобайнии (гузаришӣ) ғафсиаш 27,3- 40,6 мкм ва 2,0- 3,7 % аз қил иборат аст. Рӯйпӯши пашмӣ сохтори кокулӣ дорад. Тароши пашми солонаи мешҳои калонсол 2,5-3,5 кг, қӯчқорҳои калонсол бошад 4,5-5,0 кг ташкил дода, баромади нахи тоза то 68-72 % мерасад. Дарозии пашми тароши баҳорӣ 15-25 см, тирамоҳӣ бошад 8-10 см ва баромади пашми тоза 70-72 % ташкил медиҳад (Алиев Ғ.А., 1967; Юдин Ю.А., Фирсов Н.М., Ерохин А.И., 2013).

Пусти гӯсфандони зоти тоҷикӣ сабук буда, хело мустаҳкам мебошад. Дар вақти омода намудани маҳсулоти нимтайёр барои номгӯи маҳсулоти арзишноки дорои қобилияти баланди гарминигоҳдорӣ дошта, аз қабили пӯстин, нимпӯстин ва дигар намудҳои маҳсулоти аз пӯсти пӯстинбоб тайёр шаванда истифода бурда мешавад (Алиев Б.М., 1994, Раҳимов Ш.Т., Раҷабов Н.А., 2017).



Расми 5.- Қӯчқорҳои наслдеҳ дар синни 4 солагӣ

Дар он солҳо аз сабабе, ки саршумори гӯсфандони мавҷуда ба қадри кофӣ ба тамоми намуди хӯрока, оғилхонаҳои муофиқ, замини кишти хӯроки чорво ва техника таъмин буданд, чунин нишондодҳои маҳсулнокӣ доштанд: вазни зиндаи барраҳои нарина ҳангоми таваллуд-5,0-5,5 кг; модина - 4,5-5,0 кг; дар синни 4,5 моҳагӣ, ҳангоми аз модар ҷудо намудан барраҳои нарина 40-45 кг, модина -38-42 кг; мешҳои яксола-55-60 кг, қӯчқорҳо- 65-70 кг вазни зинда доштанд.

Вазни зиндаи мешҳои калонсол - 65-70 кг, қӯчқорҳои наслдеҳ-120-130 кг-ро ташкил медод. Вазни зиндаи баландтарини мешҳо ба 143 кг, дар қӯчқорҳои наслдеҳ бошад, ба 177 кг баробар буд.

Гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо маҳсулнокии баланди сергӯштию серравғанӣ фарқ мекунанд. Баромади забҳии онҳо аз 55 то 62 % ташкил медиҳад. Вазни думбаи қӯчқорҳои калонсол 10-12 кг ва бӯрдоқишуда - 30-40 кг-ро ташкил медиҳад.



Расми 6. – Гӯсфанони зотӣ тоҷикӣ дар чарогоҳ

Мешҳо бо барраҳояшон пеш аз тарош

Рӯйпӯши пашмӣ сохтори кокулӣ дорад. Печҳо одатан то синни 10-12 рӯзагӣ ҳифз ёфта, баъд мунтазам сохташонро гум мекунанд.

Зоти ин гӯсфандон ба таври бомуваффақият маҳсулнокии баланди сергӯштию серравғаниро бо маҳсулнокии пашмӣ тавъам месозанд. Тароши пашм аз барраҳо дар синни 4,5 – 5,0 моҳагӣ 1,2 – 1,5 кг-ро ташкил менамояд.

Тароши солонаи мешҳо -2,9 – 3,5 кг, қӯчқорҳои наслдеҳ бошад, – 4,0 – 5,0 кг, баромади нахи соф бошад, 68-76%-ро ташкил менамояд.

Гӯсфандони зоти тоҷикӣ зудрас ва сермаҳсул буда, онҳо нисбат ба шароитҳои хӯрокдиҳӣ ва нигоҳубинӣ талаботи зиёд доранд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳоло бо сабабҳои гуногун гӯсфандони зоти тоҷикӣ чунин нишондодҳои маҳсулнокиро надоранд.

Бо корҳои хушзоткунӣ ва парвариши зоти гӯсфандони тоҷикӣ хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназарови ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон маҳсуб меёбад. Рамаи селексионии зоти гӯсфандони тоҷикӣ дар ин хоҷагӣ 5 авлоди заводиро дарбар мегирад.

Чӣ тавре, ки Алиев Ғ.А., Макшанов С.Я. (1975) қайд менамоянд, дар гӯсфандони авлоди 1-ум маҳсулнокии сергӯштию серравғанӣ ва серпашмӣ бо ҳам ҳамоҳанганд, гӯсфандони авлоди 2-юм дорои пашми ниммаҳини сохтораш штапелӣ сифати 50-56, намояндагони авлоди 4-ум нисбатан пашмдор буда, дар авлоди 5-ум аломатҳои сергӯштию серравғанӣ беҳтар аён буда, гӯсфандони авлоди 8-умро таносуби нисбатан баланди мӯйҳои тибит ва қилӣ фарқ мекунанд.

Тибқи маълумоти Алиев Ғ.А., Макшанов С.Я. (1975) қӯчқорҳои наслдеҳи авлоди асосӣ, ки ҳангоми бордоркунии сунъӣ истифода гардидаанд, дорои чунин вазни зинда ва тароши солонаи пашм буданд: авлоди 1-ум вази зинда 127,5 ва тароши пашм 4,88 кг, авлоди 2-юм - 122 ва 3,96 кг, авлоди 4-ум -119,7 ва 5,1 кг, авлоди 5-ум -136,5 ва 4,4 кг ва авлоди 8-ум-133 ва 4,63 кг.

Пашми гӯсфандони рамаҳои зотӣ то 6,1% ҳамчун сароҷинӣ, то 36% нимдурушт ва то 0,9 % ниммаҳин баҳогузорӣ карда шуданд.

Юдин А.Ю. (1972) муқаррар намудаст, ки ҳангоми тағйирпазирии синнусолӣ маҳинии пашм дар байни мешҳо ва қӯчқорҳои авлодҳои алоҳида каме фарқ мекунад. Аз 4-моҳагӣ то 26 моҳагӣ пашм хеле дағал мегардад. Он чӣ, ки ба мустаҳкамии пашм ба гӯсфандони тоҷикӣ тааллуқ дорад, он ягон фарқияти калони синнусолӣ ва авлодӣ надорад. Мусаҳкамии пашми мешҳо ва қӯчқорҳо ба пуррагӣ талаботи саноатро қонеъ гардонида метавонад.

Макшанов С.Я. ва Макшанова П.М. соли 1972 қайд менамоянд, ки дар хоҷагиҳои репродуктивӣ вазни зиндаи қӯчқорҳои наслдеҳи зоти тоҷикӣ ба ҳисоби миёна 124,5 кг, тароши солонаи пашми нимдурушт 4,4 кг мерасад ва аксарияти қӯчқорҳо (90-95%) дорои ранги пашми сафед мебошанд.

Скляр А.Д. (1977) самаранокии дурагакунии гӯсфандони пашмашон дуруштро бо қӯчқорҳои гӯсфандони зоти тоҷикӣ омӯхта муқаррар намуд, ки дар наслҳои онҳо афзуншавии маҳсулнокии гӯштӣ то 10-15% ва маҳсулнокии пашмӣ то 70-80 % мушоҳида мегардад. Тароши пашм аз дурагаҳои насли якум ва дуюм ба миқдори 1,7-1,8 кг назар ба тароши гӯсфандони таҳҷоии пашмашон дурушт афзалият дошт.

Ба гӯсфандони зоти тоҷикӣ зудрасии хуб хос мебошад. Ин гуфтаҳоро корҳои илмию таҳқиқотии Сафаров Ҳ.М. (1988) ҳангоми барвақт ҷудо намудани барраҳои гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз модар дар тамоми давраҳо; дар синни 3-4 рӯзагӣ бо истифодаи ивазкунандаи шири гӯсфанд ва дар синни 45-рӯзагӣ бо истеъмоли хӯрокҳои растанигӣ тасдиқ менамояд

Макшанова П.М., Макшанов С.Я., Файзуллоев Қ. (1982) қайд намуданд, ки додани хӯроки иловагӣ ба барраҳои гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз лаҳзаи аз модар ҷудо намудан, истеҳсоли гӯшт то ба 20 % ва фоиданокии онро то 179 % афзун менамояд. Дар ин ҳолат, дар қӯчқорбарраҳои зотӣҳамаи имконияти ирсию имконпазири зудрасӣ ва

маҳсулнокӣ зоҳир мегардад. Бо ин сабаб муаллифон тавсия медиҳанд, ки қӯчқорбарраҳои таъйиноташон ғайри зотӣ бударо, баъд аз парвариши махсус, дар синни 7,5 моҳагӣ, бояд ба таври ҳатмӣ ба гӯшт супорида шаванд.

Макшанова П.М., Макшанов С.Я., Атахонов Я.А. (1984) зудрасии баррачаҳои зоти гӯсфандони тоҷикии мӯҳлатҳои таваллудашон гуногунро мавриди омӯзиш қарор дода, муқаррар намуданд, ки бадастории баррачаҳо дар фасли зимистон барои афзун гардонидани гӯшти ҷавонаҳо дар соли таваллудашон мусоидат намуда, бадастовардани вазни зинда бештар имконият медиҳад ва дар баробари ин дар сохтори рама вазни нисбии модинаҳоро афзун мегардонад.

Аз адабиётҳо маълум гардид, ки доир ба масъалаи мукаммалгардонии сифатҳои ирсӣ ва маҳсулнокӣ зоти гӯсфандони тоҷикӣ таҳқиқотҳои зиёди олимон бахшида шудааст (Исмоилов И..1971; Шодиев К.Ш. ва дигарон 1972; Эргашев Д., 1972,1973; Макшанов С.Я.,1973; Гулов Н., 1973; Иманалиев С.Т., Кдирниёзов Г.Н.,1973; Обидҷонов С, 1973; Кияткин П.Ф., 1974; Скляр А.Д., 1977; Холмирзоев Э., 1978; Абдувосиев Ф. С., 1979; Қурбонов Ю.Р., Абдиров Б.А., Камолов Ш.К., 1980 ва дигарон).

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои аз тарафи олимон гузаронидашуда маълум гардид, ки дастовардҳои истеҳсолӣ доир ба самаранокии парвариши гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар давоми 20-25 соли парвариш ба мушкилотҳои ниҳоят ҷиддӣ дучор гардиданд. Ин пеш аз ҳама ба камшавии саршумори ин зоти гӯсфандон тааалluқ дорад. Ҳоло саршумори ин зот дар Тоҷикистон ҳамагӣ бе назардошти саршумори дар аҳолӣ буда, қариб 8000 сарро ташкил менамояд. Вазъияти баамаломада оид ба саршумори гӯсфандони ин зот аз бисёр ҷиҳат сабаби паст шудани пешбурди корҳои селексионӣ гардид.

Дар ин давра парвариши гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназарови ноҳияи Хуросони вилояти

Хатлон ва фермаи зотии "Эсонбой-1"-и ноҳияи Рӯдакӣ маҳдуд гардидааст. Қисми муайяни саршумор дар хоҷагии ёрирасони «Зиғертӣ»-и Агентии маводҳои таъйиноташ махсуси дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутамарказонида шудааст.

Бояд дар назар дошт, ки захираҳои ирсии чорво ба захираҳои нисбатан пурарзиш ва аз ҷиҳати стратегӣ муҳими ҳар як мамлакат маҳсуб меёбад. Онҳо ҳамчун манбаи ғизо барои инсон ва ашёи хом барои саноат истифода бурда , ба шумори захираҳои муҳимтарин барои фаъолияти хоҷагиҳо, мансуб мебошанд.

Аз нуқтаи назари илм эҳтимолияти бузурге мавҷуд аст, ки дар оянда баъзе имкониятҳои махсуси генҳое, ки дар баъзе зотҳои ҳайвонот мавҷуданд, метавонанд дар ҳалли масалаҳои ба тағйирёбии муҳити зисти ҳайвонот вобаста буда нақши муҳимро бозанд (Иванов М.Ф., 1924; Серебровский А.С., 1928; Лобашев М.Е., 1954; Maijala, 1970; Глембоцкий Я.Л., Копиловская Г.Я., 1972; Красота В.Ф. ва диг., 1990; Беляев Д.К., 1987; Моисеева ва диг., 1992, 2006; Эрнст Л.К. ва диг., 1994; Глазко В.И. ва диг., 1996; Столповский Ю.А., 1997; Столповский Ю.А., Захаров И.А., 2017; Tisdell C., 2003; Ерохин А.И., Ерохин С.А., 2004; Кленовитский П.М. ва диг., 2004, 2018; Паронян И.А., Прохоренко П.Н., 2008).

Ҳамаи инро ба инобат гирифта, аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 фаъолияти нуқтаи давлатии хушзоткунии "Даҳана-Киик" оид ба парвариши гӯсфандони зоти тоҷикӣ барқарор карда шуд. Вазифаи асосии муассисаи мазкур ҳифзнамоӣ ва афзункунии шумораи гӯсфандони зоти мазкур, расонидани ёрӣ ба дигар хоҷагиҳо дар гузаронидани корҳои илмию селексионӣ маҳсуб меёбад.

Аз руйи натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашудаи Раҷабов Н.А. ва дигарон (2020) бо мақсади омӯхтани хусусиятҳои рушду инкишофи ҷавонаҳои дурагаи аз ҷуфтикунонии мешҳои зоти тоҷикӣ бо дурагаҳои архар, чунин хусусиятҳо муайян карда шуаанд. Дар синни 2-моҳагӣ

барраҳои модина ва нарина аз руйи нишондоди вазни зинда, нисбат ба ҳамсолони зоти аслии тоҷикӣ 2,7-2,8 кг вазни кам доштанд ($p<0,01$), дар синни 12- моҳагӣ бошад баръакс, дурагаҳо нисбат ба барраҳои зоти тоҷикӣ мутаносибан 2,0 ва 2,2 кг ($p<0,01$) бартарӣ доштанд.

Чи тавре, ки Раҳимов Ш.Т., Раҷабов Н.А. (2017), қайд мекунанд, гӯсфандони гӯшту-равғану-пашмдеҳи зоти тоҷикӣ дар ҳолати мавҷуд будани шароити хуби хӯронидан ва нигоҳубин қобилияти ба пуррагӣ нишон додани хусусиятҳои маҳсулнокии худро доранд. Дар алоқамандӣ бо ин, ҳангоми бурдани таҳқиқотҳои илмӣ бо саршумори ин зоти гӯсфандон, муҳйё сохтани шароитҳои хуби нигоҳубинӣ ва хӯронидан барои парвариши ҷавонаҳо, яке аз омилҳои асосии ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ мебошад.

Солҳои охир гӯсфандпарварони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон барои харидори намудани гӯсфандони зоти тоҷикӣ таваҷҷуҳӣ зиёд доранд. Онҳо гӯсфандони зоти тоҷикиро ҳамчун зотбеҳкунанда бо мақсади беҳтар намудани хусусиятҳои маҳсулнокии гӯсфандони маҳаллии думбадор, инчунин ба вуҷуд овардани типу зотҳои нави гӯсфандони гӯшту-равғандеҳ истифода мебаранд (Турдубаев Т.Ж., Альмеев И.А., Осмоналиев С.К., 2013; Юдин А.Ю., 2015).

Айни замон корҳои селексионию зотпарварӣ бо гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз ҷониби олимон ва кормандони шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар хоҷагии зотпарварии “Эҳсонбой - 1”-и ноҳияи Рӯдакӣ ва Парваришгоҳи зотпарварии “Хуросон”-и ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон ба роҳ монда шудаанд.

Саршумори дорои қобилияти баланди хусусиятҳои зотию маҳсулнокӣ доштаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар заводи зотпарварии ба номи Шерназаров, Парваришгоҳи зотпарварии “Хуросон”-и ноҳияи

Хуросони вилояти Хатлон ва хоҷагии фермерии зотпарварии "Эҳсонбой-1" ноҳияи Рӯдакӣ парвариш карда мешаванд.

Ҳамин тариқ ба хулоса омадан мумкин аст, ки таъминоти илмии ҳифзнамоӣ ва мукаммалгардонии сифатҳои ирсӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони сергӯшту серравған ва серпашми зоти тоҷикӣ дар шароити паҳн гаштани маҳдуди парвариши он бо шумораи ками саршумори, дарёфти роҳҳои мукаммалгардонии дохилизотиро талаб менамояд. Таҳқиқоти мазкур маҳз ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

# БОБИ 2. ШАРОИТИ ПАРВАРИШ, МАВОД ВА УСУЛҲОИ ТАҲҚИҚОТ

## 2.1. Шароити табиӣ ва иқлимии минтақаи гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ

Хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров ва Парваришгоҳи давлатии хушзоткунӣ оид ба парвариши зоти гӯсфандони тоҷикӣ дар ҳамвории минтақаи Оби-Киик ҷойгир буда , дар қисмати ҷанубу ғарбии ноҳияи Хуросони вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Ҳудудҳои ноҳия дар қисмати доманакӯҳ ва кӯҳии қуллаи кӯҳи Оқтов ҷойгир шудааст. Маркази маъмурии он шаҳраки Обикиик ба шумор меравад. Боду ҳавои ноҳия континенталӣ ба ҳисоб меравад.

Иқлими ноҳияро бодҳои континенталӣ ташкил медиҳанд. Қисми зиёди заминҳои мавҷудаи ноҳияро минтақаҳои лалмӣ ташкил намуда, бо кишти растаниҳои хӯшадор, растаниҳои техникӣ ва хӯроки чорво фаро гирифта шудааст. Хоки ин минтақа муқаррарӣ буда, ба гурӯҳи хокҳои хокистарранги вазнин дохил мешавад.

Як қисми ҳудуди хоҷагии ба номи С. Шерназаров (1651га) ҳамчун чарогоҳҳои зимистона, дар қисми дигари он (1940 га) растаниҳои хӯшадор (гандум ва ҷав) кишт карда шуда, 332 га – и он ҳамчун мавзеи дарави алафҳои табиӣ истифода бурда мешавад. Таркиби растаниҳое, ки

чарогоҳҳоро фаро гирифтаанд, асосан аз оилаи растаниҳои эфемерии хӯшадори таркибашон гуногун, ки қисми зиёди онҳоро ташкил мекунанд, иборат мебошанд.

Ин минтақа дар баландии 780-860 метр аз сатҳи баҳр ҷой гирифтааст. Шароити обу ҳаво дар ин минтақа хушки субтропикӣ буда, бо хусусиятҳои алоҳидаи худ аз дигар минтақаҳо фарқ мекунад: тобистони гарму хушк, дар тӯли 5-моҳ, аз моҳҳои июн то октябр давом карда борон намеборад. Моҳҳои аз ҳама гармтарин ин  моҳҳои июл ва август мебошад.

Сохтори алафзори чарогоҳҳои баҳорӣ  асосан ба пуштаҳои доманакӯҳ ва миёнакӯҳӣ маҳсуб ёфта, асоси онҳоро алафзори эфемерию хушадорҳо-обсок ва ҷорубаки пиёзакдор ташкил менамоянд. Дар заминаи асосии осокҳо ва чорубакхо ба миқдори начандон зиёд эфемероидҳо аз кабили: лютик, пиёзаки ғозӣ; эфемерҳо-вулпия, малколмия, астрагали,  пижитникҳо. лола, бурачек, роголавник, угма ва ғайра паҳн гардидаанд. Аз алафҳои калон фломис ва камол вомехӯранд.

Барои нишебиҳои шимоли  алафзорҳои тахач хос мебошад. Аз дарахтони қадима дар ин ҷойҳо писта, аз буттагиҳо бошад, бодом мерӯяд.

Дар чарогоҳҳои баҳорӣ , чун ассотсиятсияҳои арзишнок метавон алафзорҳои ҷорубакию пажитникӣ ва астрагалиро қайд намуд. Дар солҳои муқаррарӣ ҳосилнокии анбӯҳи хӯрокаи ин чарогоҳҳо аз 3,0-3,5 с/га коҳро зиёд ташкил наменамоянд.

Гулгушукуфии муҳлаташ кӯтоҳи эфемерҳо баҳорон барвақт, сӯхтани зуди онҳо дар моҳҳои май, инкишофи босуръати ксерофитҳо, хордорҳо, шӯракҳо дар ибтидо ва хушкидани онҳо дар охири тобистон – чунин аст шароитҳои хӯрокӣ дар чарогоҳҳои дар қисматҳои водиҳо ҷойгиргардида.

Тирамоҳон  алафзорҳои водиҳо асосан аз рӯстаниҳои қадбаланди пояашон дағал ва хорҳояшон тез иборат мебошанд, ки бо сар шудани

боришоти тирамоҳӣ хушк мешаванд ва қисмати зиёди ғизонокии худро гум мекунанд.

Релеф ва иқлими минтақаи тобистонгузаронии гўсфандон ба монанди кўхсорон аст, яъне иқлими хурдашаш ниҳоят зуд тағйирёбанда ва сатҳи болоияш ниҳоят резашаванда.

Ба алафзори ин минтақаҳо низ хусусияти баръало намоёни манотиқи амудӣ хос мебошад.

Алафзорҳои чарогоҳҳои тобистонаро аз рўйи таркиби геоботаникӣ ба се пояс (минтақа) тақсим намудан мумкин аст. Аввалини онҳо он кадар қиммати ғизоӣ надоранд, чунки онҳо ҳамчун чарогохҳои гузаргоҳии ҳисорӣ хизмат менамоянд. Он қисмати поёнии нишебиҳои кўҳиро ташкил менамояд. Алафзорҳои чарогоҳии ин минтақа асосан аз алафзорҳои юған, ҷавдори пиёзакдор, торон, пажитник, хорпушталаф ва ғайра иборат мебошад.

Минтақаи дуюм, ки дар баландии 2400 то 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад, ахамияти муҳими ғизоӣ дорад. Ин чарогоҳҳои поёниалпӣ маҳсуб меёбанд. Алафзори ин ҷой асосан аз ассотсияҳои хушадорҳою алафҳои гуногунтаркиб (думи рўбоҳ, полевите), ҳамчунин осокҳо иборат мебошад. Дар баъзе ҷойҳои ин ландшафти ботаникӣ мавзеъҳои алафзори кўҳию ксерофитӣ иборат аз форматсияҳои кузинковӣ ва қатрабороӣ вомехўранд.

Минтақаи сеюм аз ҳама муҳим ба ҳисоб меравад. Он аз марғзорҳои алпийгии алафаш паст иборат мебошад ва дар баландии зиёда аз 3000 метр ҷойгир шуда, то ба хатти барфҳо абадӣ рафта мерасад. Дар ин чарогоҳҳо гўсфандони ҳисорӣ дар давоми ду се моҳ бисёр хуб парвариш меёбанд.

Ҳосилнокии чарогоҳҳои тобистона 6-7 анбўҳи хушки истеъмолшавандаро аз як гектар ташкил менамояд. Хусусияти хоси истифодаи чарогоҳҳои тобистона дар он зоҳир мегардад, ки ҷойивазкунии чорво ба таври амудӣ вобаста ба баландшавии ҳарорат ва инкишофи алафзорхо суръат мегирад.

Дар чарогоҳҳои тобистона гӯсфандон хуб парвариш меёбанд ва дар охири моҳи сентябр барои зимистонгузаронӣ ба чарогоҳҳои зимистонаи хоҷагиҳо ронда мешаванд.

Шароитҳои иқлимии ноҳияи Хуросон дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки ин хусусиятҳо ба иқлими хушки субтропикӣ монанд мебошад: тобистон дар ин ҷой гарм ва хушк, бебороні дар давоми 5-моҳ-аз моҳи июн то то моҳи октябр, идома меёбад. Зимистон камбарф, нисбатан гарм буда, шумораи рӯзҳои офтобиаш зиёд мебошад. Моҳҳои нисбат гарми сол моҳҳои июл ва август маҳсуб меёбанд.

Дар моҳи аз ҳама гарм (июл) ҳарорати миёнаи ҳаво 27-30$^0$С ташкил дода, ҳарорати максималӣ бошад, то 40-43$^0$С мерасад, ҳарорати миёнаи моҳонаи хок 36$^0$С, максималиаш бошад, 64$^0$С-ро ташкил менамояд. Яхбандиҳо дар давраи хунукӣ бештар вақт шабона ва рӯзона ба қайд гирифта шуда, рӯзона ҳарорат одатан давомнок буда, метавонад то ба 15-18$^0$С расад.

Хунукиҳои охирини баҳорӣ барои бештар ноҳияҳо ба ҳисоби миёна дар охирҳои моҳи март қатъ меёбанд, хунукиҳои аввали тирамоҳӣ дар нимаи дуюми октябр оғоз меёбанд; давраи набудани сардиҳо 210-235 рӯз давом мекунад.

Миқдори боришоти солона аз 250-400 мм зиёд нест. Дар давоми сол боришот ба таври нобаробар паҳн мегардад: миқдори зиёди он ба моҳи март-апрел рост меояд, ки дар рӯзҳои алоҳида метавонад то 30-50мм, гоҳе то 90 мм расад. Хоҷагиҳо аз рӯйи шароитҳои агроиқлимиашон ба хоҷагиҳо ба боришот нимтаъминбудаи лалмӣ мансуб мебошанд.

Дар давраи тобистона боришот вуҷуд надорад. Зимистон онҳо бештар дар намуди барфи намнок меборад. Рӯйпӯши мустаҳками барфӣ дар ин ҷо ҳосил намешавад-барф баъди боридан тез об мешавад. Ин барои чаронидани чорво дар водиҳо , ки ҳамчун чарогоҳҳои зимистон истифода мегарданд, шароити мусоид маҳсуб меёбад. Гоҳе дар давраи зимистон (январ-март) воридшавии ҳавои сарди арктикӣ мушоҳида

мегардад, ки дар ин давра ҳарорати ҳаво метавонад то 250С поён фурояд. Чунин воридшавии сардиҳои арктикӣ баҳорон махсусан хавнок мебошад: онҳо дар бештар маврид ба вайроншавии боғҳои мевадиҳанда, зироатҳои ҳосилдеҳ ва алафҳои чарогоҳӣ, бемориҳои шушҳои ҳайвонот ва илтиҳобгирии бузғолачаҳо мееоранд.

Гӯсфандон дар давоми сол дар шароити нигоҳубини чарогоҳӣ қарор доранд. Дар мавсимҳои тирамоҳию зимистона ва баҳорӣ онҳо дар қисмати водигии чарогоҳҳои ба хоҷагиҳо наздик ҷойгиршуда, дар доманакуҳҳои Боботоғ дар баландии 800-900 метр аз сатҳи баҳр нигоҳубин карда мешаванд. Маҳз дар ҳамин мавзеъ зимистонгузаронӣ паси сар карда мешавад. Дар мавсими тобистон ( аз моҳи июн то моҳи сентябр)саршумори гӯсфандон ба чарогоҳҳои баландкӯҳи тобистонаи мавзеи Ҳазор Чашма (ноҳияи Рашт), ки дорои алафзори гуногуннамуди минтақаи зериалпӣ (дар баландии 2200-3000 метр аз сатҳи баҳр) мебошад, ҳай карда бурда мешаванд.

## 2.2. Мавод ва усулҳои таҳқиқот

**Мавод ва усулҳои таҳқиқот.** Қисмати таҷрибавии таҳқиқот дар солҳои 2010 - 2016 дар саршумори гӯсфандони зоти тоҷикии заводи зотпарварии ба номи Шерназаров ва Парваришгоҳи гӯсфандони зоти тоҷикии ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон, ҳамчунин дар озмоишгоҳи пашми шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Интихоби гурӯҳи таҷрибавии гӯсфандон ба таври комиссионӣ бо иштироки олимон ва мутахассисони илмии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ ва мутахасиссони хоҷагӣ аз рӯйи мансубияти гӯсфандон ба авлод амалӣ карда шудааст.

Вазни зиндаи мешҳо бо роҳи баркашидани фардии онҳо пеш аз давраи ҷуфтикунонӣ, ҷавонаҳо бошад, ҳангоми таваллуд ва дар вақти

аз модар ҷудо намудан (дар синни 4,0-4,5 моҳагӣ), инчунин дар синну соли 12,0 ва 18,0 моҳагӣ муайян карда шудааст.

Афзоиши рушди ва инкишофи танаи ҷавонахое, ки аз вариантҳои гуногуни таҷрибаҳо ба даст омадаанд, бо роҳи гирифтани чунин андозҳои асосии бадан: баландии кӯҳон, дарозии каҷи бадан, давраи қафаси сина, паҳнии қафаси сина, чуқурии қафаси сина, давраи устухони банди пой, давра ва дарозии думба муайян карда шудаанд. Дар асоси маълумоти бадастомада вазнафзункунии мутлақ ва нисбии вазни зинда истифода бо формулаи Борди, инчунин индексҳои дарозбаданӣ, қафаси сина, пуррагӣ ва серустухонӣ бо формулаҳои дар зоотехния қабул гардида ҳисоб карда шудаанд.

Маҳсулнокии пашмии гӯсфандон бо роҳи баркашии фардии тароши пашми баҳорӣ ва якумин омӯхта шудааст. Барои омӯхтани сифати пашм намунаҳои пашм аз қисмати паси шона аз кӯчқорҳои наслдеҳи истифодашуда, мешҳои дар таҷрибабуда ва насли онҳо дар синни яксолагӣ омӯхта шудаанд.

Дарозии табии пашм бо дақиқии то 0,5 см, бо гузоштани кокулҳои пашм ба рӯйи ҷадвали миллиметрӣ, чен намудем.

Ғафсӣ ва маҳинии тибит, мӯйи гузаришӣ ва қилро дар ланометр тибқи услуби ИУЧ (ВИЖ, 1976) ченкарда шуд.

Аз рӯйи натиҷаҳои ҳисоби шумораи наххои намудҳои гуногун таносуби дарсадӣ (фоизӣ) аз рӯйи таркиби морфологии онҳо муайян карда шуд.

Бордоркунии гурӯҳҳои интихобгардидаи мешҳо бо кӯчқорҳои наслдеҳ аз рӯйи нақшаи махсуси ҷуфтикунонии байниавлодӣ, вобаста ба маҳсулнокии онҳо муайян карда шуда будаанд гузаронида шуд, яъне X x VIII ва I x IV. Муайян намудани сифати наслии кӯчқорҳо мувофиқа бо дастурамали баҳодиҳии тасдиқгардидаи зот муайян карда шудаанд.

Барои гузаронидани таҷрибаҳо оид ба муайян намудани таъсири беҳтар гардонидани шароити хӯронидани ҷавонаҳо, ба маҳсулнокии минбаъдаи онҳо, саршумори гӯсфандони дурага аз рӯйи натиҷаи бордоркунии мешҳои ҳисорӣ бо қӯчқорҳои наслдеҳи зоти тоҷикӣ ба даст оварда шудааст, интихоб карда шуд. Дар наслҳои наринаи ин саршумор таҷрибаҳо оид ба бӯрдоқкунии онҳо низ гузаронида шудааст.

Сифатҳои бӯрдоқишавии қӯчқорбарраҳо бо роҳи баркашии фардӣ пеш аз бӯрдоқикунонӣ ва баъд аз анҷоми он дар давоми 60 рӯз муайян карда шудааст. Сарфи хӯрока дар ин давра бо усули баркашии хӯрокаи истеъмолгарда ва боқимондаи он муайян карда шудааст.

Сифатҳои сергӯштӣ ва серравғанӣ бо роҳи усулҳои забҳи назоратии қӯчқорбарраҳо тибқи усули ИУЧ (ВИЖ, 1978) омӯхта шудаанд.

Таркиби кимиёии гӯшт ва равғани думба тибқи дастурамали таҳиянамудаи ИУЧ (ВИЖ, 1988), арзиши энергетикии гӯшт тибқи формулаи зерин:

$$X=C- (ж+З) x 4,1-Ж x 9,3 x 4,1868$$

муайян карда шудааст.

Самаранокии иқтисодии вариантҳои гуногуни таҳқиқот аз рӯйи фарқияти байни арзиши ба фурӯш баровардашуда маҳсулоти истеҳсолгардида ва арзиши хароҷот барои истеҳсоли он ҳисоб карда шудааст.

Корҳои илмию таҳқиқотӣ аз рӯйи нақшаи мазкур гузаронида шудааст (расми 7).

Натиҷаҳои маводи рақамии бадастомада тибқи усулҳои Плохинский И.А. (1969) мавриди коркарди оморию вариатсионӣ қарор дода шудаанд.

Расми 7. - Нақшаи умумии таҳқиқот



# III. МУҲТАВОИ РИСОЛА

## 3.1. Ҳолати муосири зоти гӯсфандони сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикӣ

Гӯсфандпарварӣ барои аҳолии Тоҷикистон аз қадимулайём соҳаи анъанавии чорводорӣ маҳсуб меёбад. Ба ин шароитҳои табиию иқлимӣ ва пойгоҳи ғизоӣ бо мавҷудияти ҳудудҳои васеи чарогоҳҳои наздикуҳӣ ва куҳӣ мусоидат менамояд. Аз ҳаҷми умумии гӯшти истеҳсолшаванда дар мамлакат зиёда аз 30 %-и онро гӯшти гӯсфанд ташкил менамояд ва он дар байни сокинони маҳалӣ афзалияти бештареро соҳиб мебошад.

Аз қадимул айём гардиши солонаи равандҳои технологии парвариши гӯсфандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нигоҳ доштан дар чарогоҳҳои водӣ ва доманаи кухҳо зимистону-баҳорӣ ва тобистонию тирамохӣ асос ёфтааст. Барои бо чунин тарз ба роҳ мондани парвариши гӯсфандон мавҷуд будани 3 миллиону 800 ҳазор гектар ҷраогоҳҳои гугогун, аз он ҷкмла бештар аз 2,2 миллион гектар чарогоҳҳои тобистона ва 1,5 миллион гектар чарогоҳҳои тирамохӣ-зимистонию -бахорӣ мусоидат мекунад.

Аз рӯи таҳқиқотҳои А.В. Валиев, Х.И. Халилов (1990) ҳосили алафи хушки чарогоҳҳои тобистона 8 ц/га, аз чарогоҳҳои тирамоҳӣ-зимистонӣ-баҳорӣ бошад 4 ц/га-ро ташкил медиҳад.

Аммо давом ёфтани азхудкунии васеъмиқёси минтақаҳои чарогоҳҳо, махсусан тирамоҳу зимистону баҳорӣ боиси ва табдил ёфтани чарогоҳҳо ба заминҳои кишоварзии обӣ ва лалмӣ гашта ба кам шудагт саршкмори чорво ва паст шудани ҳосилнокии чарогоҳҳо оварда мерасонад. Бояд гуфт, ки ҳосили алафхои чарогоҳӣ бевосита ба шароити

муҳит (ҳарорати ҳаво, намӣ ва ғайра) вобаста аст. Новобаста  аз  ин заминаӣ хӯрокии чарогоҳҳои куҳӣ, ки иқлими хоси салқин, фаровонии хӯроки сабз, оби нӯшокии тоза дорад, ба афзкдани суръати фарбеҳшавии чорво мусоидат мекунад. Дар  ин  раванд, масалан, С.И. Форсихонов ва дигарон (1985) қайд мекунанд, ки дар давраи нигоҳ доштани гӯсфандони зоти ҳисорӣ дар чарогоҳҳои куҳӣ  ба 30,0—35,0 фоиз зиёд гаштани вазни зиндаи  он  мегардад.  Дар гӯсфандони зоти тоҷикӣ низ ҳамин ҳолат мушоҳида карда мешавад (Г.А. Алиев, 1963).

Ин омил низ сабаби афзудани вазнафзуншавии шабонарӯзии ҷавонаҳои соли таввалуди чорӣ мегардад.  Таъсири ин  омил дар давраи ҷудо намудани ҷавонаҳо аз модарашон (4,0—4,5 моҳ) боиси вазни зиндаи онҳо ба 40,0—45,0 килограмм расидан мегардад.

Дар солҳои охир дар соҳаи кишоварзӣ вобаста ба реформаи амалишаванда низоми пешбурди гӯсфандпарварӣ ба таври қатъӣ дигаргун шудааст. Аз ҳаҷми умумии саршумори бузу гӯсфандон, ки 6,8 миллион сарро ташкил менамояд, 5,8 миллион сар дар ихтиёри аҳолӣ  қарор доранд. Ин ба тағйир ёфтани технологияи пешбурди соҳа ва вайроншавии мувозинат дар таъминоти ҳайвонот нисбат ба хӯрок оварда расонид. Хоҷагиҳои хурди фермерӣ, махсусан хоҷагиҳои шахсӣ асосан барои чаронидани чорвои худ чарогоҳҳои наздидеҳотиро дар тамоми мавсими сол истифода мебаранд ва имконияти истифода намудани чаргоҳҳои тобистонаи кӯҳиро надоранд.

Маълум аст, ки дар Тоҷикистон 5 зоти гӯсфандон парвариш карда мешаванд. Вобаста ба самти маҳсулнокиашон дар солҳои охир саршумори зотҳои дар ҷумҳури парваришёбандаи гӯсфандон ба манфиати зоти гӯсфандони ҳисорӣ хеле тағйир ёфтааст. Камшавии саршумори гӯсфандони зоти маҳинпашми тоҷикӣ ва махсусан зоти гӯсфандони тоҷикӣ мушоҳида карда мешавад.  Бояд қайд кард, ки баъд аз соли 1990 аз сабаби ҳодисаҳои

маълуми дохили кишварамон ва якбора талабот ба пашми табиӣ кам шудан нишондиҳандаҳои зоти ин гӯсфандон ва маҳсулнокии он якбора паст шуд.

То соли 1990 дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ зиёда аз 130 ҳазор сар гӯсфандони зоти тоҷикӣ, аз ҷумла дар заводи зотпарварии собиқ Даҳана Киики ноҳияи Хуросон- зиёда аз 14 ҳазор, хоҷагии зотпарварии ба номи Ҷомии ноҳияи Абдураҳмонӣ Ҷомӣ зиёда аз 12 ҳазор ва хоҷагии зотпарварии ба номи Калинини ноҳияи Рӯдакӣ зиёда аз 12, 5 ҳазор сар мавҷуд буд.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва баъд аз он тамоми саршумори беҳтарин бо сабабҳои гуногун нест карда шуданд. Саршумори боқимондаи камарзиш ва дурага қисман дар хоҷагиҳои давлатӣ, фермерӣ ва шахсӣ нигоҳ дошта шудаанд. Дар соли 2019 ин зот дар Парваришгоҳи гӯсфандони зоти тоҷикии - 510 сар ва хоҷагии зотпарварии ба номи С.Шерназарови – 421 сар (ноҳияи Хуросон вилояти Хатлон) ва хоҷагии фермерии «Эсанбой-1»-и ноҳияи Рӯдакӣ - 881 сар боқӣ мондаанду халос. Саршумори умумии гӯсфандони ин зот дар ҷумҳурӣ 2726 сарро бе назардошти саршумори дар ихтиёри аҳолӣ буда, ташкил менамояд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, гӯсфандони зоти тоҷикӣ метавонанд пашми хуб диҳанд. Ҳоло бо мақсади нигоҳ доштани генофонди гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз тарафи олимон ва мутахассисони Инстиитути чорводорӣ ва чаргоҳи АИКТ ва кормандони хоҷагҳои зотпарварӣ ҷуфтикунии байни авлодҳо ва бо зотҳои дигар гузаронида шуда истодаанд.

Дар ҷадвали 2 тағйирёбии саршумори гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар солҳои охир оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.- Саршумори гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар миқёси хоҷагиҳои парвариш**

| Номгӯи хоҷагиҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Хоҷагии зотпарварии ба номи Шерназаров | 1934 | 1674 | 1568 | 421 | 800 | 1006 | 1006 | 1056 |
| Парваришгоҳ и гусфанди зоти тоҷикии Хуросони ноҳияи Хуросон | 427 | 457 | 472 | 510 | 480 | 509 | 522 | 632 |
| Хоҷагиии деҳқонию фермерии «Эсанбой-1»-и ноҳияи Рӯдакӣ | 700 | 859 | 808 | 881 | 1396 | 1162 | 1200 | 1200 |
| Хоҷагии ёрирасони «Зиғертӣ» | - | - | - | 914 | 720 | 993 | 1033 | 1110 |

Чӣ тавре, ки аз нишондодҳои ҷадвали 2 бармеояд, саршумори гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар хоҷагии зотпарварии ба номи Шерназаров дар соли 2019 нисбат ба соли 2016 ба 78,23 % кам гаштааст. Дар дигар хоҷагиҳо бошад ин нишондод афзоиш ёфта, дар Парваришгоҳи махсусгардонидашудаи ноҳияи Хуросон 11,94 %, Эсанбой 1-и ноҳияи Рӯдакӣ 25,86 %-ро ташкил менамояд.

Ин ҳолати баамал омада боиси он гашт, ки бо мақсади нигоҳ доштани саршумори гӯсфандони зоти тоҷикӣ, минбад баланд бардоштани маҳсулнокии он Парваришгоҳи махсус дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон дар тобияти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад. Аз соли 2020 дар ин Парваришгоҳ 540 сар зоти ин гӯсфандон нигоҳ дошта мешаванд.

Сабаби асосии кам гаштани саршумори гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар набудани талабот нисбат ба пашми он ва дар ҳамин замина зиёдшавии талаботи аҳолӣ нисбат ба зоти гӯсфандони сергӯшту думбадор, яъне зоти ҳисорӣ арзёбӣ мегардад. Дар натиҷа ба ҷуфтикунонии байнизотии мешҳои зоти тоҷикӣ бо қӯчқорҳои зоти ҳисорӣ роҳ дода шуд. Махсусан ин ҳолат баръало дар байни аҳолӣ ба чашм мерасад. Аммо, бо сабаби набудани баҳисобгирии чорвои аҳолӣ вобаста аз зоти онҳо, ки дар ихтиёри аҳолӣ чӣ миқдор гӯсфандони зоти тоҷикӣ мавҷуд аст, аниқ гуфтан ноимконнопазир мебошад.

Яке аз омилҳои бомуваффақият тараққӣ кардани гӯсфандпарварӣ дар Тоҷикистон ин системаи дар давоми сол парвариши гӯсфандон дар чарогоҳҳо мебошад. Сабаби ин дар ҷумҳурӣ мавчуд будани майдонҳои калони чарогоҳҳои доманакуҳӣ, куҳӣ ва баландкуҳҳо, ки дорои алафҳои серғизо ва иқлимӣ хеле гуногун мебошанд, мусоидат мекунад. Маҳз, ин шароит имконият медиҳад, ки бо хароҷоти нисбатан кам истеҳсол намудани маҳсулоти соҳаи гӯсфандпарварӣ (гӯшт, равған, пашм ва ғайра) ба роҳ монда шавад. Ғайр аз ин, гӯсфандон дорои чуни қобилияти биологӣ мебошанд, ки баъд аз ҷаронидани чорвои калон шохдор бошад ҳам чарогоҳро хеле самаранок истифода мебаранд.

С.И.Фарсыханов, А.Х.Хайитов (1988) натиҷаи тадқиқотҳои чандинсоларо оид ба баланд бардоштани сифати гӯшт ва равғанӣ

гӯсфандони думдор ҷамъбаст намуда, қайд мекунанд, ки бо мақсади зиёд кардани истеҳсол ва баланд бардоштани сифати гӯшти барра дар хоҷагиҳо маҷмӯъи тадбирҳоеро ба амал баровардан лозим аст, ки ба ташкили парвариши интенсивӣ, хӯрок додан ва фарбеҳ кардани гӯсфандони барои гӯшт фурухташаванда нигаронда шудаанд. Муаллифон диққати бештарро ба он ҷалб мекунанд, ки заминҳои чарогоҳи табиии хӯроки чорво бештар самаранок истифода бурда шаванд. Дар чарогоҳ гӯсфандони калонсол ҳар рӯз 8,0 - 9,0 килограмм алаф истеъмол мекунанд, ки арзиши умумии ғизонокии он 1,1 - 1,4 воҳиди хӯрокаро ташкил медиҳад. Бинобар ин истеъмоли хӯроки гӯсфандонро ба назар гирифтан лозим аст, ки дар он бо сарфи ками меҳнат ва хароҷот миқдори зиёди гӯшти хушсифати барра ба даст овардан мумкин аст.

Технологияи қабулкардаи нигоҳубини гӯсфандон дар тамоми давраи парвариши он дар чарогоҳҳо (моҳҳои май - октябрь) хӯрокдиҳиро осон мекунад. Аммо, ба он диққат додан лозим аст, ки талаботи чорвои гуногун вобаста ба зот, пайдоиш, ҷинс ва синну сол ба шароити ғизо якхел нест ва як андоза хусусияти хоси худро дорад. Дар ин бобат дар расми 8 маълумотҳое пешниҳод гардидаанд, ки дар маҷмӯъ вазнӣ зиндаи гӯсфандони зоти тоҷикиро дар марҳилаи муосири нигоҳубинии он нишон медиҳанд.

Расми 8.- Вазни зиндаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ вобаста ба ҷинс ва синну сол




Чӣ тавре, ки аз нишондодҳои расми 8 дида мешавад вазни зиндаи барращои нарина ва барраҳои модина ҳангоми таваллуд мутаносибан 4,5 ва 3,9 кг-ро ташкил менамояд. Дар давраи нигоҳубини чарогоҳӣ ҷавонаҳо хуб парвариш меёбанд ва ҳангоми аз модаронашон ҷудо намудан мутаносибан вазнҳои зиндаи барраҳои нарина 36,3 ва барраҳои модина 27,9 кг- ташуил намудаанд ё ин, ки вазни зиндаи худро аз 8,07 то 7,61 маротиб нисбат ба давраи таваллуд афзун намудаанд. Гӯсфандони сину соли калон дар давраи нигоҳубини чарогоҳӣ дар чарогоҳҳои тобистонаи баландкӯҳ пурра вазни зиндаи худро барқарор менамоянд ва дар охири давраи парвариши чарогоҳӣ вазни зиндаи кӯчқорҳо - 93,8 кг, мешҳо бошад-61,2 кг-ро ташкил медиҳад.

Дар солҳои охир дар Тоҷикистон тароши яккаратаи гӯсфандон дар як сол - баҳорон дар охири моҳи апрел ва ибтидои моҳи май амалӣ карда мешавад.

Ин нишондодҳои гӯсфандони зоти тоҷикӣ ба таври мушаххас дар ҷадвали 3 акси худро ёфтаанд.

**Ҷадвали 3. – Тароши пашми баҳории гӯсфандон вобаста аз синну сол ва ҷинс**

| Гурӯҳҳои синнусолӣ | Саршумори гӯсфандон, сар | Тароши пашми ношуста, кг |
|---|---|---|
| Мешҳо | 119 | 1,94 |
| Қӯчқорҳои наслдеҳ | 58 | 2,40 |
| Барраҳои модинаи то 1 сола | 87 | 1,80 |
| Қӯчқорбарраҳои то 1 сола | 62 | 2,00 |

Аз нишондодҳои ҷадвали 3 бармеояд, ки тароши солонаи пашми қӯчқорҳо 2,40 кг-ро ташкил намуда, мешҳо бошад нисбат ба онҳо 0,46 кг камтар мебошад. Дар синни яксолагӣ тароши пашми барраҳои нарина 2,0 кг ва барраҳои модина бошад - 1,80 кг-ро ташкил намудаанд.

Ҳамин тавр, маълумоти бадастомада аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Тоҷикистон, ки ватани бавуҷудории зоти гӯсфандони сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикӣ маҳсуб меёбад, саршумори ин зот беҳад кам гашта, хатари нобудшавӣ дида мешавад. Вобаста ба ин, мо чунин меҳисобем, ки масоили ҳифз намудан ва мукаммалсозии минбаъдаи сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии ин зоти гӯсфандон дар шароити паҳншавии маҳдуд хушзоткунии он истифодаи усули ҷуфтикунонии дохилизотиро бо истифодаи захираҳои дохилии интихоб ва хостагирӣ, ҳамчунин ҳангоми зарурият гирифтани дурагаҳо дар натиҷаи ҷуфтикунонии маҳдудӣ мешҳои ҳисорӣ бо қӯчқорҳои зотӣ тоҷики ва бордоркунии минбаъдаи дурагаҳои модина бо қӯчқорҳои зоти тоҷикиро талаб менамояд.

Дар бобҳои минбаъда натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқоте, ки аз ҷониби мо дар ин самт гузаронида шудааст, оварда мешаванд.

## 3.2. Натиҷаҳои интихоб ва хостагирии гӯсфандон аз рӯйи авлодҳои мавҷудаи дохилизотӣ

Яке аз усулҳои муҳимтарини селексияи гӯсфандони зоти тоҷикӣ, ин мукаммалгардонии минбаъдаи сифатҳои он, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва хушзоткунии онҳо аз рӯйи авлод мебошад. Ин усул нисбатан кори мураккаби хушзоткунӣ маҳсуб меёбад. Мақсади асосии ин усул - зиёд намудани саршумори гӯсфандони маҳсулнокиашон баланди дилхоҳ, ки дорои устуворнокии баланди ирсӣ дошта, аломатҳои хоҷагидории хуби худро ба насл мерос гузаронад ва зотро мукаммал гардонанд, пайгирӣ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки низоми аз ибтидо дар кишвари мо нигоҳубини гӯсфандон чарогоҳии солона ба шумор рафта, зимистон дар чарогоҳҳои зимистонаю баҳорӣ, тобистон бошад, дар чарогоҳҳои тобистонаи баландкӯҳи алпӣ ва наздиалпӣ ба шумор меравад. Ҳосилнокии чарогоҳҳои зимистонаю баҳорӣ дар давоми 20 соли охир аз сабаби истифодаи бенизом ва сарбории аз ҳад зиёд (ба 1 га то 4 сар рост меояд) паст гардидааст. Тибқи баҳогузории мавҷудбуда ҳосилнокии чарогоҳҳои зимистонаю баҳорӣ аз 3,5-4,0 с/га ва чарогоҳҳои тобистона аз 16-18 с/га анбӯҳи хушки алафро ташкил медиҳад. Зимистон гӯсфандон ба алафи чарогоҳӣ танҳо дар ҳудуди 50- 60 %-и талабот таъмин буда, дар рӯзҳои номусоиди зимистон то 0,5-0,7 кг хӯрокҳои дурушт ( алафи табиӣ, бедаи юнучқа ва коҳи хушадорҳо) ва то 150-200 г қунҷора ё сабус эҳтиёҷ доранд. Эҳтимол бо ҳамин сабаб, гӯсфандон дар давраи зимистонгузаронӣ (150-160 рӯз) аз 25 то 30 % вазни зиндаашонро дар муқоиса бо давраи анҷоми фарбеҳкунии чарогоҳи гум мекунанд.

Маълум аст, ки дар солҳои охир бо сабаби камшавии саршумор ва паст гардидани корҳои селексионӣ сохтори генеалогии зоти гӯсфанди тоҷикӣ хеле тағйир ёфта, маҳсулнокиаш паст гаштааст.

Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи комиссионӣ маълум гардид, ки дар замони ҳозира дар сохтори селексионии рамаи гӯсфандон 5 авлод ҳифз ёфтааст: I; IV; V; VIII ва X. Санҷишҳо асосан дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров ва Парваришгоҳи давлатии гӯсфанди зоти тоҷикӣ дар ноҳияи Хуросон дар саршумори зиёда аз 2500 сар гузаронида шудаанд.

Ҳар авлод хусусиятҳои хоси маҳсулнокии худро дорад. Масалан, авлоди I, ки вази зиндаи нисбатан калон дошта, дорои нишондиҳандаҳои хуби маҳсулнокии сергӯштию серравғанӣ, пашми нисбатан дурушт; авлоди IV- пашмашон нисбатан ғафсу-дурушт ва вазни зиндаи миёна; авлоди V – доштани гӯшҳои сиёҳ, ҷуссаи миёна ва нишондиҳандаҳои камтари маҳсулнокии пашмӣ; авлоди VIII – пашмашон дароз буда, думбаи калон доранд; авлоди X – рангашон мутлақо сафед, маҳсулнокии баланди сергӯштию серравғанӣ ва серпашмиро тавъам месозанд. Дар расми 9 қӯчқорҳои наслӣ ва мешҳои он авлодҳое, ки дар Парваришгоҳи зоти тоҷикии ноҳияи Хуросон мансуб мебошанд, нишон дода шудааст.



Расми 9.- Қӯчқорҳои наслдеҳ ва мешҳои гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар намоишгоҳи чорво (шаҳри Ваҳдат, 2020)

Маълум аст ки ҳангоми афзоишдиҳӣ гӯсфандон вобаста ба авлод ва баҳодиҳии онҳо аз рӯйи маҷмӯъи аломатҳои маҳсулнокӣ ва сохти умумии бадани онҳо аҳмияти махсус дода мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ба ғайр аз нишондодҳои маҳсулнокӣ ва сохти бадани чорворо низ, ки аз рӯйи баҳодиҳӣ ба вазни зинда, рушд ва инкишоф, пӯшонида шудани бадан бо пашм маълум мегардад, ба назар гирифтан зарур мебошад.

Бинобар ин, дар ҷадвали 4 натиҷаҳои таҳқиқотҳо оид ба вазни зиндаи авлодҳои мавҷудаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ вобаста аз давраҳои синнусолӣ, оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. - Тағйирёбии вазни зиндаи гӯсфандони гунгунавлод вобаста аз ҷинс ва синну сол, (M ± m, кг)**

| Гурӯҳҳои синнусолӣ | Ҷинс | Ҳамагӣ шумораи гӯсфандон, сар | Авлодҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | I | IV | V | VIII | X |
| Ҳангоми таваллуд | ♂ | 165 | 5,1±0,05 | 4,5±0,04 | 4,3±0,03 | 4,6±0,06 | 4,8±0,05 |
| | ♀ | 159 | 4,5±0,03 | 3,8±0,03 | 3,7±0,05 | 4,2±0,04 | 4,3±0,06 |
| 4,5 – 5,0 моҳа | ♂ | 170 | 34,8±0,50 | 34,4±0,55 | 33,0±0,67 | 34,4±0,58 | 34,5±0,38 |
| | ♀ | 173 | 32,0±0,45 | 30,9±0,55 | 29,9±0,04 | 30,1±0,60 | 30,7±0,65 |
| 18,0 моҳа | ♂ | 40 | 70,0±0,87 | 65,0±0,35 | 63,5±0,62 | 65,0±0,53 | 68,0±0,45 |
| | ♀ | 235 | 57,8±0,0,75 | 56,0±0,05 | 55,0±0,65 | 55,7±0,68 | 57,2±0,70 |

Чӣ тавре, ки аз нишондодҳои ҷадвали 4 дида мешавад, кӯчқорбарраҳо ва барраҳои модинаи авлоди якум нисбат ба дигар авлодҳо бо вазни зиёд таваллуд мешаванд ва ин нишондод то синни 18,0 моҳагӣ низ давом меёбад. Мисол: вазни зиндаи барраҳои нарина ва модинаи авлоди якум дар синни 4,5-5,0 моҳагӣ мутаносибан 34,8-32,0 кг-ро ташкил намудааст, ки нисбат ба авлоди чорум 1,16-3,56 %, авлоди панҷум - 5,45 – 7,02 %, авлоди ҳаштум 1,16 – 6,31 % ва авлоди даҳум 0,87 - 4,23 % бартари дорад.

Вазни зиндаи нисбатан баландро кӯчқор ва мешҳои авлоди якум ва даҳум ташкил медиҳад, ки он мутаносибан ба 70,0-68,0 кг ва 57,8-57,2 кг баробар аст. Нишондодҳои вазни зиндаи гурӯҳҳои муқоисашавандаи авлодҳои чорум ва ҳаштум ба ҳамдигар наздик буда, нисбатан пасти он дар авлоди панҷум дида мешавад. Ин нишондодҳо ба тарзи муфассал дар расмҳои 10 ва 11 оварда шудааст.

Расми 10. - Тағйирёбии вазни зинда кӯчқорбарраҳои авлодҳои гуногун вобаста ба синну сол






Олимони зиёд дар асоси таҷрибаҳои гузаронидаи худ чунин ақида доранд, ки ба андозаи бадани чорво омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, аз ҷумла: зоти чорво, синну сол, вазни зиндаи волидайн, шароити хӯронидан ва нигоҳубин, инчунин фасли сол ва вобаста ба он обу ҳаво (Макшанов С.Я.,1969; Алиев Г.А.,1967,1975, 1976; Алиев Г.А. и др. 1976,1977,1978; Абдувосиев Ф. С., 1978).

Аз ин рӯ омӯхтани рушди намуи бадани чорво вобаста ба зот, авлод, синну сол ва дигар омилҳое, ки ба маҳсулнокии он таъсир мерасонад хело муҳим мебошад. Бинобар ин мо максад гузоштем, ки ченакҳои бадани гӯсфандонро вобаста ба мансубияти онҳо ба авлодҳои гуногун омӯзиш ва аз рӯйи намуди зоҳирӣ ба онҳо баҳогузорӣ намоем.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашудаи мо, ки ченакҳои асосии бадани гӯсфандони зоти тоҷикиро аз давраи таваллуд то синни 18,0 моҳагӣ вобаста ба авлод ва ҷинс дар бар мегирад, дар ҷадвалҳои 5 ва 6 оварда шудааст.

**Ҷадвали 5.- Тағйирёбии ченакҳои асосии бадани қӯчқорбарраҳои гуногунавлоди зоти тоҷикӣ вобаста ба синну сол, (M±m,см)**

| Авлод | Синну сол | Баландӣ то ёл | Дарозии каҷи бадан | Паҳмии қафаси сина | Чуқурии қафаси сина | Давраи қафаси сина | Давраи думба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| I | дар вақти таваллуд | 42,3±0,48 | 34,9±0,41 | 9,8±0,16 | 13,2±0,23 | 44,1±0,36 | - |
| | 4,5 моҳа | 68,2±0,25 | 69,0±0,31 | 17,9±0,21 | 27,2±0,24 | 90,3±0,26 | 80,3±0,44 |
| | 18,0 моҳа | 75,1±0,43 | 80,5±0,80 | 21,6±0,38 | 30,7±0,61 | 105,7±1,24 | 97,4±1,75 |
| IV | дар вақти таваллуд | 42,5±0,35 | 32,7±0,41 | 10,3±0,07 | 12,2±0,38 | 43,1±0,43 | - |
| | 4,5 моҳа | 68,2±0,24 | 69,6±0,26 | 18,0±0,24 | 28,7±0,36 | 89,9±0,90 | 79,7±0,61 |
| | 18,0 моҳа | 73,1±0,53 | 75,3±0,58 | 21,8±0,62 | 30,8±0,46 | 100,8±0,79 | 81,6±0,96 |
| V | дар вақти таваллуд | 45,4±0,44 | 35,8±0,37 | 10,8±0,23 | 14,4±0,24 | 44,9±0,36 | - |
| | 4,5 моҳа | 69,1±0,24 | 69,5±0,42 | 18,2±0,27 | 26,3±0,27 | 92,2±0,87 | 88,4±0,85 |
| | 18,0 моҳа | 76,3±0,55 | 81,8±0,63 | 22,3±0,65 | 33,0±0,47 | 104,8±0,87 | 88,4±0,90 |

Давоми ҷадвали 5

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| VIII | дар вақти таваллуд | 43,3±0,51 | 35,4±0,38 | 10,2±0,23 | 13,3±0,37 | 44,6±0,39 | - |
| | 4,5 моҳа | 68,3±0,39 | 68,5±0,38 | 17,8±0,29 | 27,2±0,20 | 91,5±0,38 | 89,8±0,54 |
| | 18,0 моҳа | 75,8±0,69 | 78,2±0,75 | 23,1±0,64 | 33,6±0,60 | 102,4±0,94 | 86,6±0,61 |
| X | дар вақти таваллуд | 43,5±0,40 | 34,4±0,28 | 10,4±0,68 | 13,7±0,43 | 44,8±0,25 | - |
| | 4,5 моҳа | 68,6±0,18 | 69,2±0,24 | 18,4±0,15 | 27,2±0,19 | 87,7±0,10 | 76,6±0,67 |
| | 18,0 моҳа | 74,8±0,60 | 76,8±0,58 | 22,8±0,51 | 32,5±0,11 | 101,8±0,87 | 82,0±0,74 |

**Ҷадвали 6. - Тағйирёби ченакҳои асосии бадани барраҳои модинаи гуноигунавлоди зоти тоҷикӣ вобаста ба синну сол, (M±m,см)**

| Авлод | Сину сол | Баланди то ёл | Дарозии качи бадан | Паҳмии қафаси сина | Чуқурии қафаси сина | Давраи қафаси сина | Давраи думба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| I | дар вақти таваллуд | 42,3±0,48 | 34,9±0,41 | 9,8±0,16 | 13,9±0,23 | 44,1±0,36 | - |
| | 4,5 моҳа | 67,6±0,40 | 65,3±0,29 | 16,8±0,40 | 23,5±0,87 | 83,8±0,33 | 70,8±0,38 |
| | 18,0 моҳа | 73,3±0,33 | 75,9±0,28 | 20,9±0,22 | 28,1±0,35 | 96,4±1,05 | 80,9±0,84 |
| IV | дар вақти таваллуд | 42,5±0,35 | 32,7±0,41 | 10,3±0,07 | 12,2±0,38 | 43,1±0,46 | - |
| | 4,5 моҳа | 65,3±0,23 | 65,2±0,53 | 16,8±0,23 | 22,2±0,31 | 81,4±0,70 | 70,4±0,54 |
| | 18,0 моҳа | 70,2±0,27 | 74,4±0,76 | 20,8±0,22 | 27,6±0,30 | 93,2±0,83 | 80,0±0,89 |
| V | дар вақти таваллуд | 43,4±0,44 | 35,8±0,37 | 10,8±0,23 | 14,5±0,24 | 44,9±0,36 | - |
| | 4,5 моҳа | 66,8±0,37 | 65,1±0,35 | 17,9±0,30 | 25,7±0,23 | 84,4±0,32 | 70,1±0,41 |
| | 18,0 моҳа | 74,6±0,24 | 75,9±0,77 | 21,3±0,18 | 29,2±0,17 | 98,1±0,59 | 81,6±0,78 |
| | | | | | | | |

Давоми ҷадвали 6

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| VIII | дар вақти таваллуд | 43,3±0,51 | 35,5±0,38 | 10,2±0,23 | 14,3±0,37 | 44,6±0,39 | - |
| | 4,5 моҳа | 65,9±0,35 | 65,3±0,36 | 15,3±0,33 | 23,5±0,25 | 82,5±0,52 | 69,7±0,44 |
| | 18,0 моҳа | 73,2±0,21 | 74,7±0,21 | 21,3±0,20 | 28,3±0,24 | 96,2±0,68 | 79,0±0,85 |
| X | дар вақти таваллуд | 43,6±0,40 | 34,5±0,28 | 10,4±0,28 | 14,7±0,43 | 44,7±0,35 | - |
| | 4,5 моҳа | 66,6±0,21 | 64,1±0,30 | 16,4±0,23 | 23,3±0,24 | 82,1±0,45 | 76,5±0,90 |
| | 18,0 моҳа | 72,9±0,25 | 75,4±0,21 | 21,2±0,17 | 28,7±0,24 | 95,3±0,66 | 80,5±0,47 |

Аз нишондодҳои ҷадвалҳои 5 ва 6 бармеояд, ки дар 4, 0 - 4,5-моҳи аввали давраи ширхӯрӣ ченакҳои асосии бадани барраҳо 1,5 – 2,0 маротиба зиёд мешавад. Дар ин давра дар ҷавонаҳо рушди бо суръати устухонҳои асосии бадан, дарозӣ ва паҳмии он ба амал меояд. Муайян карда шудааст, ки дар давраи ширхӯрӣ махсусан афзоиши босурати дунба ба назар мерасад. Эҳтимол ин ҳолат дар гӯсфандони зоти тоҷикӣ чун гӯсфандони дунбадор (ҳисорӣ) аз қобилияти захира кардани равған, то давраи аз модар ҷудо кардани барраҳо вобастагӣ дорад. Бинобар ин дунбаи барраҳо дар 135- рӯзи аввал зуд калон шуда, дар ҷинсҳои нарина 83 см ва модина бошад 72,3 см- ро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат аз ҳама андозаи калони дунба дар қӯчқорбарраҳои авлоди V11 ва V- ум ва аз ҳама андозаи хурди дунба дар авлодҳои X ва 1V дида мешавад.

Дар барраҳои модинаи авлоди X- андозаи дунба ба ҳисоби миёна 76,5 см ва ҳамсоли авлодҳои дигар бошад 70 см-ро ташкил медиҳад. Қобилияти зуд захира кардани равған дар барраҳои гӯсфандони зоти тоҷикӣ яке аз аломатест, ки аҳамияти калони биологӣ дошта, ҳамчун манбаи иловагии моддаҳои ғизоӣ ва об дар шароитҳои номусоид истифода шаванд.

Дар 18,0 моҳи минбаъда ченакҳои бадани барраҳои нарина ва модина ба ҳисоби миёна баландии то ёл 9,6 %, дарозиии каҷи бадан 14,7 % ва 15,7 %, паҳмии қафаси сина 23,9 ва 27,1 %, чуқурии қафаси сина 17,5 ва 19,9 %, даври қафаси сина 14,1 ва 15,7 %, даври дунба бошад 4,7 ва 15,7 % зиёд шудааст. Дар маҷмӯъ аз рӯзи таваллуд то балоғат расидан ченакҳои бадани гӯсфандони муқоисашаванда то 3-маротиба ва аз ин ҳам зиёд гаштааст.

Аз маълумоти ҷадвали 7 - дида мешавад, ки вобаста ба синну сол гӯсфандони авлодҳои муқоисашаванда, дорои бадани дароз ва паҳм, қафаси синаи чуқур, бадани пурра гашта, аломатҳои гӯшту-равғаниашон хуб намоён мешавад.

### Ҷадвали 7. – Индексҳои бадани гӯсфандон вобаста аз авлод ва синну сол

| Авлодҳо | Синну сол | Дарозбадан | | Қафаси сина | | Пуррагӣ | | Серустухонӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ♂ | ♀ | ♂ | ♀ | ♂ | ♀ | ♂ | ♀ |
| I | дар вақти таваллуд | 82,5 | 82,5 | 74,2 | 70,5 | 126,4 | 126,3 | 104,2 | 104,2 |
| | 4,5 моҳа | 100,1 | 96,5 | 65,8 | 71,4 | 130,9 | 128,3 | 132,4 | 123,9 |
| | 18,0 моҳа | 107,2 | 103,5 | 70,3 | 74,3 | 131,3 | 127,0 | 140,7 | 131,5 |
| IV | дар вақти таваллуд | 76,9 | 76,9 | 74,4 | 74,4 | 131,8 | 121,8 | 101,4 | 101,4 |
| | 4,5 моҳа | 102,1 | 99,8 | 64,7 | 75,6 | 129,2 | 124,8 | 131,8 | 124,6 |
| | 18,0 моҳа | 103,0 | 105,0 | 70,8 | 75,3 | 133,8 | 125,2 | 137,8 | 132,7 |
| V | дар вақти таваллуд | 78,8 | 82,4 | 75,0 | 4 | 125,4 | 125,4 | 98,9 | 103,4 |
| | 4,5 моҳа | 100,5 | 97,4 | 69,2 | 69,6 | 132,7 | 129,6 | 133,4 | 126,3 |
| | 18,0 моҳа | 107,2 | 101,7 | 67,5 | 72,9 | 124,4 | 129,2 | 137,3 | 131,5 |

| Давоми ҷадвали 7 | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| VIII | дар вақти таваллуд | 81,7 | 82,9 | 76,7 | 71,3 | 125,9 | 124,2 | 103,0 | 103,0 |
| | 4,5 моҳа | 100,2 | 99,0 | 65,4 | 65,1 | 133,5 | 126,3 | 133,9 | 125,1 |
| | 18,0 моҳа | 103,2 | 102,0 | 68,7 | 75,2 | 130,9 | 128,7 | 135,1 | 131,4 |
| X | дар вақти таваллуд | 79,0 | 79,1 | 75,9 | 70,7 | 130,2 | 129,5 | 102,9 | 102,5 |
| | 4,5 моҳа | 100,8 | 96,2 | 67,6 | 70,3 | 126,7 | 128,0 | 127,8 | 123,2 |
| | 18,0 моҳа | 102,7 | 103,4 | 70,2 | 73,8 | 132,5 | 126,3 | 136,0 | 130,7 |

Аз руйи нишондоди дарозбадании гӯсфандони авлоди V ва 1; қафаси синагӣ қӯчқорҳои авлоди 1V ва мешҳои авлоди X ; аз руйи нишондоди пуррагӣ қӯчқорҳои авлодҳои 1V ва V111 аз мешҳои авлодҳои 1 ва V111 бартарӣ доранд. Аз рӯйи нишондоди калонҷуссагӣ қӯчқорҳои калонсоли авлодҳои муқоисашаванда фарқияти назаррас дида намешавад, дар ҳолате, ки мешҳои авлоди V нишондодҳои нисбатан баланди калонҷусагӣ дошта, аз ҳамсолони дигар авлодҳо фарқ мекунад.

Ҳамин тавр, нишондодҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки аз рӯйи нишондодҳои ченакҳои бадан гӯсфандони авлодҳои муқоисашаванда аз рӯзи таваллуд то синни 18,0 моҳагӣ хусусиятҳои ба худ хосро дорад. Чунин ҳолат аз он сабаб ба амал меояд, ки дар ин давра инкишофи босуръати танаи чорво ҳам ба паҳмӣ ва ҳам ба дарозӣ инкишоф меёбад.

Маълум аст, ки яке аз хусусиятҳо хоҷагидории фоидаовари гӯсфанди зоти тоҷикӣ ин маҳсулнокии пашмии онҳо мебошад. Чи тавре, ки маълум аст, раванди маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ гӯшту равғану пашмдеҳ буда, дар худ ҷӯсаи калон ва сифатҳои гӯшту равғаниро аз гӯсфанди зоти ҳисорӣ, маҳсулнокии баланди пашмиро аз гӯсфандони зоти сарҷӣ ва ҷиллои пашмро аз гӯсфандони зоти линколнӣ ба мерос гирифтаанд. Бинобар ин гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар худ сифатҳои беҳтарине, ки дар гӯсфандони зоти ҳисорӣ, саҳрой ва линколнӣ дида мешаванд, дар худ то ҳадди имкониятҳои биологӣ дорад. Ин ҳолат аҳамияти калон дошта имконият медиҳад, ки мавзеи парвариши гӯсфандони ин зот васеъ карда шаванд ва дар мавзеъҳои дорои иқлими гуногуни обу ҳаво парвариш карда шаванд.

Маводҳои таҳқиқотҳои дар Тоҷикистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон гузаронида шуда аз он шаҳодат медиҳад, ки истифодабарии қӯчқорҳои зоти тоҷикӣ бо мешҳои зотҳои дағалпашм

ва дурагаҳо имконият медиҳад, ки дар онҳо калончуссагӣ ва қобилияти зудрасӣ инкишоф ёбад (Исмаилов И., 1971; Скляр А.Д., 1977; Эргашев Д., 1972; Макшанов С.Я., 1973; Гулев Н., 1973; Иманалиев С.Т., Кадирниязов Г.Н., 1973; Кадирниязов Г.Н.,1975; Холмурзоев Э., Ҳайдаров М., 1978; Макшанов С.Я., 1973).

Ҳамин тариқ паҳншавии гӯсфандони зоти тоҷикӣ имконият медиҳад, ки соҳаи гӯсфандпарварии нимдағалпашм бе паст шудани маҳсулнокии гӯштӣ инкишоф ёфта, нишондодҳои фоиданокии иқтисодии парвариши онҳо нисбат ба зотҳои каммаҳсули парваришёбанда баланд бардошта шавад.

Лекин, новобаста аз ин на танҳо дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоғистон, камшавии талабот ба пашми гӯсфанд дида мешавад, ки ин ҳолат ба камшавии саршумори гӯсфандони зоти пашмдеҳ оварда расонида истодааст.

Дар ҷадвали 8 нишондодҳои тароши пашми гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар ҳудуди авлодҳои муқоисашаванда нишон дода шудааст.

Ҷадвали 8 – Тароши пашми гӯсфандон вобаста ба авлодҳо дар синни 2 сола, (M ± m, кг)

| Авлодҳо | Мешҳо | | Қӯчқорҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | шумора, сар | тароши пашм, кг | шумора, сар | тароши пашм, кг |
| I | 15 | 2,4 ± 0,02 | 10 | 2,9 ±0,05 |
| IV | 15 | 2,1 ± 0,01 | 8 | 2,5± 0,04 |
| V | 15 | 2,3 ±0,02 | 5 | 2,7 ± 0,06 |
| VIII | 15 | 2,4± 0,03 | 7 | 2,6 ± 0,05 |
| X | 15 | 2,7± 0,02 | 9 | 3,0± 0,07 |

Чи тавре, ки аз нишондодҳои ҷадвали 8 дида мешавад, миқдори тароши пашми гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар синни 3 – 4 солагӣ вобаста ба авлод фарқияти хос дорад. Тароши пашми нисбатан зиёд дар меш ва қӯчқорҳои авлоди X дида мешавад, ки он мутаносибан 2,7 - 3,0 кг ташкил намуда, нисбат ба авлоди I - 12,5 ва 3,45 %, авлоди IV - 28,57 – 20,0 %, авлоди V – 17,39 – 11,11 % ва авлоди VIII - 12,5 – 15,38 % зиёд мебошад. Ин нишондодҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки имконияти ирсии гӯсфандони зоти тоҷикӣ нисбат ба баланд бардоштани маҳсулнокии пашмии он дар дохили зот вуҷуд дорад. Бинобар ин истифодаи муккамалгардонидани маҳсулнокии пашмии ин зот бо роҳи ҷуфтикунонии байниавлодӣ муҳим мебошад.

### 3.3. Вазни зинда ва маҳсулнокии пашмии наслҳои аз ҷуфтикунонии байниавлодӣ гирифташуда

Яке аз шартҳои муҳими ташаккулдиҳии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии ҳар як зот, ин ба роҳ мондани интихоб ва хостагирии чорво аз рӯйи аломатҳои дилхоҳ ба ҳисоб меравад. Барои амалӣ шудани ин, мавҷуд будани гӯсфандони дорои аломатҳои дилхоҳ дар дохили зот ё рама мусоидат мекунад. Чунин гуногунӣ барои селексионерон шароити мусоиди ба роҳ мондани системаи самаранокӣ корҳои селекциониро аз рӯйи аломатҳои алоҳида дар ҳудуди зот ё гуруҳи чорвои дорои типи дилхоҳ фароҳам меорад.

Бинобар ин яке аз роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ, гузаронидани интихоб ва хостагирии батанзимдарорӣ ва ислоҳкунанда дар дохили авлодҳои мавҷуда ба ҳисоб меравад. Натиҷаи таҳқиқотҳои зиёди гузаронидаи олимон дар дигар зотҳои гӯсфандон аз он шаҳодат медиҳанд (Исмаилов И., 1971; Скляр А.Д., 1977; Эргашев Д., 1972; Макшанов С.Я., 1973; Гулев Н.,

1973; Иманалиев С.Т., Кадирниязов Г.Н., 1973; Кадирниязов Г.Н.,1975; Холмурзоев Э., Ҳайдаров М., 1978; Макшанов С.Я., 1973).

Таҳлилҳо оид ба омӯхтани хусусиятҳои биологию хоҷагидории гӯсфандони зоти тоҷикӣ - вазнафзункунӣ, серпашмӣ, сифатнокии пашм ва ғайраҳо нишон медиҳад, ки ҳоло дар баробари нигоҳ доштани саршумори мавҷудаи худи зот, вақти он фаро расидааст, ки нисбати зиёд гардонидани саршумор, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва дар ин замина нишондодҳои иқтисодию хоҷагидории он селексияи дохилизотӣ истифода бурда шавад.

Бинобар ин қайд намудан бомаврид аст, ки як чанд авлодҳо, ки дар парвариши онҳо баъзе камбудиҳои дақиқ намоён мушоҳида карда мешаванд, ба монанди авлоди I – кампашми, IV – қадпасти, VIII – думбаи хурд истифода бо усули ҷуфтикунонии мақсаднокӣ байниавлодӣ бартараф карда шуда, имконияти баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикиро фароҳам оварад ва офаридани авлодҳои нав гардад.

Бинобар ин мо, аз рӯи таҳлилҳои кори илмию таҳқиқотии олимон мутахасиссони соҳа, инчунин зарурияти баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикиро ба инобат гирифта, истифодаи ҷуфтикунонии байниавлодии дохилизотиро (авлоди X бо VIII ва I бо IV) дар хоҷагиҳои зотпарварӣ гузаронидем.

Тибқи таҳқиқотҳои гузаронидашуда ошкор карда шуд, ки ҷуфтикунонии қӯчқорҳои наслдеҳи авлоди X бо мешҳои авлоди VIII насле ба даст оварда шуд, ки дорои пашми ғафсу сафеди қандилмонанд ва думбаи калон мебошанд.

Дар ҷадвали 9 натиҷаи баҳодиҳии ибтидоӣ ба барраҳои навзод, ки дар натиҷаи ҷуфтикунонии авлодҳои гуногун гирифта шудааст, акси худро ёфтааст.

**Ҷадвали 9 .- Вазни зиндаи барраҳои навзод вобаста аз ҷинс, пайдоиш ва ранги пашм**

| Ранги бара | Нарина | | | Модина | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | сар-шумор | вазни зинда, кг | фарқият, кг | сар-шумор | вазни зинда, кг | фарқият, кг |
| Хоҷагии зотпарварии ба номи С.Шерназаров | | | | | | |
| Сафед (авлоди X - VIII) | 34 | 5,0 | 4,5-5,3 | 28 | 4,6 | 4,0- 4,8 |
| Сурхча (I-IV) | 29 | 5,0 | 4,9-5,2 | 31 | 4,7 | 4,4- 4,9 |
| Кабуд | 5 | 5,1 | 4,8-5,2 | 9 | 4,6 | 4,3- 4,8 |
| Ҳамагӣ | 68 | 5,03 | 4,8-5,3 | 68 | 4,63 | 4,0- 4,9 |
| Парваришгоҳи гӯсфандони зоти тоҷикӣ | | | | | | |
| Сафед (авлоди X - VIII) | 25 | 4,0 | 3,8 - 4,4 | 25 | 3,4 | 4,0- 2,5 |
| Сурхча (I-IV) | 43 | 3,9 | 3,1- 4,4 | 57 | 3,3 | 4,2- 2,5 |
| Кабуд | 7 | 4,1 | 3,7-4,6 | 8 | 3,3 | 4,0- 3,1 |
| Ҳамагӣ | 75 | 4,00 | 3,1-4,6 | 90 | 3,33 | 4,2- 2,5 |

Чӣ тавре, ки аз нишондодҳои ҷадвали 9 бармеояд, дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров аз ҷиҳати вазни зинда дар байни барраҳои навтаваллудшудаи наслҳои авлоди X-VIII ва I-IV (сафед ва сурхчаранг) чӣ дар байни барраҳои нар (5,0 - 5,0 кг) ва чӣ дар барраҳои модина (4,6 - 4,7 кг) фарқияти калон дида намешавад. Дар байни барраҳои рангашон кабуд, ки дар натиҷаи ҷуфтишавии байниавлодӣ пайдо шудаанд, фарқият мушоҳида мешавад, зеро вазни барраҳои кабуди нар ба 5,1 кг ва модина бошад, ба 4,6 кг баробар аст.

Дар байни саршумори парваришгоҳ бошад, вазни зиндаи миёнаи барраҳои нарина аз авлоди X-VIII 3,9 - 4,0 кг ва авлоди I-IV 3,3 - 3,4

кг-ро ташкил намудааст. Барраҳои рангашон кабуд дорои чунин вазни зинда буданд: барраҳои нар - 4,1 кг; барраҳои мода - 3,3 кг.

Ҳамин тариқ, ин нишондодҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки вазни зиндаи барраҳои аз рӯйи ҷуфтикунонии байниавлодӣ гирифташуда дар вақти таваллуд вобаста ба хоҷагиҳо фарқият доранд ва дар саршумори хоҷагии зотпарварии С. Шерназаров афзалият дида мешавад.

Дар амал татбиқ намудани имкониятҳои истеҳсоли маҳсулотӣ чорводорӣ, чи тавре ки аз таҳқиқотҳои Попов Н.С.,1949; Николаев А.И., 1954; Алиев Г.А., 1967; Голосов А.И., 1974; Гаффаров А.К.,1975; Алиев Г.А. и др.,1979 ва бисёр дигарон бар меояд, дар бисёр ҳолатҳо аз шароити хӯронидан ва нигоҳубин вобастагӣ дорад. Ин ба муҳим будани гузаронидани таҳқиқотҳои дақиқ оид ба муайян намуданӣ шароитҳои мусоиди муҳити атроф барои инкишофи муътадили чорвои кишоварзӣ водор месозад.

Бинобар ин муайян кардани вазни зиндаи ҷавонаҳо дар давраи аз таваллуд, то аз модар ҷудо кардани онҳо, ки 135 рӯзро ташкил медиҳад, яке аз нишондодҳои муҳиме ба ҳисоб меравад, ки он самаранокии хоҷагидории чорворо нишон медиҳад.

Чи тавре, ки маълум аст дар рӯзҳои аввали ҳаёти барраҳо шири модар ғизои ягона ва асосӣ барои онҳо ба ҳисоб меравад ва минбаъд онҳо аз ҳисоби алафи сабзи чарогоҳҳои баҳорӣ инкишоф меёбанд.

Мувофиқӣ нақшаи қабулшудаи системаи нигоҳдории чарогоҳӣ мешҳо бо барраҳояшон то аввалҳои нимаи якуми моҳи май дар чарогоҳҳои баҳорӣ нигоҳ дошта шуда ва баъдан онҳо ба чароҳгоҳҳои тобистона, ки дар баландии 2,5 то 3,5 ҳазор метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошанд, ронда мешаванд. Дар ин давра барраҳо дар чарогоҳҳои тобистона бо суръат инкишоф меёбанд.

Бинобар ин дар ҷадвали 10 вазнафзункунии барраҳо дар синни 4,5 моҳагӣ вобаста аз пайдоиш, ҷинс ва ранги пашм дар давраи нигоҳубини чарогоҳҳои тобистона оварда шудааст.

**Ҷадвали 10. - Вазни зиндаи барраҳо дар синни 4,5 моҳа а вобаста ба ҷинс, пайдоиш ва ранги пашм**

| Ҷуфтикунонии авлодҳо | Ҷинс | Сар | Вазни зинда, кг |
|---|---|---|---|
| Хоҷагии зотпарварии ба номи С.Шерназаров | | | |
| Сафед (авлоди X - VIII) | ♂ | 50 | 38,5 |
| | ♀ | 50 | 34,5 |
| Сурхча (I-IV) | ♂ | 50 | 38,2 |
| | ♀ | 50 | 34,4 |
| Парваришгоҳи гӯсфандони зоти тоҷикӣ | | | |
| Сафед (авлоди X - VIII) | ♂ | 36 | 39,0 |
| | ♀ | 14 | 34,0 |
| Сурхча (I-IV) | ♂ | 40 | 39,0 |
| | ♀ | 17 | 36,0 |

Чӣ тавре, ки аз нишондодҳои ҷадвали 10 дида мешавад ҳангоми аз модар ҷудо намудани барраҳо дар синни 4,5-5,0 моҳагӣ дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров вазни зиндаи қӯчқорчаҳо ва барраҳои модинаи авлоди X - VIII нисбат ба авлоди I-IV каме зиёд буда, фарқияти онҳо назаррас нестанд ва дар парваришгоҳ бошад, вазни зиндаи қӯчорбарраҳо якхела буда, барраҳои модина нисбат ба ҳамсолони авлоди X – VIII то ба 5,88 % бартари доранд.

Аз нишондодҳои ҷадвали 10 бармеояд, ки дар натиҷаи хуб истифода намудани чарогоҳи тобистона барраҳои хоҷагии зотпарварии ба номи С.Шерназаров 7,3-7,7 маротиб ва дар Парваришгоҳ бошад, то

8,6 - 10,5 маротиба нисбати вазни зиндаи таваллуд зиёд шкданд. Дар ин давра вазнафзункунии шабонарӯзии барраҳои наринаи авлоди X - VIII вобаста аз хоҷагиҳо 248 - 259 г ва барраҳои модина – 221 – 227 г, авлоди I-IV бошад, мутаносибан 246-260 ва 220 -242 г-ро ташкил намудаанд. Ин нишондодҳо аз он далолат медиҳад, ки гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар маҷмӯъ хело зудрас мебошанд.

Чуноне, ки маълум аст гирифтани насли хуб аз сифати ирсии қӯчқорҳои алоҳида вобастагии калон дорад. Бинобар ин дар моҳи сентябр ба қӯчқорҳои наслдеҳ, аз рӯйи нишодиҳандаҳои маҷмӯавӣ (қаду баст, солимии бадан, сифати нутфа) баҳо дода шуда, истифодаи онҳо барои ҷуфтикунӣ бо мешҳо муайян карда шуд. Натиҷаи ин баҳодиҳӣ дар ҷадвали 11 оварда шудааст.

**Ҷадвали 11. - Баҳодиҳӣ ба қӯчқорҳои наслдеҳ**

| Хоҷагиҳо | Вазни зинда ва классынокӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | сар-шумор | вазни зинда, кг | фарқият, кг | классынокӣ |
| Хоҷагии зотпарварии ба номи С.Шерназаров | 10 | 110 | 105-115 | Элита |
| Парваришгоҳи гӯсфандони зоти тоҷикӣ | 8 | 100 | 94-107 | Элита |
| Ба ҳисоби миёна | 18 | 105 | 99-115 | Элита |

Чӣ тавре, ки аз нишондодҳои ҷадвали 11 дида мешавад, ки дар асоси стандарти қабулгардида саршумори ҳамаи қӯчқорҳои наслдеҳ ба синфи (класси) элита дохил карда шудаанд.

Аз аввали моҳи октябр маъракаи бордоркунии мешҳо оғоз гардид, ки дар ин давра ба мешҳои 1,5 сола аз рӯйи стандарти зоотехникии зот баҳо дода шуд ва натиҷаи он дар ҷадвали 12 оварда шудааст.

Аз нишондодҳои ҷадвали 12 бармеояд, ки ҷавонаҳои модинаи 1,5 сола вобаста аз пайдоиш ва ранги пашмашон дар чарогоҳҳои

тобистона хуб вазн афзун кардаанд. Ин боиси он гашт, ки қисми зиёди онҳо ба классҳои элита ва I дохил гардиданд. Мисол: дар Парваришгоҳи зоти гӯсфанди тоҷикӣ 21,9 % ҷавонаҳое, ки ба авлоди X x VIII мансуб ва рангашон сафед мебошанд, ба класси элита ва 57,2 % ба класси 1 баҳогузорӣ карда шудаанд. Ин нишондод дар ҷавонаҳои авлоди I x IV - ранги сурхчатобдошта, мутаносибан, 23,8 – 49,4 %-ро ташкил намуданд. Дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров ин нишондодҳо вобаста ба пайдоиш ва ранги пашми ҷавонаҳо 17,3 – 53,8 ва 20,4 – 56,9 %-ро ташкил намуданд.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар натиҷаи истифода намудани ҷуфтикунонии байниавлодии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ба сифати насли он таъсири мусбӣ мерасонад. Дар натиҷаи гузаронидани ҷуфтикунонии бартарафсозӣ истифода аз авлодҳои X x VIII дар Парваишгоҳ 79,1 % гӯсфандони зоти тоҷикӣ ҳамчун класси элита ва класси I, 20,9 % класси II, дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров 73,2 % он ба класси элита ва класси I, 26,8 % класси II, авлодҳои I x IV бошад, мутаносибан 71,1 – 28,9 ва 77,3 -22,7 %-ро ташкил намудаанд.

**Ҷадвали 12. - Баҳодиҳии ҷавонаҳои модинаи 1,5 сола вобаста аз пайдоишашон**

| Хоҷагиҳо | Класснокӣ | Сафед (X x VIII) | | | Сурхча (I x IV) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | сар-шумор | вазни зинда, кг | % | сар-шумор | вазни зинда, кг | % |
| Парваришгоҳи зоти гӯсфандони тоҷикӣ | Элита<br>I класс<br>II класс | 23<br>60<br>22 | 62,2<br>57,4<br>51,6 | 21,9<br>57,2<br>20,9 | 41<br>85<br>46 | 62,6<br>56,2<br>50,9 | 23,8<br>49,4<br>26,8 |
| Хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров | Элита<br>I класс<br>II класс | 21<br>65<br>35 | 61,7<br>56,9<br>49,6 | 17,3<br>53,8<br>28,9 | 5165<br>143<br>57 | 61,6<br>55,8<br>48,5 | 20,4<br>56,9<br>22,7 |

Яке аз нишондодҳои хоҷагидории гӯсфандони зоти тоҷикӣ, ин маҳсулнокии пашми онҳо ба шумор меравад. Аз ин рӯ дар ҷадвали 13 натиҷаҳои тароши пашми гӯсфандон дар гурӯҳҳои селексионӣ вобаста аз ҷуфтикунонии байниавлодӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 13. - Ҷамъбасти пашмтарошии гӯсфандони зоти тоҷикӣ вобаста аз пайдоиш, ҷинс ва синну сол**

| Ҷинс, пайдоиш ва ранги пашм | Тароши пашм | | |
|---|---|---|---|
| | саршумор, сар | миқдори пашм аз як сар, кг | фарқият, кг |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| Хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров | | | |
| Қӯчқорҳои сафеди наслдеҳ (авлоди X ва VIII) | 10 | 2,8 | 2,4-3,2 |
| Барраҳои наринаи сафеди яксола (авлоди X ва VIII) | 9 | 1,9 | 1,8- 2,0 |
| Мешҳои сафед (авлоди X ва VIII) | 50 | 2,1 | 1,8- 2,0 |
| Барраҳои модинаи сафеди яксола (авлоди X ва VIII) | 10 | 1,9 | 1,8- 2,0 |
| Қӯчқорҳои сурхчаи наслдеҳ (авлоди I ва IV) | 44 | 2,7 | 2,5-3,0 |
| Барраҳои наринаи яксола (авлоди I ва IV) | 9 | 1,9 | 1,8-2,0 |
| Мешҳои сурхча (авлоди I ва IV) | 200 | 2,2 | 2,1-2,4 |
| Барраҳои модина яксолаи сурхча (авлоди I ва IV) | 40 | 2,1 | 1,9-2,3 |
| Ҷамъ | 404 | - | 1,8- 3,2 |

| Давоми ҷадвали 13 | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| Парваришгоҳи гӯсфандони зоти тоҷикӣ | | | |
| Қӯчқорҳои сафеди наслдеҳ (авлоди X ва VIII) | 10 | 2,6 | 1,8-2,8 |
| Барраҳои наринаи сафеди яксола (авлоди X ва VIII) | 22 | 1,6 | 0,8-1,6 |
| Мешҳои сафед (авлоди X ва VIII) | 20 | 1,8 | 0,8-1,5 |
| Барраҳои модинаи сафеди як сола (авлоди X ва VIII) | 15 | 1,6 | 1,0-1,6 |
| Қӯчқорҳои сурхчаи наслдеҳ ( авлоди I ва IV) | 15 | 2,7 | 0,8-1,5 |
| Барраҳои наринаи яксола (авлоди I ва IV) | 17 | 1,6 | 1,1-1,7 |
| Мешҳои сурхча (авлоди I ва IV) | 35 | 1,9 | 1,2-3,0 |
| Барраҳои модинаи як солаи сурхча (авлоди I ва IV) | 35 | 1,7 | 1,2-3,2 |
| Ҷамъ | 169 | - | 0,8-3,0 |

Чӣ тавре, ки аз таҳлили нишондодҳои ҷадвали 13 бармеояд, аз ҷиҳати тароши пашми баҳори байни қӯчқорҳои наслдеҳ ва мешҳои калонсол фарқияти хоси ҷинсӣ ба назар мерасад.

Дар байни саршумори хоҷагиҳии зотпарварии ба номи С. Шерназаров тароши пашми қӯчқорҳои наслдеҳи авлоди X ва VIII - 2,8 кг-ро ташкил намудааст, ки ин нисбат ба авлоди I ва IV 3,7 % зиёд мебошад. Дар баробари ин, миқдори тароши пашми мешҳои сурхчаи

авлоди I - IV нисбат ба ҳамсолони худ 4,76 % зиёд мебошад. Ин гуна фарқият дар барраҳои модинаи яксолаи муқоисашаванда низ дида мешавад (10,53 %). Аз рӯйи нишододи тароши пашми гӯсфандони Парваришгҳи зоти тоҷикӣ дар наслҳои авлоди I - IV афзалият дида мешаванд ва фарқияти он нисбат ба насли авлоди X - VIII, дар қӯчқорҳои наслдеҳ 3,85 %, мешҳо – 5,56 %, барраҳои модинаи яксола 6,25 %-ро ташкил медиҳад.

Яке аз нишондодҳои сифати пашм ин дарозии он ба шумор меравад. Бинобар ин дар ҷадвали 14 дарозии пашми гӯсфандони муқоисашаванда оварда шудааст.

**Ҷадвали 14. - Дарозии табиии пашми гӯсфандони зоти тоҷикӣ вобаста аз пайдоиш, синну сол ва ҷинс**

| Ҷинс, синну сол ва пайдоиш | Саршумор | Дарозии пашм, см | Фарқият |
|---|---|---|---|
| Қӯчқорҳои наслдеҳи сафед | 20 | 23,6 | 21,1-24,6 |
| Барраҳои наринаи сафеди яксола | 31 | 23,2 | 21,5-25,1 |
| Мешҳои сафед | 50 | 20,6 | 19,0- 23,1 |
| Барраҳои модинаи сафеди як сола | 10 | 23,6 | 21,6- 26,2 |
| Қӯчқорҳои наслдеҳи сурхча | 59 | 23,8 | 21.1- 25,1 |
| Барраҳои наринаи сурхчаи яксола | 57 | 24,3 | 21,2- 25,2 |
| Мешҳои сурхча | 86 | 22,9 | 20,6- 24,8 |
| Барраҳои модинаи сурхчаи яксола | 75 | 23.9 | 22,2- 26,2 |
| Ба ҳисоби миёна | 388 | 23,2 | 19,0- 26,2 |

Аз нишондодҳои ҷадвали 14 маълум мешавад, ки дарозии табиии пашми гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар байни гурӯҳҳои санҷидашуда дар

маҷмуъ фарқияти калоне дида намешавад. Дарозии пашми қӯчқорҳои наслдеҳ мутаносибан 23,6 -23,8 см ва мешҳо 20,6 – 22,9 см-ро ташкил намудаанд. Барраҳои наринаи яксолаи авлоди I - IV ба 24,3 см ва нисбат ба ҳамсолони худ аз авлоди X - VIII ба 4,74 ва модина бошад 1,27 % дарозтар мебошад.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҷуфтикунонии байниавлодӣ яке аз омилҳои баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ - вазни зинда, вазнафзункунӣ, тароши пашм ба шумор меравад.

Бинобар ин тавсия дода мешавад, ки барои ба талаботи зот мувофиқат кардани гӯсфандони зоти тоҷикӣ заминаи хуб - ин вуҷуд доштани авлодҳои гуногун мебошад. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки барои беҳтар намудани сифати пашми гӯсфандони зоти тоҷикӣ қӯчқорҳои наслдеҳи авлоди I - ро истифода бурдан самаранок мебошад.

### 3.4. Баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо роҳи интихоби қӯчқорҳои наслдеҳ

Маълумоти адабиётҳоии илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар соҳаи гӯсфандпарварӣ муваффақият дар мавриди беҳсозии ирсии рамаҳо аз 85 то 90 % аз интихоби мақсаднок ва тайёр намудани қӯчқорҳои наслдеҳ барои ҷуфтикунонӣ вобастагӣ дорад. Ин ба он маънидод мегардад, ки барои мақсадҳои хушзоткунӣ наслдиҳандагони аз ҳама беҳтаринро, дорои ирсияти хуб (консолидированной) буда, сифатҳои авлодӣ, зотӣ ва хоҷагидорӣ манфиатнокии худро ба таври устувор ба насл мегузаронанд, интихоб карда шавад.

Дар хоҷагиҳои зотпарварӣ арзишнокии қӯчқорҳои наслдеҳро аз рӯйи се нишондоди асосӣ баҳо медиҳанд: аз рӯйи пайдоиш; маҳсулнокии

худӣ ва сифати насл. Танҳо чунин баҳогузории маҷмӯъӣ ҳангоми интихоби қӯчқорҳои наслдеҳ метавонад натиҷаҳои мусбӣ биёрад.

Таҳқиқотҳои илмӣ ва таҷрибаи кори хушзоткунӣ нишон медиҳанд, ки интихоб ва хостагирии қӯчқорҳои наслдеҳ аз рӯйи пайдоиш ва маҳсулнокии хусусӣ, бе донистани хосиятҳои ирсии онҳо ба қадри кофӣ самаранок нест, зеро аслияти зот ба ирсият якхела нестанд, фенотип бошад, на ҳама вақт генотипро акс месозад.

Дар дурагаҳо аломатҳои асосӣ, ки аз рӯйи онҳо корҳои селексионию хушзоткунии самтнок бурда мешавад, вазни зиндаи калон, тарош ва сифати пашми нимдурушт маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, интихоб ва хостагирӣ асосан аз рӯйи ин нишондодҳо гузаронида мешавад.

Барои муайян намудани арзиши зотии чорво гуногунии ирсӣ ё ин ки, қисми умумии гуногунии фенотипӣ аҳамияти муҳим дорад. Яке аз чорабиниҳои ниҳоят муҳими зоотехникӣ, ки ба ташаккул додани рамаи гӯсфандон дар як ҳар хоҷагӣ, равона карда шудааст, ин усули баҳодиҳии генотипҳо аз рӯйи сифати наслашон мебошад.

Сифати насл яке аз меъёрҳои нисбатан аниқи баҳо додани чорво аз рӯйи арзиши зотиаш ба ҳисоб меравад. Ин тарзи баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки ҷинсҳои наслдиҳанда аз насл ба насл додани сифатҳои сохти бадан ва маҳсулнокӣ муайян карда шаванд. Санҷишро дар саршумори муайяни мешҳо вобаста ба сифати онҳо, ки минбаъд истифода бурда мешаванд, гузаронида шуданд. Ба наслҳо аз рӯйи маҷмӯъи аломатҳо баҳо дода мешавад. Дар беҳтар намудани сифатҳои зотии дилхоҳ дар рама ва ташаккул додани онҳо, қӯчқорҳои наслдеҳ саҳми муҳимро мебозад.

Маҳсулоти асосии қӯчқорҳои наслдеҳ, ин насли онҳо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин қӯчқорҳои наслдеҳ, ки барои такрористеҳсолкунии рама истифода бурда мешаванд, санҷида шуда, аз рӯйи сифати наслашон баҳо дода шаванд, чунки мӯҳлати

истифодабарии онҳо дар корҳои зотпарварӣ барои афзоишдиҳӣ ва ташаккулдиҳии зот аҳамияти муҳим дорад.

Баҳодиҳии қӯчқорҳои наслдеҳ ҳарсола дар байни гӯсфандони зоти тоҷикӣ барои ба даст овардани дурагаҳои дилхоҳ гузаронида мешавад. Дар соли 2012 пешакӣ 6 қӯчқори калонсол ва 3 қӯчқори наслдеҳи ҷавони 1,5 сола, ки барои бордоркунии сунъии мешҳои рамаҳои дурага бо гӯсфандони зоти ҳисорӣ истифода гардидаанд.

Қӯчқорҳои калонсол ва қӯчқорҳои наслдеҳи ҷавон аз рӯйи пайдоиш, маҳсулнокии худӣ ва аз рӯйи сифати насли онҳо баҳо дода шуданд. Ҳамаи қӯчқорҳои интихобгардида ба класси элита мансуб дониста шуданд. Вазни зиндаи миёнаи қӯчқорҳои наслдеҳи калонсол 125,2 кг бо калавиши аз 120 то 128 кг ташкил дод. Тароши солонаи пашм дар қӯчқорҳои калон ба 4,18 кг бо калавиши 4,0-4,7 кг баробар буд. Вазни зиндаи миёнаи қӯчқорҳои 1,5 сола 101,2 кг бо калавиши аз 94 то 112 кг, тароши солонаи пашм бошад, 4,33 кг бо калавиши аз 3,9 то 5,1 кг-ро ташкил дод.

Ҳангоми баҳогузорӣ қӯчқорҳои наслдеҳ аз рӯйи сифати насли дурагаҳо аз рӯйи вазни зинда ҳангоми таваллуд ва ҷудо намудан аз модарҳояшон дар синни 4,5 моҳагӣ, инчунин тароши пашми аввалин баҳо дода шудааст.

Натиҷаҳои баҳогузории пешакии қӯчқорҳои наслдеҳ аз рӯйи вазни зиндаи насл ҳангоми таваллуд дар ҷадвали 15 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 15. – Баҳодиҳии пешакии қӯчқорҳои наслдеҳ аз рӯйи вазни зиндаи дурагаҳо дар ҳангоми таваллуд**

| № Қӯчқорҳо | Қӯчқорҳо | | | | Мешҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | N | вазни зинда, кг | D | дараҷа | N | вазни зинда, кг | D | дараҷа |
| Калонсол | | | | | | | | |
| 93 | 59 | 5,278 | +0, 056 | 3 | 52 | 4,989 | +0,033 | 4 |
| 40 | 19 | 4,847 | -0,275 | 9 | 25 | 4,676 | -0,275 | 9 |
| 90 | 76 | 5,018 | -0,204 | 8 | 88 | 4,971 | +0,020 | 5 |
| 67 | 76 | 5,090 | -0,132 | 7 | 61 | 4,909 | -0,042 | 7 |
| 65 | 36 | 5,164 | -0,058 | 6 | 46 | 4,949 | -0,002 | 6 |
| 68 | 29 | 5,468 | +0,243 | 2 | 25 | 5,124 | +0,173 | 1 |
| 1,5 сола | | | | | | | | |
| 17 | 57 | 5,261 | +0,039 | 4 | 47 | 4,862 | -0,089 | 8 |
| 58 | 58 | 5,608 | +0,386 | 1 | 60 | 5,087 | +0,136 | 2 |
| 34 | 71 | 5,176 | -0,055 | 5 | 65 | 5,001 | +0,050 | 3 |

Чӣ тавре, ки аз нишондодҳои ҷадвали 15 бармеояд, ранги қӯчқорҳои наслдеҳ, ки аз рӯйи вазни зиндаи наслҳо ҳангоми таваллуд муайян карда шудааст, аз ҷинс вобастагӣ дошт. Аз рӯйи вазни зиндаи наслҳои қӯчқорҳо ҷои 1-ум ба қӯчқори калонсол № 93, аз рӯйи вазни зиндаи барраҳои модина бошад, ба қӯчқори № 68 мансуб дониста шуд. Бадкунандагони ин нишондод аз рӯйи ҳаҷм қӯчқорҳои № 40, 67, 65 ва 90 дониста шудаанд. Ин нишондодҳо дар қӯчқорҳои 1,5 сола чунин мебошанд: беҳкунанда аз рӯйи насли модина ва нарина № 58, нарина - № 57 ва модина - № 34 дониста шудаанд.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи нишондоди баҳодиҳии қӯчқорҳои насли аз вазни зиндаи насли қӯчқорчаҳо ҳангоми аз модаронашон ҷудо намудан, қӯчқорҳои №№ 65, 93, 68, 40 ва аз рӯйи модабарраҳо бошад, қӯчқорҳои

№№ 93 ва 68 ҳамчунон беҳсозанда муайян гаштаанд. Қӯчқорҳои № 67 ва 65 бошанд ба бадкунандагони насл мансуб дониста шуд.

Ҳангоми баҳодиҳии қӯчқорҳои наслдеҳ аз рӯйи вазни зиндаи қӯчқорбарраҳо ва барраҳои модина ҳангоми таваллуд ва аз модар ҷудо намудан дараҷаи қӯчқорҳо мувофиқ наомад, аммо аз рӯйи тароши пашми якум баҳодиҳии ду қӯчқори беҳтарин мувофиқат намуд. Дар ин маврид беҳсозандагони насл ду қӯчқори калон ва як қӯчқори 1,5 сола, бадсозандагони насл бошад, як қучқори калон ва ду қӯчқори ҷавон дониста шуданд. Қӯчқорҳои боқимонда ба наслдеҳони бетараф мансуб дониста шуданд.

Маълум аст, ки баҳои нисбатан эътимоднокро ба қӯчқорҳои наслдеҳ метавон аз рӯйи маҷмӯъи аломатҳои селексионӣ назар ба ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ дод. Вобаста ба ин ҳолат, мо баҳоро ба қӯчқорҳои зоти тоҷикӣ аз рӯйи маҷмуи дараҷа, ки онҳо дар баҳо додан ба вазни зинда ҳангоми таваллуд, ҳангоми аз модарҳояшон ҷудо намудан ва аз рӯйи тароши пашми якум ба даст оварда буданд, додем.

Инчунин баҳодиҳии қӯчқорҳои наслдеҳ аз рӯйи тароши пашми якумини насли онҳо гузаронида шудааст, ки натиҷаи он дар ҷадвали 16 оварда шудааст.

**Ҷадвали 16. - Баҳодиҳии қӯчқорҳои наслдеҳ аз рӯйи вазни зиндаи насли дурагаҳо ҳангоми аз модаронашон ҷудо намуданд**

| №№ қӯчқорҳо | Нарина | | | | Модина | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | N | вазни зинда, кг | D | дараҷа | N | вазни зинда, кг | D | дараҷа |
| Калонсол | | | | | | | | |
| 93 | 51 | 44,744 | -0,001 | 5 | 49 | 41,573 | +0,384 | 3 |
| 40 | 13 | 42,538 | -2,207 | 9 | 17 | 41,235 | +0,046 | 4 |
| 90 | 56 | 43,000 | -1,745 | 7 | 64 | 39,828 | -1,361 | 9 |
| 67 | 48 | 42,854 | -1,891 | 8 | 51 | 40,741 | -0,448 | 7 |

| Давоми ҷадвали 16 | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 65 | 15 | 47,799 | +3,054 | 1 | 36 | 39,999 | -1,190 | 8 |
| 68 | 23 | 45,867 | +1,122 | 3 | 20 | 42,000 | +0,811 | 2 |
| 1,5 – сола | | | | | | | | |
| 17 | 24 | 43,960 | -0,785 | 6 | 36 | 41,083 | -0,106 | 5 |
| 58 | 39 | 46,508 | +1,763 | 2 | 43 | 43,372 | +2,183 | 1 |
| 34 | 55 | 45,436 | +0,691 | 4 | 46 | 40,870 | -0,319 | 6 |

Чӣ тавре, ки аз нишондодҳои ҷадвали 16 бармеояд, маҷмӯъи нисбатан ками рангҳоро аз рӯйи вазни зинда ва тароши пашми якуми насл қӯчқори №93, ки аз рӯйи бузургии ин нишондодҳо дар наслҳо ҳамчун беҳсозандаи насл дониста шуд, ба даст овардааст. Маҷмуи умумии рангҳо аз рӯйи 6 нишондод дар ин қӯчқор 8-ро ташкил намуд. Ду маротиба зиёд маҷмуи умумии рангҳоро қӯчқори №68, ки як ҷои аввал, ду ҷои дуюм, ду ҷои сеюм ва як ҷои панҷумро ишғол намуда буд, ба даст овардааст.

## 3.5. Таъсири нигоҳубин ва хӯронидан ба маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва дурагаҳои он

Маълумоти зиёди адабиёти соҳавӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки усулҳои баланд бардоштани маҳсулнокии чорво гуногун буда, аз онҳо асоситаринаш беҳсозии хусусиятҳои ирсӣ, таъмин намудани шароитҳои нисбатан мусоиди хӯронидан ва нигоҳубин, ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, илми зоотехникӣ ба он ишора менамояд, ки потенсиали ирсии ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ танҳо дар ҳолати ташкил намудани шароитҳои муътадили хӯрокдиҳӣ ва нигоҳубин ба таври пурра зоҳир мегардад (Осипов В.А., Гусейнов А.М., Иргашев Т.А., 1980; Форсихонов С.И., Ҳайитов А.Х., 1985; Осипов В.А. 1991; Пименов В.С., 2009 ва дигарон).

Чи тавре ки маълум аст гӯсфандпарварӣ дар Тоҷикистон дар асоси системаи парвариши чарогоҳӣ асос ёфтааст. Аммо аз сабаби он, ки дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон саршумори гӯсфандон зиёда аз ду маротиба афзоиш ёфтааст, баъзе мушкилотҳо нисбати таъмини чорво бо чарогоҳ дида мешавад. Ин сабаби он мегардад, ки нисбати интенсификатсиякунонии соҳа аҳамият диҳем ва имкониятҳои мавҷудаи истеҳсол ва самаранок истифодабарии захираҳои хӯроки чорворо таъмин намоем. Вобаста ба ин, дар солҳои 2011-2015 дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназарови ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон аз тарафи мо, таҷрибаҳои илмию хоҷагидорӣ оид ба омӯзиши таъсири шароитҳои парвариш ба маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва дурагаҳои он бо мешҳои зоти ҳисорӣ гузаронида шудааст.

Таҷрибаҳои илмӣ-хоҷагидорӣ аз рӯйи усулҳои гурӯҳҳои ҳамшабеҳ (аналог) интихоб карда шуданд:

**Таҷрибаи 1 (зоти асили тоҷикӣ):** а) 55 сар барраҳои модинаи синну солашон 7-моҳа; б) 52 сар барраҳои наринаи синну солашон 7-моҳа; в) 20 сар мешҳои синнашон 18 моҳа.

**Таҷрибаи 2 (дурагаҳо):** а) 32 сар барраҳои модинаи синнашон 7-моҳа; б) 23 сар барраҳои наринаи синнашон 7 моҳа; в) 13 сар мешҳои синнашон 18 моҳа;

Ҳама гӯсфандони ба гурӯҳҳо ҷудогардида дар алоҳидагӣ дар шароитҳои пурра якхелаи нигоҳубин қарор доштанд. Таҷрибаҳо дар моҳи ноябр оғоз гардида, то охири апрел идома дошт (дар давоми 6 моҳ).

Дар ҷадвали 17 меъёри хӯронидани гӯсфандон мувофиқ ба гурӯҳҳо оварда шудааст.

Аз нишондодҳои ҷадвали 17 бармеояд, ки меъёри хӯрокдиҳӣ мувофиқ ба афзудани вазни зиндаи гӯсфандон тағйир меёфт. Таркиби ратсиони хӯронидан аз хӯрокаҳои зерин иборат буд: омехтаи хӯроки

консентратӣ (50% ҷав ва 50% ҷуворимаккаи майдакардашуда), бедаи майдакардашуда ва кунҷораи пахта. Ҳамагӣ дар давоми 6 моҳи гузаронидани таҷрибаҳо барои парвариши як сар барраи модинаи зоти тоҷикӣ 114,5 кг консентрати омехта, 401 кг бедаи юнучқа, барраҳои нарина бошад мутаносибан 159,6 ва 419,4 кг ва мешҳо – 114,5 консентрати омехта, 437,3 кг бедаи юнучқа, 89 кг кунҷораи пахта сарф карда шудааст. Сарфи хӯрокаи дурагаҳо бошад: барраҳои модина – 114,5 ва 410 кг; барраҳои нарина – 156,6 ва 419,2 кг; мешҳо – 132,6, 437,3 ва 89 кг-ро ташкил додааст.

**Ҷавали 17.- Меъёри хӯронидани гӯсфандон дар давоми таҷриба**

| Таҷрибаҳо | Гурӯҳҳо | Намуд ва меъёри хӯрокаҳо, кг | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | омехтаи консентратӣ | | | бедаи юнучқа | | | кунҷораи пахта | | |
| | | ноябр | декабр-январ | феврал-март-апрел | ноябр | декабр-январ | феврал-март-апрел | ноябр | декабр-январ | феврал-март-апрел |
| 1 - зоти аслии тоҷикӣ | барраҳои модина | 0,5 | 0,6 | 0,7 | 2,0 | 2,2 | 2,3 | - | - | - |
| | барраҳои нарина | 0,7 | 0,8 | 1,0 | 2,1 | 2,3 | 2,4 | - | - | - |
| | мешҳо | 0,5 | 0,6 | 0,7 | 2,2 | 2,4 | 2,5 | - | - | 1,0 |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 2- дурагаҳо (тоҷикӣ X ҳисорӣ) | барраҳои модина | 0,5 | 0,6 | 0,7 | 2,0 | 2,2 | 2,4 | - | - | - |
| | барраҳои нарина | 0,7 | 0,8 | 1,0 | 2,1 | 2,3 | 2,4 | - | - | - |
| | мешҳо | 0,6 | 0,7 | 0,8 | 2,2 | 2,4 | 2,5 | - | - | 1,0 |

Натиҷаҳои бадастовардашудаи таҷрибаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки шароитҳои хӯрокдиҳӣ ба маҳсулнокии гӯштӣ ва пашмии гӯсфандони зоти аслии тоҷикӣ ва дурагаҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Дар ҳамин ҳолат, фарқиятҳои амиқи синнусолӣ ва ҷинсӣ муайян карда шудаанд (ҷадвали 18).

**Ҷадвали 18.- Вазни зинда ва тароши пашми гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва дурагаҳои он бо зоти ҳисорӣ**

| Таҷрибаҳо | Гурӯҳҳо | Вазни зинда вобаста ба давраҳои таҷриба, кг | | | Тароши пашм, кг |
|---|---|---|---|---|---|
| | | саршавӣ | анҷом | вазнафзун-кунӣ | |
| 1 - зоти аслии тоҷикӣ | барраҳои модина | 38,6 | 54,8 | 16,2 | 2,10±0,08 |
| | барраҳои нарина | 40,4 | 65,2 | 24,8 | 3,90±0,14 |
| | мешҳо | 53,0 | 71,1 | 18,1 | 3,96±0,09 |
| 2- дурагаҳо (тоҷикӣ X ҳисорӣ) | барраҳои модина | 39,1 | 58,6 | 19,5 | 1,95±0,09 |
| | барраҳои нарина | 41,2 | 68,2 | 27,0 | 3,20±0,04 |
| | мешҳо | 53,3 | 73,9 | 20,6 | 3,29±0,07 |

Чӣ тавре, ки аз нишондодҳои ҷадвали 18 дида мешавад, гӯсфандони дурага дорои имкониятҳои баланду воқеии афзун намудани вазни зинда мебошанд. Мисол: дар оғози таҷрибаҳо вазни зиндаи гӯсфандони гурӯҳҳо ба ҳамдигар наздик буда, фарқияти калон надоштанд. Дар давоми 6 моҳи таҷриба вазни зиндаи барраҳои модинаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ то 16,2, кӯчқорҳо - 24,8 ва мешҳо - 18,1 кг афзудааст. Ин нишондод дар гӯсфандони дурагаҳо мутаносибан 19,5 кг, 27,0 ва 20,6 кг-ро ташкил додааст. Дар ин давра суръати

вазнафзункунии гӯсфандон мувофиқ ба таҷрибаҳои 1 ва 2 мутаносибан 90, 137, 100 ва 108, 149, 114 грамм дар як шабонарӯз расидааст, яъне дурагаҳо дорои имкониятҳои баланду воқеии афзун намудани вазни зинда мебошанд ва дар ҳамин маврид, насли гӯсфандони дурага арзиши аслии хӯрокро ба афзункунии маҳсулнокӣ мепӯшонанд.

Афзалият дар нишондодҳои тароши пашм дар гӯсфандони аслии зоти тоҷикӣ дида мешад. Ин нишондод дар мешҳои 2,5 солаи дар таҷрибаҳои 1 ва 2 қарордошта мутаносибан ба 3,96 ва 3,29 кг баробар мебошад. Тароши пашми барраҳои модина вобаста ба таҷрибаҳо 2,10 - 1,95 ва барраҳои нарина бошад 3,20 – 3,90 кг-ро ташкил намудааст.

Ҳамин тариқ нишондодҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дурагаҳое, ки аз натиҷаи ҷуфтикунонии мешҳои зоти ҳисорӣ бо қӯчқорҳои зоти тоҷикӣ ба даст оварда шудаанд нисбат ба зоти аслии тоҷикӣ дорои қобилияти баланду воқеии афзун намудани вазни зинда дошта, аз рӯйи тароши пашм низ ба онҳо наздикӣ мекунанд.

## 3.6. Маҳсулнокии гӯштии қӯчқорчаҳои пайдоишашон гуногун

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими гӯсфандони зоти тоҷикӣ маҳсулоти гӯштиву равғани онҳо ба ҳисоб меравад. Ташаккулёбии ин намуди маҳсулнокӣ аз таъсири омилҳои зиёд вобастагӣ дорад. Оид ба ин натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидаи Форсихонов С. Э (1957), Алиев Ғ. А (1976), Осипов В. А (1970), Раҳимов Ш. Т (2000), Турдиқулов Т. (1985) ва бисёр дигарон, ки ба масъалаи омӯхтани маҳсулнокии гӯшту равғани гӯсфандони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парваришбанда бахшида шуданд гувоҳи медиҳанд.

Вобаста аз ин маълум аст, ки дар беҳтар намудани сифатҳои гӯштӣ аҳмияти нигоҳубин ва хӯронидан хеле муҳим мебошад. Серталабии

гӯсфондони зоти тоҷикӣ  нисбат ба шароитҳои нигоҳубин ва хӯронидан дар таҳқиқотҳои гузарондаи худи  муаллифи  зот Алиев Ғ.А. (1985), Жарков Р.Ш. ва дигарон (1973), Саъдуллоев  Г. (1997),  Макшанов С. Я. ва дигарон (1986) оварда шудааст.

Дар алоқамандӣ бо ин, мо таҷрибаҳоро оид ба омӯхтани қобилияти фарбеҳшавии қӯчқорчаҳои зоти тоҷикӣ ва дурагоҳои  он бо  зоти  ҳисорӣ гузаронидаем, ки натиҷаҳояш дар ҷадвал 19 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 19. - Қобилияти фарбеҳшавии қӯчқорчаҳо**

| Нишондодҳо | | Воҳиди ченак | Гурӯҳҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | зоти аслии тоҷикӣ | дурагаҳо |
| Вазни зинда | дар давраи саршавии фарбеҳкунӣ | M±m, кг | 35,00±1,05 | 40,50±1,10 |
| | ҳангоми тамомшавии давраи фарбеҳкунӣ | M±m, кг | 48,50±0,85 | 56,55±1,22 |
| Вазнафзункунӣ дар давраи 60-рӯзи фарбеҳкунӣ | | кг | 13,50 | 16,05 |
| Вазафзункунии шабонарӯзӣ | | г | 225 | 267,5 |
| Сарфи хӯрока ба 1 кг вазнафзуншавӣ | | воҳиди хӯрока | 8,30 | 7,50 |

Чуноне, ки аз маълумоти  ҷадвали  мазкур дида мешавад, дар давраи фарбеҳкунӣ вазни зиндаи қӯчқорчаҳои ҳарду гурӯҳ ба таври назаррас зиёд шудаанд ё ин, ки  дар   қӯшқорбарраҳои  зоти тоҷикӣ 38,57 % дар дурагаҳо бошад 39,63 %-ро  ташкил медиҳад. Хусусиятҳои фарққунандани қӯшқорҳои дурага дар он аст, ки аз рӯйи нишондоди сарфи хӯрока барои ба  даст  овардани  як килограм вазни зинда  0,80 воҳиди хӯрокаро, нисбат  ба зоти  тоҷикӣ,  кам харҷ намудааст.

Хусусиятҳои хоси индувидуалии қӯчқорчаҳо ба таври равшан дар нишондиҳандаҳои қассобии онҳо то давраи фарбеҳкунӣ ва баъд аз он дар ҷадвали 20 оварда шуда шудааст.

**Ҷадвали 20. - Нишондиҳандаҳои қассобии қӯчқорчаҳои баромадашон гуногун дар давраҳои фарбеҳкунӣ, (М±м)**

| Нишондодҳо | Давраи фарбеҳкунӣ | Гурӯҳҳо | |
|---|---|---|---|
| | | зоти аслии тоҷикӣ | дурагаҳо |
| Вазни зиндаи қӯчқорчаҳо | дар давраи оғозӣ фарбеҳкунӣ | 35,20±0,55 | 40,85±0,89 |
| | ҳангоми тамомшавии давраи фарбеҳкунӣ | 47,75±0,95 | 55,50±0,25 |
| Вазни гӯшти қассобӣ шуда, кг | дар давраи оғозӣ фарбеҳкунӣ | 16,95±0,32 | 19,50±0,80 |
| | ҳангоми тамомшавии давраи фарбеҳкунӣ | 25,55±0,34 | 30,90±0,40 |
| Вазни думба, кг | дар давраи оғозӣ фарбеҳкунӣ | 2,40±0,10 | 3,10±0,12 |
| | ҳангоми тамомшавии давраи фарбеҳкунӣ | 3,08±0,05 | 4,50±0,08 |
| Равғани дарунӣ, кг | дар давраи оғозӣ фарбеҳкунӣ | 0,15±0,02 | 0,45±0,03 |
| | ҳангоми тамомшавии давраи фарбеҳкунӣ | 0,35±0,05 | 0,70±0,08 |
| Баромади гӯшт, % | дар давраи оғозӣ фарбеҳкунӣ | 48,15 | 47,74 |
| | ҳангоми тамомшавии давраи фарбеҳкунӣ | 53,51 | 55,68 |

Аз нишондодҳои ҷадвали 20 дида мешавад, ки вазни зиндаи қучқорбарраҳои зоти тозаи тоҷикӣ дар давраи фарбеҳкунӣ 12,55 кг ва дурагаҳо бошад 14,65 кг ё ин, ки 35,65 ва 35,86 % афзудааст. Вазни гӯшти тозаи қассобигардида дар ҳарду гурӯҳҳо афзоиш ёфта, дар қӯчқорҳои зоти тоҷикӣ 50,74 ва дурагаҳо бошад 58,46 %-ро ташкил намуд.

Маълумоти овардашуда дар навбати аввал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қӯчқорҳои дурага нисбат ба қӯчқорҳои зоти тоҷикии ҳамсоли худашон аз рӯйи нишондодҳои баромади гӯшт бартари доранд. Баромади гӯшти қучқорҳои дурага пеш аз фарбеҳкуни 47,74 %, зоти тозаи тоҷикӣ бошад 48,15 % ва баъд аз ба охир расидани ё анҷоми давраи фарбеҳкунӣ мутаносибан 5,36 ва 7,94 % зиёд шудааст. Дар асоси ин нишондодҳо саволе ба миён меояд, ки гузарондани корҳои селексионӣ дар самти ҷуфтикунони байни зотӣ ба амал омадани самараи гетероризис шароит фароҳам меорад.

Маълум аст, ки арзиши биологии гӯшт аз рӯйи таносуби ғизонокии қисмҳои нисбатан камарзиш ва серарзиши бадан муайян карда мешавад.

Бо сабабҳои хусусиятҳои хоси генотипӣ ва фенотипӣ арзиши нишондодҳои қассобӣ шудани чорво ҳатто дар ҳудуди як зот ва дурагаҳои он ҳархела буданаш мумкин аст ё ин ки якхела нест.

Маълумот оид ба таносуби сифати гӯшти қисмҳои бадани қӯчқорбарраҳо вобаста аз баромадашон дар ҷадвал 21 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 21.- Баромади гӯшти қӯчқорбарраҳои баромадашон гуногун вобаста ба қисми бадани онҳо**

| Нави гӯшт | Қисми бадан | Давраи фарбеҳкунӣ | Гурӯҳҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | зоти аслии тоҷикӣ | дурагаҳо |
| I | Тахтапушт | дар давраи саршавии фарбеҳкунӣ | 7,50±0,36 | 6,32±0,36 |
| | | ҳангоми тамомшавии давраи фарбеҳкунӣ | 8,67±0,19 | 7,66±0,11 |
| | Қафо | дар давраи саршавии фарбеҳкунӣ | 5,23±0,50 | 4,50±0,08 |
